ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН
БА НОМИ СОТИМ УЛУҒЗОДА

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

ВБД: 891.550 (83.3 (2Т))

**САМИЕВ ҶУМАХОН САЙМУРОДОВИЧ**

# ХУСУСИЯТҲОИ ҒОЯВИЮ БАДЕӢ ВА НАҚДИ МАТНИ «САФАРНОМА»-И НОСИРИ ХУСРАВИ ҚУБОДИЁНӢ

**ДИССЕРТАТСИЯ**
барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ
аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ

**Роҳбари илмӣ:**
Олимӣ Хосият Ҳоким – доктори
илмҳои филологӣ, дотсент

ДУШАНБЕ – 2024

МУНДАРИҶА

МУҚАДДИМА..........................................................................................3-11

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ..........................................................12-15

БОБИ I. ХУСУСИЯТҲОИ ЖАНРӢ ВА ТАҲРИРУ ТАҲРИФ ДАР МАТНИ «САФАРНОМА»-И НОСИРИ ХУСРАВ............................16-54

1.1. Жанри сафарнома: бадеият ва публитсистика.........................................16-22

1.2. Нусхаҳои дастнавис, нашрҳои литографӣ ва таҳриру таҳриф дар матни «Сафарнома»-и Носири Хусрав.........................................23-47

1.3. Нусхаҳои чопи оммавии асар.........................................................48-54

БОБИ II. СОХТОР, БАНДУБАСТ ВА МУҲТАВОИ «САФАРНОМА»-И НОСИРИ ХУСРАВ..................................................................55-101

2.1. Мавзуъ ва мундариҷа..............................................................55-72

2.2. Воқеияти бадеӣ дар асар..........................................................73-101

БОБИ III. ХУСУСИЯТҲОИ БАДЕИИ «САФАРНОМА».........................102-145

3.1. Нақши муаллиф дар асар.........................................................102-124

3.2. Истифодаи санъатҳои бадеӣ......................................................125-130

3.3. Тасвири чеҳраҳои фарҳангӣ ......................................................131-145

ХУЛОСА..........................................................................................146-149

ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ..........................................................................................150

РӮЙХАТИ АДАБИЁТ........................................................................151-162

НАШРИ ТАЪЛИФОТИ ИЛМӢ ДАР МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ.........163-164

ЗАМИМА..........................................................................................165-190

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ**. Сайру саёҳат ва нигориши сафарнома аз аҳди бостон вуҷуд дошта, ҳамчун шеваи махсуси эҷоди асари бадеӣ то кунун идома ёфтааст. Ин тарзи нигориш дар осори адиби бузурге, ба монанди Ҳаким Носири Хусрав низ вомехӯрад. Тасвир ва баррасии мавзеъҳои гуногун бинобар сатҳи ҷаҳонбинӣ ва андешаронии мусаннифи асар бо дарназардошти таҳлилу таҳқиқи авзоъ ва низоми қудратии дилхоҳ минтақа ва давлат, илова бар он, пажуҳиши фарҳангҳо ва вижагиҳои ҳувиятии қавмҳову халқҳои маскун дар манотиқи саёҳатӣ ҷиҳати сафарноманависӣ мусоидат карда, аз донишҳои мукаммали нависандаи асар дарак медиҳад. Носири Хусрав бинобар баррасиҳои назаррас ва нигоҳи интиқодии хеш ба расму оин ва анъанаҳои гуногун, ки дар байни мардумон мавҷуд будааст, сабки соданависиро ихтиёр карда, зимни нигориши аҳвол ҳеҷ гуна ғаразҳои хос ба башарро нишон надодааст.

Сафарномаҳо ҳикояҳои кутоҳи ёддоштиро роҷеъ ба дидаю  шунидаи адибон, ки ба ягон ҷойи муайян сафар намудаанд, дар бар гирифта, мушоҳидаҳои муаллифро  маҷмуан фаро мегиранд ва  хонандаро бо вижагиҳои фарҳангӣ, намоди меъморӣ, расму оин ва ҳунарҳои хосси сокинони гуногунақидаву гуногунмазҳаби дунё ошно месозанд.

Дар таърихи адабиёти форсу тоҷик шоирони зиёди дарбор буданд, ки бо ҳамроҳии шоҳон ба сафар рафта, таассуроти худро маъмулан дар қасидаҳо ифода менамуданд. Одамушуаро Рӯдакӣ низ зимни сафараш ба Ҳирот  ваҷди сафар ва меҳри ватанро дар шеъри «Бӯйи ҷӯйи Муллиён ояд ҳаме» чунон таъсирбахш тасвир менамояд, ки тибқи маълумоти сарчашмаҳо шоҳ баробари шунидани он фаврӣ ба Бухоро бармегардад. Баъзан дар адабиёти бадеӣ сайри маънавӣ низ инъикос меёбад, ки дар заминаи  ягон масъалаи эътиқодӣ, ё худ ирфонӣ сурат мегирад. Масалан, «Мантиқ -ут- тайр» - и Аттор, сафар ба дидори маъшуқ, ё ҷустуҷӯи Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ Шамси Табрезиро, ки моҳияти ирфонӣ доранд.

Дар «Мазҳакаи илоҳӣ»-и Алигери Данте, тасвири сафари нависанда ба ҷаҳаннам, поксозӣ ва биҳиштро дидан мумкин аст.

Муаллифони сафарнома аксаран ба далели мавқеъ, вазифаҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ ба мавзуъҳои интихобнамудаи худ аҳаммияти бештар медиҳанд ва дар бораи вазъи иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва ҳунарӣ маълумоти зиёде ҷамъ меоранд. Таърихи башарият дар зинаҳои гуногуни рушду тараққӣ ва инҳитоти хеш нигоришҳои зиёдеро дар таҳқиқи фарҳангу тамаддуни халқҳо медонад, ки омилҳои пайдоиши онҳо пеш аз ҳама, навигариҳои гуногунҷабҳа аз назари нависандагон маҳсуб мешаванд. Масалан, дар Осиёи Марказӣ ниёгони мо, тоҷикон асарҳое чун «Таърихи Бухоро» дар таълифоти Наршахӣ, «Ҳудуд-ул-олам» бо дарназардошти муаллифи гумном, «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ, «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш, «Савониҳ-ул-масолик»-и Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ ва амсолашон таҳия ва тадвин намудаанд, ки вижагиҳои фарҳангӣ ва хусусиёти ҳувиятии мардумони асримиёнагиро ошкор сохтаанд. Дар осори зикршуда, ки ганҷинаи мероси хаттии имрӯзиён мебошад, одату анъана ва маросими гуногуни халқҳо ва минтақаҳои мухталиф таҳқиқ ёфтаанд. Тарзи нигориши онҳо ҳунарӣ буда, инчунин дар заминаи тамоюли ҷаҳонбинии муаллифон ба вижагиҳои ҳувияти фарҳанги ориёӣ низ ишора мешавад.

Аз миёни ҳамаи сафарномаҳо, ки дар таърихи миллӣ вомехӯранд, «Сафарнома»-и Носири Хусрав, ки чун дигар сафаноманависон мероси гаронбаҳои энсиклопедиро боқӣ гузоштааст, бинобар вижагиҳои содабаёнӣ, ибрози ақоиди дунявӣ ва ифшои ҳақиқати мардумони мухталиф бо дарназардошти бадавиву муқимнишинии онҳо ҷойгоҳи махсусро соҳиб мебошад. Мавсуф дар Хуросон камол ёфта, бинобар пажуҳишҳои гуногун дар самтҳои мухталифи илму илоҳиёти даврон таъсиргузорӣ намудааст. Осори барҷомондаи ин мутафаккир дар таърихи фарҳангу адаби миллӣ камназир аст. Муҳаққиқон бар онанд, ки аксар асарҳои номбурда пас аз сафари ҳафтсолаи ӯ нигошта шудаанд. Бинобар ин, бо итиминони комил метавон гуфт, ки «Сафарнома» нахустин, ё худ яке аз аввалин таълифоти мутафаккир мебошад.

Бояд мутазаккир шуд, ки муҳаққиқони кишварҳои гуногуни олам таваҷҷуҳи бештаре ба асарҳои ӯ аз қабили «Ҷомеъ-ул-ҳикматайн», «Зод-ул-мусофирин», «Хон-ул-ихвон», «Ваҷҳи дин» ва дигар доштаанд. Ин осор, ки фарогири улуми гуногуни ҷомеашиносӣ ва табиатшиносӣ маҳсуб мешаванд, дар замони муосир сафи мутааддиди мутолиакунандагон дошта, беш аз дигарон мавриди пажуҳиши илмӣ қарор гирифтаанд.

Носири Хусрав ҳамчун шахсияти барҷастаи илму маърифат шинохта шуда, тавассути сафари ҳафтсолаи хеш ва инъикоси диданиҳову шунидаҳои худ дар таърихи сафарнигории башар нақши боризе гузоштааст. Барои ӯ мавзуи ахлоқ бо озодандешӣ ва ҳисси ифтихори миллии тоҷикон яке аз нуқтаҳои асосиро ишғол мекунад.

Дар Хуросони бузург ва пеш аз ташаккули анъанаи сафарноманависӣ, таълифи сафарномаи бисёр муҳимме чун «Сафарнома»-и Носири Хусрав боиси ташаккули жанри сафарнома гардида, дар оянда пас аз гузашти тақрибан шаш қарн, аз поёни даврони Сафавӣ, нахустин сафарномаҳо таълиф шуданд, ки дар миёни аҳли дониш маъруфияти густурда пайдо менамоянд.

То имрӯз бобати мавзуъ ва мундариҷаи «Сафарнома» мақолаву диссертатсияҳои зиёде нигошта шудаанд, ки бори дигар аз таваҷҷуҳ ва мавриди назари олимон қарор доштани ин таълифоти мутафаккир дарак медиҳад.

Ҳарчанд бахше аз «Сафарнома»-и Носири Хусрав ба тавсифи маконҳои муқаддаси ду масҷиди муқаддас ва вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҳиҷоз, бахусус шаҳри Макка бахшида шудааст, аммо ба назар мерасад, ки услуби хосе, ки ин сафарнома дорад, дар шакли рисолаи мустақил мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор нагирифтааст.

Бинобар ин, дар диссертатсия мо иқдом намудем бештари масоили алоқаманд ба вижагиҳои ғоявию бадеии асар ва нақди матни «Сафарнома»-ро мавриди таҳқиқ қарор диҳем.

«Сафарнома» аз назари сабкшиносӣ сода ва равон буда, нависанда бо гуфтани «ман, Носир» ба худ ишора мекунад ва дар бораи амали мушаххас ё чизе, ки дар ҷое дидааст, ҳарф мезанад. Носири Хусрав бо насри нисбатан сода

хонандаро бо маҳорати лафзию баёнии худ мафтун месозад ва бо тасвир кардани манзараҳо ва муъҷизаҳои дар сафар дидааш кӯшиш мекунад.

Муҳиммияти мавзуи таҳқиқ дар ин диссертатсия, инчунин, дар он дида мешавад, ки бори нахуст дастнависҳу нашрҳои литографӣ ва нусхаҳои чопии асар мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд. Таҳқиқи вижагиҳои ғоявию бадеӣ, мушаххас сохтани мавзуъ ва мундариҷаи асосии асар, муайян намудани нақши ноқил, таҳлили вижагиҳои баёни ривояту ҳикоёт, тасвири чеҳраҳои таърихӣ ва истифода аз санъатҳои бадеӣ бинобар нуфузи онҳо дар асар омӯхта шуда, дар сурати писандида таҳқиқ ёфтааст. Яке аз масъалаҳои мавриди назар дар кори мо баррасии чопҳои гуногуни «Сафарнома»-и Носири Хусрав мебошад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ**. Омӯзиш ва таҳқиқи «Сафарнома» дар даҳсолаҳои аввали қарни XX оғоз гардида, минбаъд бо суръати шадиде тақвият пазируфтааст. Гузашта аз ин, нашри мукаммали осор ва таълифоти мутафаккир дар ин садсола роҳандозӣ гардида, ҷиҳати пешниҳод мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Дар ин маврид мақолаҳои сершумор ва пажуҳишҳои илмӣ-таҳқиқӣ дар замони Шуравӣ ва дар овони соҳибистиқлолии Тоҷикистон интишор шудаанд.

Дар баъзе сарчашмаҳои асримиёнагӣ, ба мисли «Баҳористон»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ [25, с. 106], «Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ (XV) [49] ва ғайра дар бораи «Сафарнома» маълумот оварда шудааст. Бояд мутазаккир шуд, ки бинобар асари тарҷимаиҳолӣ будани «Сафарнома» аксар маълумоти писандида аз рӯзгору осори мутафаккир ошкор ёфтааст. Аз ин рӯ, асари мазкур дар барқарорсозии зиндагиномаи Носири Хусрав маводи калидӣ маҳсуб мешавад. Лозим ба ёдоварист, ки оид ба рӯзгор ва фаъолияти мутафаккир муҳаққиқони кишварҳои гуногун, монанди Ҳ. Эте, В.А. Иванов, Э. Ҳансбергер, Е.Э. Бертелс, Абдулҳусайни Зарринкуб, Маҳмуди Тарзӣ, Р. Мусулмониён, Худоӣ Шариф, Ҳ. Қаландаров, Н. Бозоров ва дигарон дар заминаи осори ӯ хулосаи худро баён намудаанд. Ҳангоми омӯзиши рӯзгори Носири Хусрав шарқшинос Ҳ. Эте маълумоти муфассалро аз «Сафарнома» гирифтааст [151, с. 171-237].

Дар асарҳои тадқиқотии А. А. Семенов «Носири Хусрав дар борaи ҷаҳони маънавӣ ва моддӣ» [100] ва «Ихтилофот дар таълимоти исмоилиёни Помир ва Носири Хусрав оид ба интиқоли рух» [104] мавзуъҳои гуногуни пажуҳишӣ бобати афкору сатҳи ҷаҳонбинии илмии мутафаккир баррасӣ шудаанд.

Нахустин андешаҳои интиқодӣ дар мавриди матншиносии «Сафарнома»-и Носири Хусрав аз ҷониби Е.Э. Бертелс баён гардида, муҳаққиқ муътақид аст, ки дақиқтарин сарчашмаҳо ҷиҳати омӯзишу баррасии афкори Носири Хусрав фақат асарҳои ӯ маҳсуб мешаванд [41, с. 21].

Сотим Улуғзода дар «Намунаҳои адабиёти тоҷик» дар мавриди рӯзгор ва осори Носири Хусрав як таҳқиқоти хурдеро ба анҷом мерасонад ва дар ин тазкира аз манзумаи «Мунозира ба Худо», намунаҳо аз маснавии «Саодатнома» ва ҳамчунин як пора аз «Сафарнома»-ро овардааст. Зимни омӯзиши рӯзгори ӯ Улуғзода бештар ба «Сафарнома» такя намуда, мутобиқ ба талаботи давр, ба осори ӯ баҳо додааст. Масалан, Сотим Улуғзода чунин зикр мекунад, ки Носири Хусрав «сатрҳои ба таври чуқур даҳригӣ (атеистӣ)» дорад, ки ин фикр қобили қабул нест [139, с. 95].

Холиқ Мирзозода дар хрестоматияҳои адабиёт барои синфҳои 5 ва 7 ба анъанаи ёддоштнависӣ таваҷҷуҳ намуда, баъзе масъалаҳои иртиботдошта ба Носири Хусравро тафсир менамояд ва аз «Сафарнома» ва баъзе асарҳои дигари ӯ намунаҳо овардааст [74, с. 106].

Холиқ Мирзозода хонандаи тоҷикро бо ҳаёту эҷодиёт ва «Сафарнома»-и Носири Хусрав шинос намуд. Ӯ дар саҳифаи рӯзномаи «Газетаи муаллимон» [21] ва маҷаллаи «Шарқи Сурх» ду мақола ба табъ расонида, доир ба ҳаёту эҷодиёти шоир маълумоти умумӣ дарҷ кардааст [22]. Баъдтар дар китоби «Таърихи адабиёти тоҷик» роҷеъ ба рӯзгор ва осори Носири Хусрав малумот меорад ва дар як муддат ҷаҳонбинии Носири Хусравро шарҳ медиҳад [75, 133-176].

Солҳои 40-уми садаи сипаришуда рӯзномаи «Коммунист Таджикистана» ҷиҳати баъзе хусусиятҳои «Сафарнома» мақолае аз чоп баровард, ки он навишта дар ошносозии чеҳраи илмии Носири Хусрав нақши бориз гузоштааст.

Ҳамчунин, адабиётшинос Камол Айнӣ китоби «Гулчине аз деъвони ашъор»-ро мунташир сохта, хонандаи муосирро аз намунаҳои ашъори Носири Хусрав воқиф намудааст. Лозим ба ёдоварист, ки ҳадаф аз нашри мероси хаттии Носири Хусрав муаррифии ӯ ва огаҳгардии доираи васеи хонандагон бо намунаҳои осор буд. Бинобар ин, нашри намунаҳо ин фаҳмишро далолат дошт, ки дере нагузашта осори мутафаккир бояд дар шакли баргузида интишор гардад. Бинобар ин, бо иқдоми Салоҳат ва Камол Айнӣ яке аз асарҳои камназири нависанда, ки «Сафарнома» мебошад, дар соли 1970 аз чоп баромад [13].

Бояд мутазаккир шуд, ки дар ганҷинаи Мероси хаттии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон баъзе асарҳо бо номи мутафаккир маҳфузанд ва бетаҳқиқ инсон фикр мекунад, ки воқеан, ин осор ба Носири Хусрав тааллуқ дорад. Аз ҷумла, яке аз онҳо «Сафарномаи Машриқ», дигарӣ «Насабномаи Шоҳ Носир» ва савумӣ «Саргузашти Носири Хусрав» номгузорӣ шудаанд.

Дар илми ховаршиносии Шуравӣ ба омӯзиш ва интишори афкору ҷаҳонбинии Носири Хусрав диққати зиёд дода шуда буд. Олимон дар он айём паҳлуҳои мухталифи осор ва афкори мутафаккирро мавриди баррасӣ қарор дода, ӯро аз зумраи беҳтарин донишмандони тоҷик ном бурдаанд.

Ба қавли А. Алимардонов, «Сафарнома» дар радифи дигар таълифоти Носири Хусрав кайҳо боз таваҷҷуҳи ховаршиносон ва аҳли таҳқиқро ба худ ҷалб сохтааст ва дар ҷодаи омӯзишу таҳқиқ ва табъу нашри он як идда корҳои муҳимму шоиста анҷом дода шудааст» [31, с. 114].

И.С. Брагинский дар мавриди фаъолияти эҷодии Носири Хусрав диди дигарро пешниҳод намудааст. Ба андешаи ӯ, «Носири Хусрав шахси меҳнаткашро тараннум ва дар симои ӯ силсилаи томи инсонгароӣ – меҳрубонӣ, дустӣ, садоқат... ва дигарро мебинад» [45, с. 180].

Л. Додихудоева ва М.Л. Райснер поэтикаи осори мутафаккирро таҳқиқ намудаанд. Дар таҳқиқоти онҳо мавқеи Носири Хусрав дар таърихи адабиёти классикии форсӣ ва баррасии нақши ӯ ҳамчун воизи барҷаста ва нававари сабки тозаи шоирӣ таъкид шудааст [56].

Баъзе пажуҳишҳои густурдаи муҳаққиқон ҷиҳати афкори фалсафии Носири Хусрав дар кишвари мо ва амиқан, дар Иттиҳоди Шуравӣ аз солҳои 50-уми садаи гузашта оғоз гардида, бо номи муҳаққиқ А. Эделман зич алоқаманд аст. Номбурда дар диссертатсияи худ тарзи тафаккур ва ҷаҳонбинии мутафаккири тоҷикро мавриди пажуҳиш қарор додааст [137].

Мавсуф дар мавзуи «Носири Хусрав ва ҷаҳонбинии ӯ» диссертатсияи илмӣ ҳимоя карда, нисбат ба вижагиҳои шеъри Носири Хусрав якчанд мақола низ мунташир сохтааст [137].

Э. Браун дар мавриди мавқеи Носири Хусрав дар адабу фарҳанги тоҷику форс андешаашро баён намуда, ӯро дар «озодандешӣ» аз дигар адибони классик бартарият медиҳад [46].

Дар рисолаи «Насир Хусрав – рубин Бадахшана: портрет персидского Поэта, Путешественника и Философа» (2005) Элис Хансбергер ҷаҳонбинии Носири Хусравро аз диди нав баррасӣ намуда, зимнан «Сафарнома»-ро ҳамчун як асари воқеӣ муаррифӣ намудааст [121].

Осори фалсафии Носири Хусрав аз ҷониби академик А.М. Баҳоваддинов мавриди пажуҳиши густурда қарор гирифтааст [44, с. 332].

Дар нимаи дувуми садаи сипаришуда файласуфону ҷомнашиносон ба омӯзишу пажуҳиши осори мутафаккир ҳусни оғоз бахшида, якн аз нахустин таҳқиқоти назаррас рисолаи Ғ. Ашуров таҳти унвони ақидаҳои фалсафии Носири Хусрав» (аз рӯйи рисолаи «Зод-ул-мусофирин») мебошад. Муаллифи китоб масъалаи вижагиро дар фалсафаи мутафаккир ҷустуҷӯ намуда, ба хулосае омадааст, ки доираи ҷаҳонбинии Носири Хусрав то андозае васеъ аст, ки бобати баррасии он донишҳои фаровон лозим [36].

Дар таҳқиқи Р. Назариев «Фалсафаи иҷтимоии Ихвон-ас-Сафо ва Носири Хусрав» «назари Носири Хусрав оид ба проблемаҳои иҷтимоӣ ва ахлоқӣ» таъкид шудааст [84].

Дар забоншиносии муосири тоҷик роҷеъ ба услуби осори Носири Хусрав як қатор таҳқиқот ба анҷом расидааст. Хусусиятҳои луғавӣ ва услубии «Сафарнома»-и Носири Хусрав аз ҷониби М. Амонова мавриди таҳқиқ қарор

гирифта, дар онҳо ҷанбаи луғавии асар аз рӯйи принсипҳои лексикӣ-семантикӣ ва масъалаҳои услубии «Сафарнома» баррасӣ шудаанд [32]. Дар асари Р. Назариев ва Ш. Назарамонов «Фарҳанги забони Носири Хусрав», асосан, тафсири истилоҳоти динии осори адиб оварда шудааст [84].

Бо вуҷуди ин, нашри осори мутафаккир қонеъкунанда намебошад, чунки оид ба тарзи тафаккур ва ҷаҳонбинии ӯ пажуҳишҳо бисёр бошанд ҳам, таҳқиқи ваижаро ҳанӯз ҳам анҷом надодаанд. Бинобар ин, лозим ба тазаккур аст, ки вобаста ба нашри осор мебоист таҳлилу таҳқиқи андешаҳо ҷойгузин гардида, бинобар нигоҳу равиши фалсафии мутафаккир дар баробари иқтибосот аз асарҳо, ҳамчунин, нигоҳҳои таҳлилӣ ҷойгир мешуданд. Масалан, дар таҳияи А. Девонақулов соли 1991 «Куллиёти Носири Хусрав» интишор гардид, аммо василаи нашри осор ниёз ба баррасиҳои интиқодӣ низ дорад [14].

Соли 2003 бошад, дар иртибот бо фаророасии ҷашни 1000-солагии Носири Хусрав куллиёти сеҷилдаи ӯ дар таҳияи А. Алимардонов, А. Девонақулов, Н. Амиршоҳӣ ва Ф. Бобоев [5] ба табъ расонида шуд, ки аксари кулли мероси манзуми шоирро фаро гирифтааст. Пасон, амиқтар агар гӯем, пас аз шаш соли ин чоп, яъне соли 2009 бо таҳияи А. Алимардонов ва Н. Амиршоҳӣ «Девони ашъор»-и Носири Хусрав дар ду ҷилд чоп гардид, ки тақвият пазируфтани интишороти осори мутафаккирро дар даврони соҳибистиқлолӣ исбот менамояд [19].

Агар ба муҳтавои таҳлилоти ду давраи таҳқиқӣ, яъне шуравӣ ва соҳибистиқлолӣ назар афканем, дигаргунии кул дар таҳқиқи осори мутафаккир ба назар намерасад, аммо метавон гуфт, ки муҳаққиқон дар даврони соҳибистиқлолӣ аз дидгоҳи атеистии баррасӣ даст бардоштаанд.

Мақолаҳои зиёде дар бораи ҳаёт ва фаъолияти Носири Хусрав барои ошноии хонандаи ҷаҳон бо ҷаҳонбинӣ ва дидгоҳи мутафаккир нақши муҳим доранд. Ба инҳо осори А. Е. Кримский, И.С. Брагинский, В.Б. Никитин, Л. Бузургзода, К. Айнӣ, М. Дарвеш, М. Муҳаққиқ, С.Х. Тақизода, М. Тарзӣ, Р. Мусулмониён, Л.Р. Додихудоева, А. Девонақулов, С. Раҳимзода, Н. Арабзода, Х. Шариф, А. Алимардонов ва дигарон  дохил мешаванд. Баъзе масъалаҳои

вижагиҳои осори Носири Хусрав дар мақолаҳое, ки дар китоби «Носири Хусрав дирӯз, имрӯз, фардо» (материалҳои конфронси байналмилалӣ бахшида ба 1000-солагии Носири Хусрав (2003) ба табъ расидаанд, интишор ёфтаанд.

Бузургии шахсияти Носири Хусрав аз он низ гувоҳӣ медиҳад, ки конфронси байналмилалии илмӣ-амалӣ бо ибтикори ЮНЕСКО дар Эрон дар соли 1976 ва семинари байналмилалии «Носири Хусрав – мубориз дар арсаи ақлу дониш ва адабиёт» соли 1987 дар Кобул баргузор гардид, ки ба ҳаёт ва фаъолияти адиб бахшида шуда буд.

Дар маҷмуъ, ба мероси эҷодии Носири Хусрав на танҳо олимони Тоҷикистон, балки муҳаққиқони Русия, Афғонистон, Эрон ва дигар кишварҳо таваҷҷуҳи зиёди илмӣ зоҳир намудаанд.

Ҳамин тавр, таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки бо вуҷуди он ки осори Носири Хусрав беш аз сад соли охир аз нигоҳи илмӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст, ҳанӯз ҳам масъалаҳое ҳастанд, ки дар ростои «Сафарнома»-и Носири Хусрав ба таври кофӣ таҳқиқ нашудаанд.

**Робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи барномаи корҳои илмию таҳқиқотии кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филология ва рӯзноманигории Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода иҷро шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ

**Мақсади таҳқиқ.** Мақсади асосии таҳқиқ дар ин диссертатсия баррасии масъалаҳои алоқаманд ба хусусиятҳои ғояаию бадеӣ, нақди матн, мавзуъ, мундарича ва нақши ноқил дар сохтори муҳтавоии «Сафарнома»-и Носири Хусрав мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқ.** Ҷиҳати ноил гардидан ба ҳадафҳои пешгузошта диссертант дар назди худ чунин вазифаҳоро гузоштааст:

– баррасии нусхаҳои мухталифи дастнависҳо;

– таҳқиқ ва нақди матни «Сафарнома»-и Носири Хусрав;

– таҳлили ҳунари чеҳранигорӣ ва бадеият дар асар;

– мушаххас намудани мавқеи санъатҳои бадеӣ дар «Сафарнома»;

– муайян намудани нақши ноқил дар асар;

– маълум сохтани ангезаҳои динӣ ва фаҳмиши воқеии Носири Хусрав дар асар.

**Объекти таҳқиқ.** Адабиёти асри XI форсу тоҷик, ҷараёни сафарноманависӣ дар адабиёт дар заминаи жанрӣ ва осори назариявӣ.

**Предмети таҳқиқ**. Омӯзиши хусусиятҳои жанрӣ, нақди матн ва нусхаҳои «Сафарнома»-и Носири Хусрав предмети таҳқиқи мо қарор гирифтааст.

**Асосҳои назарии таҳқиқ.** Дар таълифи диссертатсия ҳамчун асосҳои назариявии таҳқиқ ба корҳои илмӣ-таҳқиқоти адабиётшиносон Е.Э. Бертелс, Н. И. Конрад, И. С. Брагинский, Х. Шарифзода, Х. Отахонова, А. Кӯчарзода, М. Имомзода ва дигарон такя карда шудааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқ.** Барои баррасӣ ва таҳқиқи масъалаҳое, ки ҳалли онҳоро дар диссертатсия ба уҳда гирифтаем, пеш аз ҳама, равиши муқоисавӣ-таърихиро асоси кор қарор дода, аз равишҳои таҳлили сохторӣ ва омориву тавсифӣ низ истифода кардаем.

**Сарчашмаҳои таҳқиқ.** Сарчашмаи асосии таҳқиқи диссертатсияро китоби «Сафарнома»-и Носири Хусрав ташкил медиҳад.

**Навгонии илмии таҳқиқ.** Дар рисола хусусиятҳои услубию бадеӣ, нақди матни омавии «Сафарнома», мазмун, мундарича, сабк ва дигар паҳлуҳои таҳқиқоти адабиётшиносӣ мавриди баҳс қарор гирифтааст. Ҳамзамон, масъалаҳои муайян намудани ҳунари чеҳранигорӣ, мушаххас намудани мавқеи санъатҳои бадеӣ дар «Сафарнома» ва нақши ноқил дар асар баррасӣ гардидаанд.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда**:

1. Жанри сафарнома вижагиҳои тарҷумаиҳолӣ дошта, таассуроти муаллифро фаро гирифтааст. Гуногунии матн дар асар имкон медиҳад, ки жанри сафарнома табиатан бадеӣ ва ҳуҷҷатӣ бошад.
2. «Сафарнома»-и Носири Хусрав бо забон ва вижагиҳои жанриаш аз дигар осори насрии нависанда фарқ мекунад, ки бо услуби хосси даврони Ғазнавиён ва Салҷуқиён навишта шудааст.
3. Нусхаи чопи «Сафарнома»-и Носири Хусрав то ҳанӯз мавриди баҳси матншиносон қарор гирифта, набудани нусхаи дақиқ ё куҳна ва ё истифода набурдани усули якхела дар он маълум гардидааст.
4. Новобаста аз ғановати бадеию ғоявии осори Носири Хусрав, то ҳол матни «Сафарнома» ба таври комил омӯхта ва пажуҳиш нашудааст.
5. Воқеаҳо дар «Сафарнома» бо тартиби хронологӣ сурат гирифта, дар матн ҳикояту ривоятҳои гуногун низ мавқеъ доштааст.
6. Зимни мушаххас намудани мавқеи санъатҳои бадеӣ ва хусусиятҳои бадеию услубии «Сафарнома» нуктапазирии нависанда дар иншои як асари муъҷази воқеӣ маълум карда шуд.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ**. «Сафарнома» мушоҳидаҳои сафари ҳафтсолаи Носири Хусрави Қубодиёнӣ ба сарзаминҳои Рум, Миср, Ҳиҷоз ва Байнаннаҳрайнро дар бар мегирад. Пас аз хоби аҷиб Носири Хусрав тасмим гирифт, ки ба ҳаҷ равад ва ҳафт соли умри худро дар саёҳати ҷаҳон сарф кард. Санаи дақиқи иншои «Сафарнома»-и Носир Хусрав маълум нест. Аммо далелҳо нишон медиҳанд, ки Носир Хусрав ин асарро ҳангоми сафар

дар роҳ навиштааст. Бисёре аз муҳаққиқон бар ин назаранд, ки «Сафарнома»-и Носир Хусрав барои ошноӣ бо шароити ҷомеаи он замон ва марказҳои муҳимми тамаддуни исломӣ басо фарогир ва мукаммал буда, аз сарчашмаҳои муҳимми ҷуғрофӣ ва таърихӣ маҳсуб мешавад.

Дар диссертатсия масъалаҳои матншиносӣ ва хусусиятҳои бадеию услубии «Сафарнома» дар адвори сабки насрӣ ва дигар паҳлуҳои таҳқиқоти адабиётшиносӣ мавриди баҳс қарор гирифтааст. Ин таҳқиқ дар омӯзиши масъалаҳои марбут ба таърихи адабиёт, назарияи адабиёт, матншиносӣ ва сарчашмашиносӣ метавонад ҳамчун манбаъ истифода гардад. Диссертатсияро дар таълифу тадвини китобҳои дарсӣ, маводи таълимӣ, дастурҳои методӣ ва рисолаи илмӣ истифода намудан мумкин аст. Таҳқиқоти мазкур дар мушаххас намудани хусусиятҳои бадеии «Сафарнома»-и Носири Хусрав мусоидат мекунад.

**Мутобиқати мавзуи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи таҳқиқ ба шиносномаи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ (илмҳои филологӣ) мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Ҷустуҷӯ ва хулосаҳои унвонҷӯ дар мақолаҳои илмӣ, маъруза дар маҳфилу конфронсҳои сатҳи гуногун ва диссертатсия инъикос ёфтаанд Аз ҷониби муаллиф ба вуҷуд овардани матни саҳеҳ ба тариқи ҷадвали таҳқиқи матншиносии «Сафарнома»-и Носири Хусрав пешниҳод гардидааст.

**Тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ**. Доир ба мавзуи рисола муаллиф дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ зерин баромад кардааст: конференсияҳои ҷумҳуриявии илмӣ-амалии «Масъалаҳои мубрами филология, ҷомеашиносӣ ва фанҳои табиӣ-риёзӣ дар даврони соҳибистиқлолӣ» (ДДЗТ ба номи С. Улуғзода, 13.04.2021 – 21.04.2021), «Таҳқиқи масъалаҳои муҳимми илмҳои гуманитарӣ, ҷомеашиносӣ ва дақиқ дар шароити бисёрфарҳангии таҳсилот» ба ифтихори Рӯзи илми тоҷик (ДДЗТ ба номи С. Улуғзода, 11.04.2022 – 16.04.2022) ва конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ таҳти

унвони «Филологияи Шарқ: пажуҳиши забоншиносӣ, равобити адабӣ ва тарҷумашиносӣ» (ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода, 08.12.2023).

Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон санаи 25-уми январи соли 2024 (суратҷаласаи №6) муҳокима ва ба ҳимоя тавсия шудааст.

**Нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия.** Аз рӯйи мавзуи диссертатсия 7 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ҳашт фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замима иборат буда, ҳаҷми умумии он 190 саҳифаро ташкил медиҳад.

# БОБИ I

# ХУСУСИЯТҲОИ ЖАНРӢ ВА ТАҲРИРУ ТАҲРИФ ДАР МАТНИ «САФАРНОМА»-И НОСИРИ ХУСРАВ

## 1.1. Жанри сафарнома: бадеият ва публитсистика

Ҳангоми омӯзиши насри бадеӣ таҳқиқи шакл, мазмун, мундариҷа ва идея муҳим аст. Ҳар як мавзуъ барои ба миён гузоштани проблемаҳои гуногун асос шуда метавонад. Идея моҳияти муносибати нависанда ба ҳаёт аст, ки андешаи асосии умумиро дар шакли образнок баён намуда, муносибати муаллифро ба ҳалли проблемаи асосии асар муайян месозад. Ҳангоми баррасии асари бадеӣ сюжет, композитсия, персонажҳои марказӣ ва дуюмдараҷа, усулҳои офаридани нақшҳо, персонажҳо, манзара, ҷузъиёти бадеӣ ва сабки он мавриди пажуҳиш қарор мегирад, ки таҳқиқи жанри сафарнома низ ба масъалаҳои зикршуда такя мекунад. Ин жанр то имрӯз мавриди баҳс дар адабиётшиносӣ қарор дорад.

Н. М. Маслова ба жанри сафарномаҳои бадеӣ чун ба таълифи якчанд шаклҳои жанрӣ таваҷҷуҳ зоҳир менамояд. Норавшании назари муҳаққиқ, ки дар монографияҳои «Сафарнома ҳамчун як жанри публитсистика» (1973), «Очеркҳои сайёҳӣ: мушкилоти жанр» (1980) пешниҳод ёфтааст, дар ин пажуҳиш ошкор мешавад, ки анъанаи ёддоштнависӣ фақат хосси кишварҳои Ғарб набуда, ҳатто пеш аз онҳо донишмадони Шарқ ба он таваҷҷуҳ кардаанд. Бинобар ин, ҷалби аносири табиӣ дар ёддоштнависии мазкур бо дарназардошти баррасии дунявии ҷаҳонбинӣ дар зеҳни хонанда таъсир мегузоранд ва аз тарафи дигар, тақсимоти сафар ба «таҳқиқот» мебошанд [72, с. 45].

Н. М. Маслова жанри сафарномаро аз нуқтаи назари мансубияташ ба журналистика таҳқиқ мекунад. Номбурда дар байни хусусиятҳои жанрӣ, ки ба сафар хос аст, ин анъанаро маҳсули ақидаҳои публитсистӣ дониста, мутмаин аст, ки маҳз ин паҳлуи ёддоштнависӣ осори мазкурро вижагиҳои дунявӣ бахшидааст [72, с. 6].

Масъалаи муайян кардани навъ ва жанри сафарномаҳо нисбатан андешаи нав аст. Ҳатто дар солҳои шастуми асри гузашта ин навъи адабиёт ба таври равшан дарк нашуда буд. Масалан, муҳаққиқон М.П. Венгеров ва Л.И. Тимофеев зимни пажуҳиши сафарномаҳо жанри онҳоро бадеӣ гуфта, иловатан, иброз доштаанд, ки ин шакли ёддоштнависӣ аз таассуроту саргузаштҳои сайёҳ иборат мебошад [48, с. 124].

Дар ин таъриф дар бораи жанри сафарнома чизе гуфта нашудааст, танҳо навъи гуфтор ва мавзуи нақшофарӣ нишон дода шудааст. Мавқеи В. М. Гуминскийро мукаммалтарин ва ҳаматарафа ҳисоб кардан қонунист ва муҳаққиқ чунин меорад, ки «таъсири мутақобилаи мураккаби шаклҳои ҳуҷҷатӣ, бадеӣ ва фолклориро қайд мекунад, ки бо нақшофарии қаҳрамони сайёҳ муттаҳид шудаанд» [51, с.43].

Дар бисёр маврид, сафарномаҳо дар доираи ҷаҳонбинии сайёҳ мавриди баррасӣ қарор мегирад.

В. А. Михайлов дар монографияи «Эҳёи жанри сафарнома дар осори адибони қарнҳои XVIII-XIX» (1999) жанри сафарномаро бо асарҳои фантастикӣ тасниф мекунад. Дар ин росто адабиётшинос таъкид мекунад, ки ёддоштҳои сафарӣ ё сафарнома дар сатҳи сохтор ва мундариҷа қодиранд, ки унсурҳои шаклҳои мухталифи жанрӣ – очерку репортажро ба ҳам бипайвандад [76, с. 21].

Комилан, бар ин андешаҳо метавон назари Раҳими Мусулмониёнро таъкид намуд, ки бевосита чунин иброз намудааст: «Дар ин жанри адабӣ шахси соҳибқалам чизҳои ҷолиби диққати дар шаҳру кишварҳои дигар дидааш ва ҳодисаҳою ҳолатҳои мароқангези мушоҳида кардааш ва аз сар гузарондаашро тасвир мекунад» [79, с.277].

Ба фикри Р. Мусулмониён, «дар сафарнома тахайюл, албатта, нақш дорад, аммо вай истиқлол надорад, балки тобеи воқеият мебошад. Муаллифи сафарнома ягон чизи ҷиддӣ аз худ илова карда наметавонад. Ба ин маънӣ: «методи эҷодии сафарномаҳо реализм мебошанд» [79, с.277].

Агар нуктаҳои болоро ба назар гирем, жанри сафарнома вижагиҳои хоси худро дорад, ки бо принсипҳои интихоби мавод ва хусусиятҳои нақл, бо дарназардошти хронотоп дар симои муаллиф зоҳир мешавад.

Жанри сафарнома  мавзуъ, мазмуни жанр ва шакли худро дорад. Сафарнома ба тавсифи ҳаракат дар фазо ва замони қаҳрамони сайёҳ, нақл дар бораи ҳодисаҳои дар рафти сафар ба амал омада, таассуроти сайёҳ, андешаҳои ӯ дар мавриди мушоҳидаҳояш ва нақшаи васеи иттилоотӣ ва тарбиявӣ асос ёфтааст.

Жанри сафарнома  дорои хусусияти бадеӣ, ҳуҷҷатӣ-бадеӣ, бадеӣ-публитсистӣ (вобаста ба аҳаммияти вазифаии матн ва хусусияти мавзуъ) ва мазмуни унсурҳои шаклҳои гуногуни жанр-очерк, ривоят, нома, ҳикоя ва ғайраро муттаҳид карда метавонанд, яъне сафарнома барои омехташавии дигар навъҳои насри тарҷумаиҳолӣ омода аст.

Дар байни адабиётшиносон оид ба моҳияти ин истилоҳ мавқеи ягона вуҷуд надорад, ғайр аз ин, на ҳама адабиётшиносони муосир худи далели мавҷудияти сафарномаро ҳамчун як жанр муайян накардаанд.

Сафарнома  ба тавсифи ҳаракат дар фазо ва замони қаҳрамони сайёҳ, нақл дар бораи воқеаҳое, ки дар рафти сафар ба амал омадаанд, дар бораи таассуроти сайёҳ, андешаҳои ӯ дар мавриди дидааст, бо сарчашмаҳои иттилоотию тарбиявӣ асос ёфтааст.  Сафарнома  ҳамчун жанр дар заминаи саёҳати ҷаҳон ба вуҷуд омада, дар айни замон дар шакли ёддоштҳои рӯзнома ва ёддоштии сафарҳои дорои хусусияти бадеӣ, ҳуҷҷатӣ-бадеӣ, бадеӣ-публитсистӣ (вобаста ба аҳаммияти функсионалии матн ва хусусияти мавзуи он) амалӣ мегардад.

Сафарнома  аз лиҳози  сохтор ва мазмун унсурҳои шаклҳои гуногуни жанр-очерк, ривоят, нома, ҳикоя ва ғайраро муттаҳид карда метавонанд, яъне сафарномаҳо барои синтез бо дигар навъҳои насри биографӣ ҳамоҳанг ҳастанд.

Гуногунии мавзуии навиштаҳои сафарнома имкон медиҳад, ки жанри сафарнома табиатан бадеӣ ва ҳуҷҷатӣ бошад. Ин аз табиати омехтагии жанр шаҳодат медиҳад. Яъне, ба хулосае омадан бамаврид аст, ки сафарнома бештар

ба мавқеи ҷаҳонбинии муаллиф ва қисман ба таъсири мухотаб дар интихоби маводи сайёҳӣ вобаста аст.

Дар таркиби сафарнома робитаҳои байниматнӣ, ки барои амалӣ намудани муколамаи фарҳангӣ бо мақсади васеъ намудани ҳудуди фазои бадеии асари сайёҳӣ нигаронида шудаанд, мавқеи назаррас дорад. Дар «Сафарнома»-и Носири Хусрав инкишофи хатҳои сюжетӣ хеле равшан мушоҳида шудааст, ки мавҷудияти онҳо аз хусусияти бадеии сафарнома шаҳодат медиҳад. Дар баробари ин, баёни авзои сайёҳ, саъю кӯшишҳои ӯ, тағйироти мавқеи ҷаҳонбинӣ ва болоравии маънавии ӯ хеле хуб ифода мегардад.

Сафарнома аслан ҳамон намунаи эпикиест, ки рафти ҳаёти инсонро қисса мекунад, мисли аз як таассурот ба таассуроти дигар гузаштан, ба вуҷуд омадани расму характерҳои нав ба шумор меравад.

Сафарнома жанри адабиёти бадеӣ аст, ки ба тасвири ҳаракати воқеӣ ё хаёлӣ дар фазои воқеӣ ё афсонавии қаҳрамони сайёҳ, шоҳиди айнӣ, ки воқеият ва падидаҳои каммаълум ё номаълуми дохилию хориҷиро тасвир мекунад, асос ёфтааст. Асоси тафаккури муаллиф дарки тарзи тафаккури бадеӣ ва инъикоси воқеият маҳсуб мешавад.

Жанри сафарнома дар адабиёти форсу тоҷик анъанаҳои таърихии худро дорад. Муносибати жанр ва сохтори ривоятии он хусусияти дутарафа дорад, ки бо табдили жанр дар раванди таҳаввулоти адабӣ алоқаманд аст: нақл ҳаракати жанрро таъмин намуда, роҳҳои нави робита ва тасаввуротро таҳия менамояд.

Ин жанр метавонад масъалаҳои фалсафӣ, тафсирҳои сиёсӣ, мардумшиносӣ, ҷуғрофӣ, антропологӣ, таърихӣ ва ғайраро дар бар гирад. Ба ин тартиб, марзҳои жанри сайёҳӣ норавшан аст. Дар ин маврид, баррасии таснифоти жанр ва роҳҳои мухталифи таърифи истилоҳи сафарнома аз ҷониби олимон як қисми таркибии категорияи умумӣ мебошад.

Сафарномаҳо имкони бузурги истифодаи категорияи сюжетро дар таҳлили бадеӣ ошкор намуда, инчунин имкон медиҳад, ки моҳияти бадеии он то андозае равшан карда шавад. Дар натиҷа, тағйири бахшҳои матн, ки дар асоси анъанаҳои гуногуни жанрӣ ташкил карда шудаанд, яке аз зуҳуроти ҳаракати

сюжетии асар шуда метавонад. Сюжети сафарномаҳо як навъи махсуси низоъро дар назар дорад, ки бар асоси таъсири мутақобилаи ровӣ- сайёҳ ва ҷаҳони тасвиршуда асос ёфтааст.

Мушкилии дигаре, ки зимни пажуҳиши вижагиҳои сохторӣ дар сафарномаҳо ба вуҷуд меояд, барасии муаллифи ӯ чун персонажи нахустину асосӣ аст. Аммо бо вуҷуди ин, баробари муаллиф дигар қаҳрамонҳо бо афкору эҳсоси худ инъикос меёбанд. Вобаста ба жанри таҳқиқшаванда ҳаминро метавон гуфт, ки муаллиф хоҳнохоҳ ҳангоми тасвир хатти сюжетро бо фаъолияти персонажҳо алоқаманд менамояд.

Жанри сафарнома дар раванди адабӣ мавқеи махсусро ишғол мекунад. То кунун дар адабиётшиносии хориҷӣ на танҳо дар бораи моҳияти ин истилоҳ назари ягона вуҷуд надорад, балки на ҳама адабиётшиносони муосир худи мавҷудияти «сафар»-ро ҳамчун жанр қабул мекунанд.

Дар тӯли давраҳои минбаъда дар самтҳо ва услубҳои гуногуни муносибат ба сафарнома чун жанри адабӣ тағйироти ҷиддӣ ба вуҷуд омад. сафарнома дар раванди адабӣ анъанаи чандинасра дорад. Дар адабиёти аврупоӣ жанри сафарномаро «адабиёти саёҳатӣ» номидаанд [48, с.273].

Ба андешаи Р. Мусулмониён, сафарнома ҳамчун жанри адабӣ иборат аст аз: «Якум, тавсифи сайёҳ (шоҳиди айнӣ) аз нақшҳои ҷуғрофӣ, этнографӣ ва иҷтимоии кишварҳо, сарзаминҳо, халқҳо ва ғайра, ки дидааст, ёддоштҳо ё рӯзномаи сайёҳон; дувум, аносири бадеӣ, бештар эпикӣ, жанрӣ, ки сюжет ва композитсияи он ба сохту тарзу усулҳои муаррифии сафари ҳуҷҷатӣ бармегардад» [79, с.277].

Барои инкишофи жанри бадеии сафарнома махсусан қайдҳои сафарӣ, рӯзномаҳо, ҳикояҳои хурд, ба истилоҳ сафарҳои ҳуҷҷатӣ ва ҳам ривоятҳое, ки тавассути он ин ҳикояҳо тавлид гардидаанд, таъсир расонидааст. Бисёре аз сафарномаҳо то ҳол арзиши маърифатӣ ва эстетикиро нигоҳ медоранд. Жанри бадеии сафарномаҳо қариб дар тамоми адабиёти бадеӣ пастию баландиҳои инкишофи худро аз сар гузаронида, унсурҳои «тасвирҳои ҷуғрофӣ»-и

муаллифони сайёҳ, ҳоҷиён, дарвешҳои овора, мубаллиғон, иштирокчиёни ҷангҳои салибӣ, тоҷирон, сафирони дипломатӣ ва ғайраро аз худ кардааст.

Методи муқоисавӣ имкон медиҳад, ки дар сафарнома як мансубияти мавзуӣ ҳам хусусиятҳои тавсифии якхела ва ҳам аломатҳои комилан гуногуне дар бораи таассуроти сафарро пайхас намуд. Аз ин лиҳоз, ба хулосае омадан бамаврид аст, ки бадеият дар ёддоштҳои сафарӣ бештар ба мавқеи ҷаҳонбинии муаллиф ва қисман ба таъсири муошират дар интихоби маводи сафар вобастагӣ дорад.Симои муаллиф дар доираи сохтори сюжетии сафарнома мустаҳкам мегардад. Вай як моҳияти дугонаро ба худ касб мекунад: муаллиф ва сайёҳ.

Омӯзишу баррасии жанри сафарнома имкон ба амал меоварад, ки хусусиятҳои ғоявию бадеии он муайян гардад. Мусаллам аст, ки ҳангоми омӯзиши поэтикаи сафарномаҳо тасвири воқеияти зиндагӣ, таносуби тахайюл ва воқеият, муошırати ҳамзамонон, сабки махсуси насри он, анъана ва навоварӣ ва таъсирпазирии насри бадеӣ муайян карда мешавад.

Дар адабиёти Шарқ барои ифодаи сарнавишти авлиёву пайғамбарон ва амирону шоҳон жанрҳои сияр, маноқиб, мақомот ё мақома, қасида ва ғайра мавҷуданд. Ду истилоҳ мустақил буда, ҳарду аз калимаҳои арабии «сафар» ва «сайр» пайдо шудаанд. Қисми дуюми ин истилоҳҳо якест ва он ҳам нома муаррифӣ мешавад. Манзур аз нома, пеш аз ҳама, сабти ёддошту хотира аст, ки дар дафтари рӯзнома нақл меёбанд. Ногуфта намонад, ки дар адабиёти қадим калимаи «нома» маънии «китоб»-ро ҳам дода метавонист.

Маликушшуарро Муҳаммадтақии Баҳор роҳҳои ташаккули насри гузаштаро чунин тазаккур додааст: «Аммо бояд бидонем, ки ҳар чӣ таърих болотар меравад, насрнависӣ содатар ва насри фаннӣ ба насри сода шабеҳтар ва алфоз ва калимоти онҳо маҳдудтар аст ва ҳар чӣ дар ҷодаи таърих поинтар меоем, наср барои такмили худ аз назм чизе мерабояд ва перояи хеш месозад ва бар зебоии худ меафзояд. Дар натиҷа, алфозу калимот зеботар ва асбобу абзори баёни матлаб бештар ва саноеъ дар он афзунтар ба кор бурда мешавад ва ҳамин тасаввур дар шеър низ ба хубӣ машҳур ва пойдор аст» [71, с. 23].

Д. С. Лихачёв масъалаи таҳқиқи поэтикаи асарро дар чунин ҳолат зарур пиндошта, таъкид менамояд, ки бобати ин унсур муҳаққиқон омилҳои таърихиро набояд фаромӯш созанд [69, с. 657].

Масалан, ба нуктаи назар таваҷҷуҳ кунед, ки муҳаққиқ ҳангоми таҳлили вижагиҳои поэтикии асар омилҳои таърихиро низ аҳаммият дода, дилхоҳ таснифотро дар қиёс бо рӯҳдодҳои таърихӣ мавриди таҳқиқ қарор медиҳад. Аносири таърихӣ дар таҳия ва тадвини асар бинобар таъсиргузории худ дар мадди аввал қарор мегирад [69, с. 288].

Воқеан, аксар сарчашмаҳо то замони мо нарасида, сӯзонида шудаанд ва ҳадди ками ин манобеъ ба мо дастрас мебошад. Бояд мутазаккир шуд, ки сарчашмаҳои аҳди бостон бо забони авастоӣ, ё худ порсии қадим ва паҳлавӣ, ки мундариҷаи онҳоро андеша ва ҷаҳонбинии зурвонӣ фарогир будаанд, дар замони ғасбкориҳои араб ба доми оташ афтода, аз лавҳи таърих зудуда шудаанд.

Маълум аст, ки сафарномаҳо мутолиакунандаи худро бо вазъи иҷтимоӣ, ҳолати фарҳангӣ ва вижагиҳои ҳувиятии мардумони гуногун шинос намуда, бо гузашти айём дар зеҳни онҳо таъсиргузор будааст. Масалан, сафарномаҳои фантастикӣ инсонро ба олами тахайюлӣ бурда, хайёлпарастиро дар тафаккури ӯ эҷод менамудааст. Гузашта аз ин, осори таърихнигорон, ҷуғрофиёнависон, мақолаҳои иҷтимоӣ, сафарномаву саёҳатномаҳо, ёддоштҳо ва ғайраҳоро муҳаққиқон ба соҳаи наср шомил карда, дар адабиёти илмӣ ин навъ офаридаҳоро таҳти иборахои насри таърихӣ, насри ёддоштӣ, насри ҷуғрофӣ ва ғайра ном мебаранд. Жанри сафарнома  дар адабиёти классикии форсу тоҷик хусусияти насри бадеӣ ва классикиро касб намудааст.

Хусусияти дигаре, ки ба аксари матнҳои  сафарнома хос аст, қолаби якхела мебошад, ки қариб дар ҳар як матн такрор мешаванд ва сюжети асарро ташкил медиҳанд. Ин такроршавӣ ба шабеҳи ҳолатҳое вобаста аст, ки шахс одатан ҳангоми сафар дучор мешавад. Матни саёҳат аз рӯйдодҳо ва ҳолатҳое иборат аст, ки дар атрофи ду фазои асосӣ ташаккул меёбанд: роҳ (раванди ҳаракат, саёҳат, шино дар бахр) ва шаҳр (ҳар нуқтае, ки қаҳрамон дар он ҷо каму беш ё муддати тулонӣ меистад).

## 1.2. Нусхаҳои дастнавис, нашрҳои литографӣ ва таҳриру таҳриф дар матни «Сафарнома»-и Носири Хусрав

Масъалаи асосии матншиносӣ таҳқиқи матни асар ва таҳлили накди он барои муайян намудани чопи ояндаи он дониста мешавад Матншиносӣ принсипҳо ва усулҳои омӯзиши матнро дар асоси методҳои муқоисавӣ-таърихӣ, адабиётшиносӣ ва китобшиносӣ ҷамъбаст мекунад.

Дар замони муосир, ки принсипи муаллифӣ инкишоф ёфтааст, матнҳо пас аз иҷозат дода шудан интишор мегарданд. Вале ҳама дастнависҳо ва нашрҳои иҷозатдодашуда таҳлил ва муқоиса карда мешаванд, то таҳрири ниҳоии муаллифро аз нуктаи назари танқидӣ тафтиш кунанд, таърихи матнро омӯзанд ва раванди эҷодиро дубора эҳё кунанд. Таърихи матн ба накди матни аслӣ иртибот дорад.

Накди матни асари бадеӣ (нашри илмӣ) муҳимтарин татбиқи амалии матншиносӣ ба шумор меравад. Як қатор масъалаҳо бо ҳамин мавзуъ алоқамананд:

1) дурустии матни аз ҷиҳати илмӣ муқарраршуда;

2) мукаммалии таркиб ва маҷмуаи пурраи нашру вариантҳо;

3) шарҳи илмие, ки натиҷаҳои омӯзиши матнҳоро ҷамъбаст намуда, маълумотро дар бораи манбаъҳо, мавҷудияти нашрҳо, асоснокии интихоби матн, атрибутсияҳо, сана ва дигар қарорҳои қабулшударо дар бар мегирад;

4) чопи интиқодии осор барои дастрасии оммавӣ мусоидат карда, имкон ба вуҷуд меорад, ки хонанда ҳангоми мутолии шубҳа надошта бошад.

Масъалаи омӯхтану таҳқиқи мероси адабию фарҳангӣ дар замони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки шароитҳои навро бобати пажуҳишҳои илмӣ ба вуҷуд овардааст, аз мавзуъҳои асосии самти адабиётшиносӣ дониста шудааст. Таърихи адабиёти форсу тоҷик дар доираи таърихи миллат ва суннатҳои миллӣ баррасӣ гардида, ҳаводиси адабӣ монанди ивазшавии сабк, жанрҳо, мавзуъҳо ва амсолашон аз нуктаи назари воқеаҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ бояд баҳогузорӣ карда шаванд. Дар замони муосир, ки

имконияtҳои зиёде дар таҳқиқу баррасии илмҳои мухталифи ҷомеашиносӣ пайдо гардидааст, ҷиҳати омӯзишу таҳқиқи мероси хаттии ниёгонамон фаҳмишу донишҳои комили соҳавӣ зарур мебошанд, чунки иштибоҳи кучактарин метавонад матни асарро дигаргуна гардонида, оқибат саҳеҳиятро ба носаҳуҳӣ оварад.

Л.А. Новиков дар нақди матн се ҷиҳати ба ҳам алоқамандро муайян мекунад:

1) омӯхтани мазмуни асосии асари адабӣ;

2) омӯзиши сохти композитсионии асар;

3) омӯзиши системаи нутқи аёнӣ ва воситаҳои асари бадеӣ дар синтези идеявӣ, композитсиявию мақсаднокии он [92, с. 28].

Нақди матн қолабҳои тафаккури бадеии муаллиф, шахсият ва ҷаҳонбинии ӯ, фардият ва иродаи эҷодии ӯро инъикос менамояд. Муносибати таърихӣ ва назариявӣ як принсипи муҳимми нақди матни илмӣ мебошад. Татбиқи амалии нақди матншиносӣ дар интишори илмии ёдгории адабист, ки дар асоси таҳқиқи пешакии хаматарафаи таърихи матни он сурат мепазирад.

Нусха матнест, ки аз асл хориҷ карда шудааст. Таърихи нақди матн мафҳуми калидии илми матншиносӣ буда, бозсозии назариявии раванди пайдоиш ва инкишофи афкори эҷодии муаллиф, бозсозии динамикаи хронологии раванди эҷодиро аз рӯйи сарчашмаҳои боқимондаи матни кор дар бар мегирад. Мукаммалии таърихи матн ба дараҷаи нигаҳдории тамоми ҳаҷми ҳуҷҷатҳои дастнависи асар вобаста аст. Таърихи нақди матн таҷассуми моддии таърихи эҷодист. Нашриёт ва роҳҳои баррасии матнҳо натиҷаи коркарди эҷодии матн дар марҳалаҳои гуногуни таърихи он мебошанд.

Кӯчарзода А. дар мавриди таърихи нақди матн андешаҳои худро баён намуда, зимнан бо маврид таъкид менамояд: «Асари бадеӣ бо роҳҳои гуногун таҳқиқ мешавад. Агар мутахассисони таърихи адабиёт, назарияи адабиёт ва нақди адабӣ танҳо ба матни охири асари бадеӣ сарукор дошта бошанд, пас матншинос матнҳои гуногуни дастнавис ва чопии ин ё он асарро дар ҷараёни тағйирёбӣ ва инкишоф меомӯзад. Аз як тараф, дар пайдарпайии мураттаб, аз

тарафи дигар, дар алоқамандӣ ба якдигар ва давраҳои таърихӣ таҳлил намудани матнҳои асари бадеӣ ба муҳаққиқ имкон медиҳад, ки рушди эҷодиёт, ҷаҳонбинӣ ва маҳорати нависандаро дуруст дарк намуда, барои ба вуҷуд овардани матни пурраи асар шароит фароҳам оварад. Аз ин рӯ, бо эътирофи аксари матншиносон, усули таҳқиқоти матншиносӣ усули муқоисавӣ-таърихӣ дониста шудааст» [68, с.7].

Яке аз мақсадҳои асосии диссертатсияи мазкур ин накди матнҳои чопшудаи «Сафарнома»-и Носири Хусрав мебошад. Воқеан, дар мавриди нусхаҳои асосии «Сафарнома» баҳсҳо гуногун ҳастанд. Қадимтарин нусхаи маъруфи «Сафарнома» ҳамчун нусхаи фаронсавии Чарлз Шефер маълум аст, ки сарчашмаи тамоми сафарномаҳои мавҷударо дар бар мегирад.

Нусхаи асосии «Сафарнома» дар китобхонаи Надва уламо, дар шаҳри Лакҳнави Ҳинд маҳфуз аст. Муҳаммадризо Таваккули Собирӣ аз ин ҷо нусхаи рақамии китобро омода кардааст. Нусхае, ки дар мадрасаи Надва уламои Лакҳнав маҳфуз аст, ба 27-уми рамазони соли 1006 (соли 1575 милодӣ) тааллуқ дорад ва муаллифи он Муборак Қаноҷӣ мебошад. Ин китоб аз нусхаи Чарлз Шефер тақрибан 300 сол калонтар дониста шудааст. Китоб аз 180 саҳифа бо 15 сатр иборат буда, андозааш 12,5 х 21,5 см мебошад. Унвонҳо ва баъзе номҳо ва оёти Қуръон ва калимаҳои арабӣ бо ранги сурх навишта шудаанд [156].

Дар матни китоб бештари солҳои ҳиҷрии қамарӣ бо адад навишта шудаанд. Ҷойгиркунии калимаҳо ва ҷумлаҳо дар ин нусха аз ҳама нусхаҳо камтар аст. Аммо ду саҳифаи пурраи китоб дар бахши марбут ба Фаластин ва шаҳрҳои он ҷойгир шудааст. Бисёр саҳифаҳои китоб, махсусан саҳифаҳои алоҳида пӯсидаю канда шудаанд. Барои ислоҳи «Сафарнома» ду нусхаи куҳнаи дигар, ки аз ҷониби касе истифода нашудаанд, баррасӣ ёфтааст. Яке аз онҳо ба соли 1102 ҳиҷрӣ мутаносиб ба соли 1691 мелодӣ буда, аз нусхаи Шефер 190 сол бузургтар аст. Ин нусха дар Осорхонаи Британия маҳфуз аст, вале ҳоло ба китобхонаи Британия интиқол ёфтааст .

Шафер барои ин ислоҳ аз ду нусхаи дар Китобхонаи миллии Париж нигоҳ дошташуда истифода кардааст. Нусха бо хатти насталик мавчуд аст, ки 197

сахифа буда, хар сахифа аз дах сатр иборат буда, дар порахои хурд аст. Ин нусха дар соли 1294 ҳиҷрӣ навишта шудааст, ки ба соли 1877 милодӣ мувофиқ аст. Варианти дигар низ бо хатти насталик навишта шудааст ва ҳар саҳифа ҳаждаҳ мисраъ буда, ба сабки вазирӣ буда, 161 саҳифа дорад. Ин нусха дар соли 1292 ҳиҷрӣ, мутаносибан ба соли 1874 милодӣ, аз нусхае, ки дар соли 1207 ҳиҷрӣ навишта шудааст, ба соли 1792 мелодӣ гирифта шудааст. Албатта, баъзе версияҳои кӯҳна аз версияи Чарлз Шефер вуҷуд доранд. Қадимтарин нусхаи сафарнома дар китобхонаи Надва уламо, ки як мактаби мазҳабӣ дар шаҳри Лакнави Ҳинд аст, маҳфуз аст. Муҳаммадризо Тавакли Сабрӣ ба ин мактаб рафта, аз онҷо нусхаи рақамии китобро омода кардааст[156].

Дар ҳошияи китоб баъзе номҳо ё вожаҳо бо қалам ба забони англисӣ навишта шудаанд, ки ин аз он дарак медиҳад, ки шахси огоҳ бо забони англисӣ онро хондааст. Нусхаи дигар нашри Деҳлӣ аст, ки бо муқаддимаи Хоҷа Алтоф Ҳусайн Ҳолӣ, шоири урду, дар соли 1299 ҳиҷрии қамарӣ (1882м.) баробар ба соли 1882 мелодӣ, яъне як сол пас аз интишори матни Шефер аз намунаи он дар Лакҳнав чоп шудааст. Азбаски Алтоф Ҳусайн форсизабон буд, матни беҳтар аз Шефер омода кардааст. Ба гуфти Алтоф Ҳусайн, ҳамислоҳи ӯ ва ҳам ислоҳи Шефер аз нусхаи мазкур омода шудааст [156]. Шарқшиноси фаронсавӣ Чарлз Шефер дар баробари таҳияи «Сафарнома»-и Носири Хусрав онро ба забони фаронсавӣ бо муқаддимаи 58 саҳифаӣ ва тавзеҳи муфассал дар баробари шохис ва замима дар соли 1881, мувофиқ ба соли 1298 ҳиҷрии қамарӣ дар 348 саҳифа (бидуни тавзеҳот ва иловаҳои форсӣ) нашр кардааст. Шефер барои ин ислоҳ аз ду нусхаи дар Китобхонаи миллии Порис нигоҳ дошташуда истифода кардааст [156].

Дар хатти настаълиқ нусхае ҳаст, ки 197 саҳифа буда, ҳар саҳифа аз даҳ сатри пораҳои хурд иборат аст. Ин нусха дар соли 1294 ҳиҷрӣ навишта шудааст, ки ба соли 1877 солшумории мелодӣ мувофиқ мебошад. Варианти дигар низ бо хатти настаълиқ навишта шудааст ва дар соли 1292 ҳиҷрӣ, мутаносибан ба соли 1874 милодӣ, аз нусхае, ки дар соли 1207 ҳиҷрӣ навишта шудааст, ба соли 1792

мелодӣ тааллуқ дорад. Албатта, баъзе нусхаҳои кухна аз нусхаи Чарлз Шефер вуҷуд доранд [156].

Муҳаммадризо Таваккули Собирӣ ба ҷузислоҳи матни аслӣ барои ин китоб муқаддимаи муфассале дар бораи рӯзгор, тафаккур ва осори Носири Хусрав навишта ва онҳоро аз рӯйи мавзуъ ба гурӯҳҳо ҷудо намудааст ва ҳар ҷое вожае ё ҷумлаеро, ки барои хондан душвор аст, мусаҳҳеҳ онро арабӣ карда, дар эзоҳи луғат ба ғайр аз луғат маънӣ ё тавзеҳи заруриро низ овардааст. Бахши дигари ин осор, ки як ҷилди қобили мулоҳизаи китобро ишғол кардааст, бахши «Номҳо ва маконҳо» аст, ки дар пайи матни асосӣ ба таври ҳамбаста ва бо тавзеҳоти муфассал омадааст [156].

11 сол пас аз нашри Шефер Мирзо Муҳаммад Малик дар Бомбей ба табъи ин китоб кӯшиш кард. Се сол пас аз он Зайнулобидин ал- Шариф ал-Сафавӣ ин китобро ба замимаи девони Носири Хусрав дар Теҳрон чоп кард. Номбурда дар ҳамон сол бори дигар онро бо номи «Сафарнома»-и Носири Хусрав мунташир месозад. Чопи дигари ин китобро Ғанизода дар соли 1360 ҳиҷрии қамарӣ (соли 1941м.) дар шаҳри Берлин сурат дод ва номбурда онро бо ду маснавии дигар, ки «Саодатнома» ва «Рӯшноинома» ном доранд, ҳамроҳ менамояд [156].

Агар мо “Сафарнома”-и Носири Хусравро ба ибораи маъмул «ҳаҷнома» пиндорем, ин ақида бо муҳтавои асар бархурд хоҳад кард. «Сафарнома»-ро муҳаққиқонаш асари бо тафаккури сода баёнгардида муаррифӣ кардаанд. Ба ибораи дигар, дар ин асар қариб ҳамаи ақидаҳои хурофотӣ бобати адогардии маросими ҳаҷ инкор шудааст. Муаллиф ҳамаи шаҳрҳое, ки он ҷо будааст, тасвири воқеӣ намуда, аввал андешаи сокинонро дар мавриди дилхоҳ масъала баён мекунад, аммо баъдан, таҳқиқоти худи сайёҳ дар фаросӯи таърих анҷом ёфта, ҳар гуна афсонаҳо аз ҷониби муаллиф ошкор мегарданд. Масалан, ин иқтибосро аз «Сафарнома» таваҷҷуҳ кунед: «Ва масофати роҳ, ки аз Балх ба Миср шудем ва аз он ҷо ба Макка ва ба роҳи Басра ба Порс расидем ва ба Балх омадем, ғайри он ки ба атроф ба зиёратҳо ....Дар ҳол шахсе наздики мо омад ва гуфт: «Аз куҷо меоед?» Гуфтем: «Аз ҳаҷ».[13, 104].

Ӯ аввалин шахсе дар ҷаҳон аст, ки сафарномаи ҳаҷ навишта ва суннати тозае дар сафарноманависӣ эҷод кардааст, ки ҳазор сол боз идома дорад. Дар китоб тарҷумаи ҳоли Ҳаким Носири Хусрав бо истинод ба ашъор ва навиштаҳои ӯ бо забони худи ӯ навишта шудааст. Дар охири китоб, дар бахши номҳо, маконҳо ва луғат тавзеҳоте оварда шудаанд, ки хондан ва фаҳмиши сафарномаро бо эзоҳҳоти китоб осон мекунад. Носири Хусрав вазъияти равонии худро ҳангоми сафар инъикос менамояд ва дар аҷаб мемонад, ки умр ба саломат бурдааст ва зимнан зикр мекунад: « ... ман аз қавме ба қавме нақл ва таҳвил мекардам ва ҳама ҷо мухотара ва бим буд, илло он ки Худои таборак ва таолло хоста буд, ки мо ба саломат аз он ҷо берун оем» [13, с. 86].

Бо донистани таърихи офариниши ривоятҳо дар тарҷумаи ҳоли Носири Хусрав ба ин нуктаҳо таваҷҷуҳ кардан бамаврид аст, ки «Сафарнома»-и чопкардаи Шефер аз навиштани нусхаҳои истифодашуда аст ва то ҳол дастнависи кухна пайдо нашудааст ва нусхае, ки асоси интишори Шефер аст, машҳур нест.

Дар тазкираҳо ва истинодҳо аз сафарномаи кунунӣ зикр нашудааст ва пас аз Эдвард Браун донишмандоне чун доктор Ғуломҳусайни Сиддиқ, Аҳмад Оташ ва профессор Ҳемилтон бархе аз навиштаҳои “Сафарнома”-и кунуниро интиқод кардаанд. Бахусус, муҳаққиқи дақиқназар Дабири Сиёқӣ бо вуҷуди овардани эзоҳи муносибу мувофиқе, ҳамзамон он хатоии роҳёфтаро низ тазаккур додааст. Бо таваҷҷуҳ ба ин маъноҳо, дурустии муҳтавои ин сафарнома шоистаи эътимод ба назар намерасад.

Кори ислоҳи ин китоб бар асоси нусхаи қадимтарин сурат гирифта, бо тарҷумаҳои арабӣ, англисӣ ва фаронсавии он мувофиқат шудааст. Дар ин ислоҳ ду нусхаи дастнавис ва як нусхаи литографӣ истифода шудааст, ки то ҳол дастрас нестанд, аммо бояд мутазаккир шуд, ки дар ибтидои ин китоб зиндагиномаи Носири Хусрав бо истифода аз ашъор ва китобҳои ӯ навишта шудааст. Инчунин, дар баъзе аз нусхаҳои китоб харитаҳо ва расмҳо мавҷуданд, ки ба ғановати китоб афзудаанд.

Ҳамчунин, дастнависҳое, чун «Насабномаи Шоҳ Носир», «Саргузашти Носири Хусрав», «Рисола дар надомати Рӯзи қиёмат», «Сафарномаи Машриқ» , ки дар ганҷинаи пурарзиши Маркази мероси хаттии назди раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон маҳфуз мебошанд, ки ба зумраи таълифоти Носири Хусрав нисбат дода шуда, ғолибан, вижагиҳои тарҷумаиҳолӣ доранд. Вале аксари ин матнҳо дар давраҳои наздик китобат шуда, бо соири таълифоти мутафаккир пайвастагиҳо бо равиши фалсафии Носири Хусрав мушоҳида намешавад.

То кунун аксар муҳаққиқон нусхаи Шефферро асоси кори хеш донистаанд. Ҷолиб он аст, ки ин нусхаи ҳиндӣ нусхаи аслӣ нест ва нусхаи дубора навишташуда аст. «Сафарнома» аз ҷиҳати арзиши таърихӣ ва адабӣ, ҳам бо арзиши антропологӣ ва ҳам бо тахайюлии худ, мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифт ва борҳо иқтибос ё комилан ислоҳ ва ё шарҳу эзоҳ ба он навишта шудааст. Аз муҳимтарини ин ислоҳу тавзеҳот метавон осори Забеҳуллоҳ Сафо ва Дабири Сиёқиро зикр кард.

Е.Э. Бертелс бо нашри тарҷумаи русии «Сафарнома» (соли 1933) дар омӯзиши осори Носири Хусрав хидмати бузурге кард [41, с.13].

Ба қавли номбурда, ҳанӯз солҳои ҳаштодуми асри XIX эроншиноси маъруфи олмонӣ Ҳерман Эте чанде аз матни «Сафарнома»-ро чоп карда, ба он баҳогузории махсус намудааст, аммо баъдан дар пажуҳишҳои ховаршиносон дар давоми чиҳил соли охир нисбат ба «Сафарнома» ҳеҷ гуна нигоҳи нави илмии асоснокшуда мушоҳида намешавад. Натиҷаи ҳамин таҳқиқот интишори се матни мукаммал, чанд порча ва маълумоти нисбатан саҳеҳи зиндагинома буд, ки Е.Э. Бертелс аз муҳаққиқони Носири Хусрав бардошт намудааст.

Бинобар пажуҳиши Е.Э. Бертелс, аз даҳаи бистуми ин қарн таваҷҷуҳи олимони эронӣ ба осори Носири Хусрав бештар мегардад. Нахуст, нашриёти форсии Коваёнӣ дар шаҳри Берлин нашри интиқодии се асари ӯ, аз ҷумла «Сафарнома»-ро нашр мекунад. Сипас, соли 1928 нашри боҳашамати маҷмуаи ашъори ӯ дар шаҳри Теҳрон бо муқаддимаи муфассали Тақизода ба табъ расид. Тақизода дар ин муқаддима тамоми корҳои анҷомдодаи олимони Ғарбро

ҷамъбаст намуда, дар айни замон, ҷиҳати интиқод аз онҳо кӯшиш менамояд. Аслан, матни маҷмуаи ашъор буд, ки аз нишондодҳои тарҷумаиҳолӣ ва таърихӣ саршор менамуд, аммо имкон дод, ки як зумра фарзияҳое, ки то он замон вуҷуд доштанд, аз байн бардошта шаванд ва бо маълумоти комилан воқеӣ ҷойгузин шаванд. Шояд аз ҳамин хотир буд, ки Е.Э. Бертелс зимни пажуҳиши «Сафарнома» таҳқиқи Тақизодаро дар ҷойи аввал мегузорад ва эътимод ба ӯ бештар дорад. Бинобар таъбири шарқшинос, адабиётшиносони порсизабон ба ҳамон роҳе, ки ҳамкорони ғарбии мо кашида буданд, пеш гирифтаанд ва танҳо бо андӯхтани мавод маҳдуд мешуданд, кӯшиш намекарданд, ки онро ба рушду тараққӣ расонанд.

Бертелс дар асарҳои Носири Хусрав аносири тарҷумаиҳолиро эҳсос карда, оқибат ба хулосае меояд, ки бинобар интихоби мазҳаб, ба осори ин мутафаккир ҳамлаҳои шадид роҳандозӣ шудаанд. Бинобар ин, ба қавли муҳаққиқи мазкур, имкони нобуд кардани баъзе аз ақидаҳои муаллиф ҷой дорад, чунки таассуби динӣ дар тӯли таърих бештарини осори башариятро аз байн бурда муосиронро аз огаҳӣ бо муҳтафои он асарҳо ноком гардонидааст. Ба қавли Бертелс: “махсусан, дар бобҳои ба Миср тааллуқдошта кӯтоҳ кардани матн ва тағйир додани мазмун ҳувайдо мегардад” [41, с. 164].

Аз ин рӯ, пайдо шудани тарҷумаи русии яке аз асарҳои ҷолиби Носири Хусрав таҳти унвони «Сафарнома» хеле мусоид дониста мешуд. Ба қавли Е.Э. Бертелс, ин тарҷума, дар ҳеҷ сурат ба дониши мо дар бораи Носири Хусрав ҳеҷ чизи тозае илова намекунад, зеро дар ҳоли ҳозир матни форсии ин китоб дар се шакл дастрас аст ва тарҷумаҳои фаронсавӣ ва англисии он низ вуҷуд доранд. Аммо тарҷумаи русӣ онро дастраси доираи васеи хонандагон мегардонад, шавқу ҳаваси мутолиаро нисбат ба осори ин нависандаи барҷаста эҳё мекунад ва ба он мусоидат мекунад, ки мо ниҳоят аз кори муқаддамотӣ ба таҳқиқоти воқеии илмӣ мегузарем.

Шарқшиноси рус чунин менигорад: «Шояд касе гумон кунад, ки бо вуҷуди мавқеи иҷтимоӣ, мусанниф дар ватанаш зиндагии ширин надошт, ки ин

қадар ба осонӣ метавон онро ба як сафари дуру дароз ва хатарнок иваз кард» [41, с. 13].

Дар байни осори Носири Хусрав, бинобар пажуҳиши Е.Э. Бертелс, китоби «Сафарнома» ҷойи хеле махсус дорад, ки бори аввал ба забони русӣ аз ҷониби ӯ нашр мегардад. Ин китоб аз андак осори насрии чунин давраи аввали адабиёти форсу тоҷик аст, ки то мо расидааст ва кай навишта шудааст, маълум нест. Аммо мутобиқи далелҳои «Сафарнома» муайян намудан мумкин аст, ки ин китоб пеш аз дигаргуниҳои куллие, ки дар ҳаёти муаллиф ба амал омадаанд, пайдо шудааст. Маълумоти зиёде, ки дар саросари китоб пароканда шудаанд, ба ин далолат мекунанд: муаллиф аз шиъа будани сокинони Триполи дар тааҷҷуб мемонад. Ҳангоме ки аз халифа Умар ишора мекунад, ба номи ӯ таманниёти эҳтиром зам мекунад, чунонки сунниҳо ҳамеша мегӯянд. Вақте дар бораи фотимиён сухан меронад, онҳоро «султон», яъне танҳо ҳокимони дунявӣ меномад ва аммо бо ин ҳама китобро танҳо пас аз бозгашт аз сафар, яъне пас аз ворид шудан ба оғӯши масҷиди исмоилия навиштан мумкин буд. Ба таъбири Е.Э. Бертелс, аз эҳтимол дур нест, ки бархе аз муҳаррирони суннии баъдӣ дар осори Носири Хусрав даст дошта бошанд, ки иловаҳои маъмулан суннатӣ ворид карда бошанд, аммо шарқшиноси рус ба ин бовар аст, ки нусхаи аслии «Сафарнома» то замони мо нарасидааст.

Дар заминаи ин гуфтан мумкин аст, ки китоб ба шакли аслии худ то ба мо нарасидааст ва як навъ иқтибос, нашри ихтисоршуда ва ҳатто то андозае таҳрир шудааст. Шояд ин баъзе аз кутоҳӣ ва инчунин, лаҳзаи «парастиши маконҳои муқаддас»-ро, ки ба таври ҷиддӣ ба майдон меоянд, шарҳ медиҳад. Зоҳиран, муҳаррир дар коркарди китоб ба намунаи жанри «Зиёратнома»-раҳнамо ба ҷойҳои муборак, навъи хеле маъмули китоб дар адабиёти порсӣ овардааст. Аммо, ҳатто дар чунин шакли харобшуда ҳам китоб барои мо арзиши бузург дорад. Хеле содда ва бадеӣ навишта шуда, зоҳиран барои доираи васеи хонандагон пешбинӣ шудааст, дар он ҳатто як ишораи тасаввуфӣ вуҷуд надорад» [41, с. 106].

Воқеан, муҳаққиқ дуруст менависад, ки дар «Сафарнома» ҳарфе аз тасаввуф нест. Ба ибораи саҳеҳтар агар гӯем, мутафаккир дар ин асар бар тафаккури дунявӣ такя намуда, аз интишори ақоиди пантеистӣ парҳез менамояд. Гузашта аз ин, дар осори фалсафии ӯ муаллифро мо дар муқобили «Асҳоби ҳаюло» мебинем, чунки мусанниф пайравӣ нанамуда, фақат дилбастагӣ ба ақоиди шуубӣ доштааст.

Носири Хусрав дар бораи он чизе, ки дидааст, возеҳ, бевосита ҳарф мезанад ва кӯшиш мекунад, ки то ҳадди имкон ростқавл бошад. Худи ӯ мегӯяд, ки дар сафараш рӯзнома дошт ва тамоми таассурот ва мушоҳидаҳояшро дар он ҷо ворид карда ва ҳатто харитаҳое кашидааст, ки барои ӯ ҷолиб менамуданд. Тибқи баҳогузории Е.Э. Бертелс, «Сафарнома»-и Носири Хусрави Қубодиёнӣ чун сарчашма барои ошноӣ ба ҳаёту фарҳанги он давра маводи хеле арзишманд аст. Ҳар он чизе, ки каме аз муҳити хонааш фарқ мекунад, ба зиндагии рӯзмарраи ӯ мувофиқат намекунад, ҳамаи ин дар саҳифаҳои рӯзномаи ӯ сабт шудааст. Ӯро ба тааҷҷуб меорад, ки шутур бо хурмо сер мешавад ва мӯйсафеди ҳафтодсола ба мусофир мегӯяд, ки дар тамоми умраш ҷуз шири шутур чизе нахӯрдааст. Ҳама медонанд, ки об барои сокинони дашту биёбон то чӣ андоза аҳаммияти калон дорад, вале аҳаммияти пурраи ин масъаларо танҳо вақте ба ӯ равшан нишон медиҳад, ки китобе монанди китоби Носир Хусравро мутолиа мекунад.

Е.Э.Бертелс инро бо номи нусхаҳои мавҷудбудаи китоби ёд намудааст: «Онро камина дар ибтидои соли 1922 таҳия намудам ва он ҳангом дар дастам фақат нусхаи Шефер ва литографии Теҳрон буд. Ҳоло тарҷумаро дубора баррасӣ кардаам ва онро бо нусхаи нави матни форсии Берлин муқоиса кардам, ки ҳарчанд бар пояи дастхатте, ки Шефер истифода кардааст, аз ҷониби як форсӣ иҷро шудааст ва аз ин рӯ, аз иштибоҳҳои мухталифи кӯчаке, ки ба вуҷуд омадааст, нест гардид» [41, с.118].

Китоб тибқи мушоҳидаҳои Е.Э. Бертелс, бо романтизми ботил оро наёфтааст ва аз ҷониби яке аз ҷолибтарин намояндагони адабиёти форсӣ

навишта шудааст, метавонад барои хонандаи шуравӣ василаи арзишманд барои ошноӣ аз рӯзгори манотиқи Ховари Миёна гардад [41, с.118].

Умуман, онҳое, ки дар мавриди ҳақиқати ин «Сафарнома» баҳс кардаанд, ба он таваҷҷуҳ накардаанд, ки ба ҷуз аз баррасии муҳтаво, аз нигоҳи далелҳои матн, чӣ гуна метавон маълум кард, ки ин матн аз ҷониби Носири Хусрав навишта шудааст? Зимни ҷустани посух ба суоли матраҳ ба чигунагии дастнависҳо ғарқ мешавем. Оё ҳаст дастнависе, ки баъдан хаттотӣ шуда ва хаттот дар он аз худ иловаҳоро зам нанамуда бошад? Ҳамин андешаро метавон ҷиҳати пажуҳиши дастнависҳои асар илқо намуд. Хаттоте, ки «Сафарнома»-ро дастнавис карда, магар аз худ иловаҳо нанамудааст ё баъзе қитъаҳи матни асосиро лағв накардааст? Ба ҳар навъе барои мо маълум нест, ки чӣ миқдор матни асар аз ҷониби дастнависҳои он лағв гардидааст, аммо метавон иқрор кард, ки баъзан баррасиҳои муаллиф нотамом мондаанд ва ин мушкил моро водор хоҳад кард фикр кунем, ки баъзан андешаҳои муаллиф бинобар истиқбол нашуданашон аз ҷониби хаттот лағв гардидаанд. Гузашта аз ин, матни китобҳои илоҳӣ зимни хаттотӣ шуданашон таҳриф ёфтаанд. Бинобар ин, метавон бо итминони комил гуфт, ки на фақат матни «Сафарнома», балки дигар осори мондагор низ мавриди таҳриф қарор гирифтаанд. Аммо матни «Сафарнома» бар пояи як ё чанд матни ҷуғрофиёӣ ва таърихӣ буда, бо ҳадафи нисбат додани чандин сафарномаҳои тақаллубӣ ба нависанда аз ҷониби пайравону мухолифонаш роҳандозӣ шудааст?

Ҳангоми таҳияи нави «Сафарнома» (аз ҷонибиТаваккули Собрӣ) ду нусха, аввалӣ аз аввали асри Х1 (ҳиҷрӣ) ва дувуми аз ибтидои асри Х11 (ҳиҷрӣ) ба ҳсоб меравад, истифода шудааст. Агар таърихи ин нусхаҳо воқеан дуруст бошад, метавонад ба баъзе овозаҳо дар бораи пайдоиши қалбакии сафарномаҳо дар асри XVIII (мелодӣ) нуқта гузорад, аммо эҳтимоли дуруст набудани таърихи нусхаҳо вуҷуд дорад. Гузашта аз ин, аҳли таассуб, чӣ дар замони Носири Хусрав ва чӣ дар даврони муосир, бо баҳонаи ин ки чаро дар «Сафарнома» андешаҳои фалсафӣ ва динии мусанниф мавҷуд нест, ё худ чаро мутафаккир аз эътиқоди мансуб ба исмоилия доштааш сухан намеронад, иқдом

намудаанд, ки «Сафарнома» аз таълифоти Носири Хусрав набудааст ва бо ин далел ин тоифаи мутаассиб пешниҳод кардаанд, ки «Сафарнома» бояд ба дигар шахс нисбат дода шавад.

Воқеан, дар тӯли таърих ҳамлаҳо ба мутафаккирони тоҷик беш аз пеш мушоҳида мешавад ва агар Ибни Синоро ба мансубияти миллии дигарон ҳамроҳ карда бошанд, пас ба Носири Хусрави Қубодиёнӣ низ чунин иқдомҳои бадбинона мушоҳида мешавад, аммо аксар муҳаққиқон бар ин андеша муътақиданд, ки «Сафарнома» агарчи таҳриру таҳриф дидааст, аммо билкул аз зумраи беҳтарин таълифоти Носири Хусрав маҳсуб мешавад.

Нашри сангии «Сафарнома» дар соли 1314/1896 дар Теҳрон бо девони ашъори ӯ ба табъ расид. Дар бораи нусхаи арабии «Сафарнома» то ин аср, ки Яҳё Ҳашшаб тарчумаи худро соли 1945 ва нашри дуюмашро соли 1970 ба табъ расонид, метавон ёд намуд. Тарҷумаи урду дар соли 1937 ва туркӣ дар соли 1950 интишор гардидааст. Ин тарҷумаҳо ба забонҳои гуногун, воқеан, пас аз соли 1881 ба вуҷуд омадаанд. Пас аз чанд сол (соли 1883) аз ҷониби Ги Ле Стренҷ ба забони англисӣ тарҷума шудааст. Нашрҳои илмии матни форсӣ аз ҷониби донишмандони эронӣ Зайнулобидини Сафавӣ (1895), М. Ғанизода (1922), Муҳаммад Дабири Сиёқӣ (1957) ва Нодир Вазинпур (1972) ба амал омадаанд.

Ин матн бар асоси муқоисаи вариантҳои гуногун ва иловаи ҳошия ва тавзеҳу маънои вожаҳои душвор дар охири китоб ва номгӯйи мавзеъҳои мавҷуда навишта шуда, масири сафарро нишон медиҳад. Китоби «Сафарнома»-и Носири Хусрав энсиклопедияи асри Х1 буда, маълумоти зиёдеро фарогир аст. Дақиқӣ ва дурустии матни Носири Хусрав аз он бармеояд, ки ӯ тамоми навиштаҳояшро дар ҷойи зикршуда ба қалам додааст.

Собирӣ афзудааст, ки давоми бист сол пас аз мутолиаи «Сафарнома» тибқи харитаи сафарҳои Носири Хусрав ба сафар баромада, матни асарро бо чашмони худ таҳқиқ кардам. Баъдан, роҷеъ ба раванди ислоҳи «Сафарнома»-и Носири Хусрав чунин ишора менамояд: «Дар нусхаҳои чопии мавҷуда нофаҳмӣ, камбуд ва иштибоҳҳо мавҷуданд, ки натиҷаи таҳқиқоти китобхонаҳо

буданд. Дар ҳоле, ки бароиислоҳи китоби таърихию ҷуғрофӣ таҳқиқоти саҳрой низ зарур аст. Ба ин далел кори худро аз ҷустуҷӯи нусхаи қадимтарини «Сафарнома» оғоз намуда, дар баробари вариантҳои гуногун аз тарҷумаҳои «Сафарнома» низ истифода кардам. Албатта, бо ин охири кор нахохад буд, зеро имкони пайдо кардани версияҳои кухна вуҷуд дорад. Бинобар ин саъю кӯшиш давом мекунад» [156].

Таърихи муаррифии «Сафарнома» дар кишвари мо бар ин минвол аст. Бори аввал Холиқ Мирзозода аз мавҷудияти «Сафарнома» хонандаро воқиф намуд. Номбурда тавассути мақолаҳое, ки дар рӯзномаи «Газетаи муаллимон» ва маҷаллаи «Шарқи Сурх» ҷиҳати баррасии осори мутафаккир мунташир сохт, «Сафарнома»-ро чун асари машҳури Носири Хусрав ном гирифта, иқтибосҳои дахлдорро аз ин асар зимни пажуҳиш илова кард. Дар мақола ду порча аз матни «Сафарнома» низ ба чашм мерасад ва дар вақти таҳлили матнҳо баъзе тафовут ба чашм расид. Аз ҷумла:

Ҷадвали № 1.

| № | **Матни рӯзномаи «Газетаи муаллимон» (1 сентябри соли 1939)** | **Матни чопи соли 2003** |
|---|---|---|
| 1. | «Чунин гӯяд **Абӯмуҳиддин** Носири Хусрав-ул-Қубодиёни-ул-Марвазӣ **Тобуллоҳи Анду**, ки ман марди дабирпеша будам ва аз ҷумлаи мутасаррифон дар амвол ва аъмоли султонӣ» [22, с.3]. | «Абумуиниддин Носир Хусрав ал-Қубодиёнӣ-ал-Марвазӣ» омадааст ва «Тобуллоҳи Анду» ба назар намерасад» [5, с.674]. |
| 2. | «Шабе дар хоб дидам, ки яке маро гуфт, чанд хоҳӣ хурдан аз ин шароб, ки хирад **аз мардум зоил кунад, агар ба ҳуш бошӣ беҳтар**. Ман ҷавоб гуфтам, **ки ҳукамо ҷуз ин чиз натавонистан сохт, ки андуҳи** | «Шабе дар хоб дидам, **ки** яке маро гуфт: «Чанд хоҳӣ хӯрдан аз ин шароб, ки хирад аз мардум зоил кунад, |

| | | |
|---|---|---|
| | **дунё кам кунад.** Ҷавоб дод, ки **бехудӣ** ва беҳушӣ роҳате **навозад** ҳаким касеро ки мардумро ба беҳушӣ раҳнамун бошад, **валек** чизе бояд талабид, ки хирад ва ҳушро биафзояд. Гуфтам, ки ман инро аз куҷо орам, гуфт ҷӯянда ёбанда бошад, чун аз хоб бедор шудам, он ҳол тамом дар ёдам буд. **Бар ман кор кард ва бо худ гуфтам, ки аз хоби душин бедор шудам, бояд ки аз хоби чиҳилсола низ бедор гардам. Андешидам, ки то ҳама афъол ва аҳволи худ бадал накунам, фараҳ наёбам**» [22, с. 3]. | агар ба ҳуш бошӣ беҳтар». **Ман ҷавоб гуфтам, ки: «Ҳукамо ҷуз ин чизе натавонистанд сохт, ки андуҳи дунё кам кунад**». Ҷавоб дод, ки: «**Бехирадӣ** ва беҳушӣ роҳате **набошад**, ҳаким натавон гуфт касеро, ки мардумро ба беҳушӣ раҳнамун бошад, **балки** чизе бояд талабид, ки хирад ва ҳушро бияфзояд». Гуфтам, ки «Ман инро аз куҷо орам?». Гӯфт: «Ҷӯянда ёбанда бошад» ва пас сӯйи қибла ишорат кард ва дигар сухан нагуфт. **Чун аз хоб бедор шудам, он ҳол тамом бар ёдам буд.** Ин насиҳат бар ман кор кард ва бо худ гуфтам: «Аз хоби дӯшин бедор шудам, бояд ки аз хоби чиҳилсола низ бедор гардам» [5, с. 674]. |

Холиқ Мирзозода назари Носири Хусравро дар бораи вазъи мардуми араб шарҳ дода, баробари ин, аз матни «Сафарнома» мисол меорад, ки онро низ кӯшиш кардем, ки бо матни чопи минбаъда мавриди муқоиса қарор дода бошем:

Ҷадвали № 2

| № | Матни рӯзномаи «Газетаи муаллимон» (1 сентябри соли 1939) | Матни чопи соли 2003 |
|---|---|---|
| **1.** | «Чун аз он ҷо расидем, аз бараҳнагӣ ва оҷизӣ ба девонагон монанд будем. Ва се моҳ буд, ки мӯйи сар боз накарда будем ва хостем ки дар гармоба **равем** бошад, ки гарм шавем, ҳаво сард ҷома набуд ман ва бародарам... **пӯшида будем ва палоспорае дар пушт баста гуфтем, ки акнун, ки моро дар ҳамом гузорад.** Хурҷинаке чун ки китоб дар он мениҳодам бифрухтам ва аз баҳои он дирамаке .... **чанд дар коғазе кардам ки ба гармобабон диҳам, то бошад ки моро дамаке зиёдтар дар гармоба бигузорад, то шӯх аз худ боз кунам. Чун он дирамакҳо пеши ӯ ниҳодам, дарнигарист, пиндошт ки девонаем. Гуфт:** биравед ҳамакнун мардум аз гармоба ба берун меоянд. **Ва нагузошт ки аз гармоба даравем, аз он ҷо бо ҳиҷолат берун омадем ва бо шитоб бирафтем.** Кӯдакон дар дари гармоба бозӣ мекарданд, пиндоштанд, ки | «Чун аз онҷо расидем, аз бараҳнагӣ ва оҷизӣ ба девонагон монанд будем. Ва се моҳ буд, ки мӯйи сар боз накарда будем ва хостам, ки дар гармоба **равам,** бошад, ки гарм шавам, ҳаво сард ҷома набуд. **Ман ва бародарам ҳар як ба хунгии куҳна пӯшида будем ва палоспорае дар** пушт баста аз сармо. Гуфтам, ки акнун моро кӣ дар ҳамом гузорад? Хурҷинаке буд, ки китоб дар он мениҳодам, бифрухтам ва аз баҳои он дирамаке чанд сиёҳ дар коғаз кардам, ки ба **гармобабон диҳам, то бошад, ки моро** |

| | | |
|---|---|---|
| | мо девонагонем, дар пайи **мо афтодаданд ва санг меандохтанд ва бонг мекарданд, то бар гушае боз шудем ва бо тааҷҷуб ба хории дунё менигаристем» [22, с. 3].** | **дамаке зиёдтар дар гармоба бигузорад, то шӯх аз худ бозканем. Чун** он дирамакҳо пеши ӯ ниҳодам, дарнигарист, пиндошт, ки девонаем. Гуфт: Биравед, ки ҳам акнун мардум аз гармоба берун меоянд ва нагузошт, ки **мо ба гармоба ба дар равем. Аз он ҷо бо ҳиҷолат берун омадем ва бо шитоб бирафтем. Кӯдакон бар дари гармоба бозӣ мекарданд, пиндоштанд, ки мо девонагонем, дар пайи мо афтодаданд ва санг меандохтанд ва бонг мекарданд. Мо ба гӯшае боз шудем ва бо тааҷҷуб ба кори дунё менигаристем» [5, с.674].** |

Зимни қиёс намудани матни рӯзнома бо матни интиқодии соли 2003 ин гуна тафовути ғайри қобили қабул, ҳатто дар номи мусаннифи китоб ворид гардидааст, ки нишона аз каммасъулиятии ашхоси баргардонкунанда аз расмулхат бо хати кириллӣ маҳсуб мешавад. Дар матни рӯзнома «Абӯмуҳиддин» омадааст ва дар матни интиқодӣ «Абумуиниддин», ки басе хатои фоҳиш ба шумор рафта, чунин иштибоҳҳо пайваста такрор шудаанд.

Дар матни мазкур Холиқ Мирзозода ба камбуду норасоиҳои санъати баргардонии матн роҳ додааст. Масалан, тасвири гармоба ва истилоҳи «шӯх» дар матнҳо ба таври мухталиф ҷойгир гардида ва ин мисол, агарчи барои баъзе муҳаққиқон норасоии кӯчак бошад ҳам, барои мо носозгорӣ дар матни асл мебошад. Инак, он иштибоҳ: «шӯх аз худ боз кунам» (матни рӯзнома) ва "шӯх аз худ бозканем" (матни китоб). Яке фард ва дигаре афродро дар назар дорад, дар ҳоле ки Носири Хусрав зимни мурочиат ба гармоба танҳо набуд.

Дар матни асосӣ баъзе тафовути ҷузъӣ ба чашм мерасад, ки тафовутҳои чопи «Садои Шарқ» ва чопи интиқодии соли 2003-ро ноқис сохтаанд. Масалан, дар яке «порсӣ», қӯҳа», «Яздигурдӣ», «Туғралбек», аммо дар матни дигар, ки мавриди муқоиса қарор гирифт, ин вожаҳо дар шакли дигар ҷойгир шудаанд: «форсӣ», «қаҳва», «Яздиҷурдӣ», «Туғрулбек» ва амсолашон, ки чунин иштибоҳот ҳатто зимни таҳияи матн аз як забон бо забони дигар иҷозат дода намешавад.

Лозим ба ёдоварист, ки иштибоҳот зимни муқоисаи матни нашри Шарқи Сурх (1940) бо чопи соли 2003 бисёр ба чашм хурда, дарак медиҳад, ки масъулини таҳия ва баргардонии матни «Сафарнома» аз расмулхати тоҷикӣ ба кириллӣ дар замонҳои гуногун вазифадор будаанд, то матни асарро ба таври бояду шояд барои чоп пешниҳод кунанд. Масалан, зимни муқоисаи ду матн баръало мушоҳида мегардад, ки дар яке «дарвоза», дар дигарӣ «дарюза» шудааст. «Порсӣ» шакли «форсӣ»-ро гирифта, вожаи «сухан» ба «суҳбат» табдил ёфтааст. Аммо нигаронкунанда ин аст, дар яке «сутур» ва дар дигарӣ ҳамин истилоҳ «шутур» омадааст. Агар замони таҳияҳоро ба инобат гирем, яке дар соли 1940 ва дигар дар соли 2003 анҷом пазируфтааст. Ба ибораи дигар, замони таҳияи яке давраи Шуравӣ асту давраи дигар замони соҳибистиқлолист, аммо каммасъулиятии мураттибон дар ҳар ду чопҳо ба назар мерасад.

Ҷадвали № 3

| № | Чопи матни соли 2003 | Шарқи сурх. – 1940. – №1, |
|---|---|---|

| | | |
|---|---|---|
| 1 | шуғл (саҳ. 674). | шуғли (саҳ. 115). |
| 2 | Дар рабеъулохири санаи 437, ки амири (саҳ. 674). | Дар рабеъ-ул-охир санаи сабъа ва салосина ва арбаъмиата, ки амири (саҳ. 115). |
| 3 | бинни салчуқ (саҳ. 674). | ибни салчуқ (саҳ. 115). |
| 4 | Марврӯд фуруд омадам,ки дар он рӯз қирони Раъс ва Муштарӣ буд. Гӯянд ҳар ҳоҷат, ки дар он рӯз хоҳанд, бори таъоло ва тақаддус раво кунад. Ба гӯшае рафтам ду раъкат намоз бикардам ва ҳоҷат хостам, то худои таъоло ва таборак маро тавонгарӣ диҳад (саҳ. 674). | Марв-ур-рӯд фуруд омадам...Ба гӯшае рафтам ду раъкат намоз бикардам (саҳ. 115). |
| 5 | дархостам, то ривоят кунад. Бар қоғазе навиштам, то ба вай диҳам, ки ин шеърро бархон. Ҳанӯз бад-ӯ надода будам, ки ӯ ҳамон шеър биайниҳӣ оғоз кард. Он ҳол ба фоли нек гирифтам ва бо худ гуфтам: «Худо ҳоҷати маро раво кард». Пас аз он ҷо ба Ҷузҷонон шудам ва қурби як моҳ бибудам ва шароб пайваста хӯрдаме (саҳ. 674). | бархостам, то ривоят кунад, бар қоғазе навиштам, то ба вай диҳам, ки ин шеър бархон. Ҳанӯз бад-ӯ надода будам, ки ӯ ҳамон шеър оғоз кард... Пас аз он ҷо ба Ҷурҷон шудам ва қариб як моҳ бибудам ва шароб пайваста хӯрдаме... (саҳ. 115). |
| 6 | Ҷӯйянда ёбанда бошад ва пас сӯйи қибла ишорат кард ва дигар сухан нагуфт (с. 674). | Ҷӯйянда ёбанда бошад (с. 115). |
| 7 | ..он ҳол тамом бар ёдам буд. Ин насиҳат бар ман кор кард ва бо худ | ..он ҳол тамом бар ёдам буд, ва бар ман асар кард ва бо худ |

| | | |
|---|---|---|
| | гуфтам, ки «Аз хоби дӯшин бедор шудам., бояд аз хоби чиҳилсола низ бедор гардам» (с. 674). | гуфтам, ки «Аз хоби дӯшин бедор шудам, акнун бояд аз хоби чиҳилсола низ бедор гардам» (с. 115). |
| 8 | Санаи чорсаду сию ҳафт.. (с. 674). | Санаи сабъа ва салосина ва арабаъмиа (с. 115). |
| 9 | Нимаи даймоҳи (с. 674). | Нимаи диймоҳи (с. 115). |
| 10 | Яздигурдӣ (с. 674). | Яздичурдӣ (с. 115). |
| 11 | Туғралбек (с. 674). | Туғрулбек (с. 115). |
| 12 | Хоча Муваффак (с. 674). | Хоча Муваффиқ (с. 115). |
| 13 | Санаи чорсаду сию ҳафт.. (с. 674). | Санаи сабъа ва салосина ва арабаъмиат (с. 115). |
| 14 | Порсӣ (с. 674). | Форсӣ (с. 115). |
| 15 | Иқлидус (с. 674). | Уқлидус (с. 115). |
| 16 | ... сухан мегуфт (с. 674). | Суҳбат мегуфт (с. 115). |
| 17 | Сутур (с. 680). | Шутур (с. 119). |
| 18 | судоб фаровон дидем (с. 680). | Се оби фаровон дидем (с. 119). |
| 19 | Қудс (с. 680). | Қуддус (с. 120). |
| 20 | гази малик (с. 692). | Газмулк (с. 120). |
| 21 | санг мунҳадам (с. 692). | санги муҳандам (с. 121). |
| 22 | Бобуссақар (с. 693). | Боб-уш-Шарқ (с. 121). |
| 23 | дарвозаи сӯфиён (с. 693). | дарюзаи сӯфиён (с. 121). |
| 24 | Мушриф (с. 697). | Мушарраф (с. 124). |
| 25 | ба санъате, ки мисли он кам афтад (с. 698). | ба сифате такаллуф карда, ки мисли он кам афтад (с. 124). |

Холиқ Мирзозода дар «Хрестоматикаи Адабиёти Ватан» барои синфҳои 5 ва 7 қисмати «Дар Басра»-ро аз матни «Сафарнома» намуна меорад. Ин порча шарҳи луғатро низ дар бар мегирад, лекин матни аввал “норасоии об”-ро

баррасӣ кунад ҳам, дар матни дигар «об будӣ, ҷой набудӣ» омадааст. Аз матн маълум намудан мумкин аст, ки мураттиб ҳангоми овардани таърихи рӯз шакли арабии онро овардааст ва дар шакли нашри соли 1970 ин ба забони тоҷикӣ нигошта шудааст: **«бистуми шаъбони санаи сулса арбаамоз /бистууми шаъбони санаи чорсаду чилу се»**

Ҳамзамон, мураттибон, ҷойи тасвири шаҳри Басраро истисно менамоянд ва якбора аз баёни вазъи худи нависанда дар ин сафар ишора мекунанд.

Баъдан матни мазкур бо қисмати «Сифати мадду ҷазри Басра ва ҷуйҳои он» ва «Сифати аъмоли Басра» муттаҳид гардида, ин матн қисман оварда нашудааст. Мураттиб мутобиқи завқ ва имконият пораи муҳимми он, яъне муошири Носири Хусрав бо ҳамзамононро ишора менамояд. Ҳамчунин, се байти овардаи шоир низ дар ин матн аз ҷониби мураттибон саҳеҳият надорад ва дар вазн иштибоҳ ба назар мерасад [74, с.104].

Ҳамчунин, се байти овардаи шоир низ дар ин матн аз ҷониби мураттибон саҳеҳият надорад ва дар вазн иштибоҳ ба назар мерасад:

**Чарх мусофири баҳри мост шабу рӯз,**

Ҳар чӣ яке рафт , бар асари дигар ояд.

**Мо сафари баргузаштанӣ гузаронем,**

То сафарӣ ногузаштанӣ **ба сар** ояд [74, с.104].

Дар матни «Хрестоматикаи адабиёти Ватан» Х. Мирзозода дар таҳияи шеър баъзе дигаргуниҳоро ворид намудааст:

Чархи мусофир зи баҳри мост шабу рӯз,

Ҳар чӣ яке рафт , бар асари дигар ояд.

Мо сафари баргузаштанӣ гузаронидем,

То сафарӣ ногузаштанӣ **ба дар** ояд [74, с.106].

Ҳангоми муқоиса ду фарқият ба назар мерасад: аввалан дар чопи интиқодии «Сафарнома», «чарх мусофир», «баргузаштанӣ гузаронем» ва дар Хрестоматика шакли «чархи мусофир», «баргузаштанӣ гузаронидем», оварда шудааст .

Ҷадвали № 4.

| № | Матни «Хрестоматикаи Адабиёти Ватан» | Матни чопи соли 1970 |
|---|---|---|
| 1. | ба ҳар манзил, ки расидем, ҷой об набуда, то бистуми **шаъбони санаи сулс** ва арбаин аз арбаа мо ба шаҳри Басра расидем [74, с.106]. | ба ҳар манзил, ки расидем, ҷой об будӣ, ҷой набудӣ. **То бистуми шаъбони санаи чорсаду чилу се ба шаҳри** Басра расидем, девори азим дошт, илло он ҷониб ин об буд, девор набуд [13, с.106]. |

Яке аз муҳаққиқони манти «Сафарнома» Амрияздон Алимардонов дар мақолаи худ, ки маълумоти кофӣ оварда, роҷеъ ба тафовут, замон ва масъалаҳои дигари чопи «Сафарнома» мулоҳизаҳояшро дар асоси далел овардааст, аз ҷумла мегӯяд, ки «дар хусуси ихтилофи санаҳо дар «Сафарнома» ва порчаи дар «Шоҳнома», ки мувофиқи нишондоди «Сафарнома»-и Носири Хусрав дар Тӯс фақат дар соли 437 буда метавонист ва дар муколамаи мазкур бошад, санаи дар Тӯс будани ӯ 438 қайд гардидааст, ҳаминро мехоҳем арз намоем, ки дар муқаддимаи «Шоҳнома» бо гуноҳи котиби нусха ин иштибоҳ рух додааст. Чунки дар нусхаи хаттии истифодакардан С.Х. Тақизода санаи мазкур 437 қайд гардидааст. Аз ин гуфтаҳои дар боло овардашуда ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар аввалҳои асри XV матни пурраи «Сафарнома»-и Носири Хусрав мавҷуд будааст» [31, с.118].

Муҳаққиқи мазкур омили аслии таҳрифу таҳрир ва ихтисоршавии «Сафарнома»-ро дар мухолифати мазҳабӣ баррасӣ намуда, ба хулосае омадааст, ки пайравони Носири Хусрав ӯро ҷиҳати иблоғу маҷассамасозии бардурӯғ ҳатто ба сеҳру ҷодугарӣ низ алоқаманд сохтаанд. Номбурда дар як мақолаи худ, ки «Дахолати пайравони мазоҳиб дар «Сафарнома»-и Носири Хусрав» ном дорад, бобати матни асар иктифо карда, мутазаккир шудааст, ки пайравони исмоилия «Сафарнома»-ро аз дидгоҳи худ бознашр намудаанд. Аз чумла,

ҷиҳати ифшои ин матлаб чунин менависад: «Таҳлилу таҳқиқи матни «Сафарнома» ба он далолат менамояд, ки агар, аз як тараф, муаллифи суннимазҳаб ба ин асар даст зада, ба он баъзе таҳрирҳою тағйирҳои ба ақидаи худ мувофиқро дароварда бошад, он гоҳ аз тарафи дигар, пайравони содиқи исмоилия аз номи Носири Хусрав як «Сафарнома»-и дигаре сохтаанд, ки он ба асари ҳақиқии ӯ ҳеҷ умумият надорад. Ба андешаи мо, сабаби мавриди таҳриру таҳрифи бештар қарор гирифтани «Сафарнома»-и Носири Хусрав дар он аст, ки ин асар ба монанди «Ваҷҳи дин» ва баъзе рисолаҳои дигари Ҳаким, махсус барои бародарони руҳонӣ пешбинӣ нашуда, барои доираи васеи хонандагон навишта шудааст» [31, с. 114].

Амрияздон Алимардонов ҳамзамон он фикрро таъкид менамояд, ки «Дар «Сафарнома» -и қалбакие, ки намудҳои он дар «Девони ашъор» -и Носири Хусрав (нашри Ҳинд), «Оташкада» ва баъзе маъхазҳои дигар оварда мешаванд, баъзе маълумоту ҳикоятҳое ба назар мерасанд, ки онҳо ҳам бо баромади худ дар «Сафарнома» -и ҳақиқии Носири Хусрав алоқамандӣ дошта, дар матни мавҷудаи «Сафарнома»-и аслӣ дучор намеоянд. Азбаски ин масъала ба тадқиқу санҷиши махсус эҳтиёҷ дорад, бинобар ин, мо ҳоло дар хусуси то чӣ андоза бо «Сафарнома»-и ҳақиқии Носири Хусрав умумият доштан ё надоштани ин «Сафарнома»-и сохта таваққуф нахохем кард» [31, с.121].

Дар солҳои 40-уми садаи гузашта бо кӯшиши муҳаққиқон дар рӯзномаи «Коммунист Таджикистана» ҷиҳати муаррифии матни «Сафарнома» мақолае барои ҳаводорони осори мутафаккир бо забони русӣ аз чоп баромад. Худи ҳамин сол дар «Намунаҳои адабиёти тоҷик» ҳам шарҳи ҳоли шоир ва намунаҳо аз «Сафарнома»-и ӯ бо қалами С. Улуғзода аз чоп баромад. Дар намунаи мазкур низ иштибоҳот ба назар намерасанд. баръакс, бо истиснои баъзе вожаҳо матни «Намунаҳои адабиёти тоҷик» ба матни интиқодии соли 1970 монандӣ дорад.

Ҷадвали № 5

| № | Матни «Намунаҳои адабиёти тоҷик» | Матни чопи соли 2003 |
|---|---|---|
| | «Чунин гӯяд **Абӯмуҳиддин** Носири Хусрав- | «**Абумуиниддин** Носир |

| | | |
|---|---|---|
| 1. | ул Қубодиёни-ул-Марвазӣ тобуллоҳи Анҳу, ки ман марди дабирпеша будам ва аз ҷумлаи мутасаррифон дар амвол ва аъмоли султонӣ» [139, с.106]. | Хусрав ал-Қубодиёнӣ ал-Марвазӣ» **омадааст** ва «Тобуллоҳи Анду» [13, с.7]. |
| 2. | «Шабе дар хоб дидам, ки яке маро гуфт:<br>-Чанд хоҳӣ хурдан аз ин шароб, ки хирад аз мардум зоил кунад? Агар ба ҳуш бошӣ, беҳтар. Ман ҷавоб гуфтам, ки:<br>Ҳукамо ҷуз ин чиз натавонистан сохт, ки андуҳи дунё кам кунад.<br>Ҷавоб дод, ки:<br>-Бехудӣ ва беҳушӣ роҳате набошад ҳаким натвон гуфт касеро, ки мардумро ба беҳушӣ раҳнамун бошад, балки чизе талабид, ки хирад ва ҳушро биафзояд.<br>Гуфтам, ки ман инро аз куҷо орам?<br>Гуфт:<br>-Ҷӯянда ёбанда бошад.<br>Ва пас сӯйи қибла ишорат кард ва дигар сухан нагуфт.<br>Чун аз хоб бедор шудам, он ҳол тамом дар ёдам буд. Бар ман кор кард ва бо худ гуфтам, ки аз хоби дӯшин бедор шудам, бояд ки аз хоби чиҳилсола низ бедор гардам. Андешидам ки то ҳама афъол ва аҳволи худ бадал накунам, фараҳ наёбам» [139, с.111-112]. | «Шабе дар хоб дидам, ки яке маро гуфт: «Чанд хоҳӣ хӯрдан аз ин шароб, ки хирад аз мардум зоил кунад, агар ба ҳуш бошӣ, беҳтар». Ман ҷавоб гуфтам, ки: «Ҳукамо ҷуз ин чизе натавонистанд сохт, ки андӯҳи дунё кам кунад». Ҷавоб дод, ки: «Бехирадӣ ва беҳушӣ роҳате набошад, ҳаким натавон гуфт касеро, ки мардумро ба беҳушӣ раҳнамун бошад, балки чизе бояд талабид, ки хирад ва ҳушро бияфзояд». Гуфтам, ки «ман инро аз куҷо орам». Гуфт: «Ҷӯянда ёбанда бошад» ва пас сӯйи қибла ишорат кард ва дигар сухан нагуфт.<br>Чун аз хоб бедор шудам, |

| | | |
|---|---|---|
| | | он ҳол тамом бар ёдам буд. Ин насиҳат бар ман кор кард ва бо худ гуфтам, ки «Аз хоби дӯшин бедор шудам, бояд ки аз хоби чиҳилсола низ бедор гардам» [13, с.7]. |

То ҳанӯз мавриди чопи тозаи ин асар баҳсҳо мавҷуданд ва ба замми ин, наширон ба иштибоҳоти маъноӣ, наҳвӣ ва сарфӣ ҳангоми таҳия аз хатти арабиасоси форсӣ роҳ додаанд. Лозим ба ёдоварист, ки ҷиҳати воридшавии таҳриф дар «Сафарнома» зимни хаттотӣ шудани он дар асрҳои мухталиф аз ҷониби хаттотони гуногун маълумоти дақиқ нестанд, аммо бо дарназардошти ҷаҳонбинии мусаннифи «Сафарнома» аз дигар осораш метавон хулоса кард, ки матни китоб ва нусхаҳои гуногун гувоҳӣ медиҳанд, ки таҳриф дар масоили марбут ба мазҳабҳо ҷой доранд. Ягона тафаккуре, ки дар сартосари «Сафарнома» ҳукумат карда, ҳоҷате ба таҳриф надорад, албатта, ақоиди дунявии мусанниф маҳсуб мешавад.

Дар баробари таҳрифоте, ки ба андешаи Е.Э. Бертелс дар «Сафрнома» дида мешавад, арзиши асар то имрӯз коста нагардидааст ва хонандаи муосир на вобаста аз миллату мазҳабу қавм онро мехонанд .

Зимни баррасии нусхаҳои муосири китоб бояд мутазаккир шуд, ки ҳамаи сафарномаҳои мавҷуда ва таҳияи онҳо камбудҳое доранд ва ин мушкилӣ аз набудани нусхаи дақиқ ё куҳна ва ё истифода набурдани усули якхела, муназзам ва ҳуҷҷатгузорӣ бармеояд. Дар муқаддимаи ин китоб ду варианти куҳантарин нусхаи ин сафарнома муаррифӣ шудааст, ки нусхае дар мадрасаи Лакҳнав аст, ки ба 27-уми рамазони соли 1006 ҳиҷрӣ рост меояд. Варианти дигаре, ки дар Китобхонаи Бритониё маҳфуз аст, ба соли 1102 ҳиҷрӣ таалluқ дорад. Дар ин ислоҳ нусхаи Лакҳнав асоси кор аст ва бо истифода аз намунаи

Китобхонаи Британиё ва нашри Деҳлӣ ва мутобиқат бо намунаҳои дигари ин китоб таъмин шудааст.

Чопи муосири «Сафарнома» бо истинод ба равобити ҷомеаи нашрияҳои илмӣ ва фарҳангӣ бар асоси куҳантарин нусхае, ки дар китобхонаи Лакҳнав мавҷуд аст, бо талоши Муҳаммадризо Таваккули Собирӣ мунташир шудааст. То кунун муҳаррирон ва ноширони мухталиф «Сафарнома»-и Носири Хусравро ба табъ расонидаанд, вале дар ин нашр хусусиятҳои хоссе дорад, ки онро аз нашрияҳои дигар фарқ мекунад.

Дар Тоҷикистон ҷиҳати таҳия ва нашри «Сафарнома» чопи солҳои 1970 ва 2003 қобили зикр мебошанд, аммо ҳарду нусхаи чопшуда аз якдигар тафовут дошта, камбуду иштибоҳҳои зиёдеро дар бар мегиранд.

## 1.3. Нусхаҳои чопи оммавии асар

Дар Тоҷикстон бори аввал чопи пурраи «Сафарнома»-и Носири Хусрав соли 1970 бо кӯшишу тасмими Салоҳат Айнӣ ва Камол Айнӣ ба анҷом расидааст. Баъдан, чопи нав бо таҳрири нав интишор шуд. Дебоча ё ин ки сухани мураттибон дар ҳар ду китоб ҳам такрор омада, таъкид гардидааст, ки «матни пурраи «Сафарнома» аст. Ин китоб дар асоси матни танқидии «Сафарнома», ки соли 1341 ҳиҷрӣ мутобиқ ба соли 1922 дар Берлин, дар чопхонаи «Ковиёнӣ» нашр шудааст, омода гардид. Ноширони «Сафарнома»-и чопи Берлин як нусхаро асос гирифта, фарқу бадали ду нусхаи дигарро дар поварақ ҷой доданд» [29, с.6].

Камол Айнӣ дар нашри дувуми «Сафарнома», ки соли 2003 дар таркиби куллиёти нависанда, ҷилди дувум ҷой дода шудааст, аз он афсӯс мехӯрад, ки ҳангоми чопи аввал муҳаррирон ба иштибоҳот роҳ додаанд. Баробари ин ҳам дар чопи аввалӣ ва ҳам дар чопи дувуми умри 900-солаи «Сафарнома» таъкид гардида, зарурияти омӯзиши он саривақтӣ дониста шудааст.

Иштибоҳоти аввал дар матни классикӣ:

1. Дар саҳифаи нахусти чопи аввал вожаи “дебоча” ба назар намерасад, аммо дар чопи дувум дебоча пайдо гардидааст;

2. Дар чопи аввал мафҳуми арабии «Бисми-л-лоҳи-р-раҳмони-р-раҳим» нест, вале дар чопи дувум ин ибора мавҷуд аст;

3. Иштибоҳоти мухталиф, ҳатто дар дилхоҳ истилоҳ дида мешавад. Масалан, дар чопи аввал Марврӯд омадааст, аммо дар чопи сонӣ ба Марварӯд табдил ёфтааст. Инчунин, иштибоҳ дар сартосари матни «Сафарнома» мушоҳида мегардад, ки басе нигаронкунанда аст.

Ҳангоми омӯзиши фарқиятҳо дар матни чопи аввал ва дувум қарор додем, ки онро аз лиҳози мазмуни грамматикӣ ба гурӯҳҳо ҷудо намоем.

Ҷадвали № 6

| № | **Чопи соли 1970** | **Чопи соли 2003** |
|---|---|---|
| 1. | С. 7 – дебоча нест | С. 674 – дебоча ҳаст |
| 2. | С. 7 – Бисми-л-Лоҳи-р-Раҳмони-р-Раҳим нест | С. 674 – Бисми-л-Лоҳи-р-Раҳмони-р-Раҳим ҳаст |
| 3. | С. 7 – 1/7-Мекоил | С. 674 – 1/6-Микоил |
| 4. | С. 7 – 2/1-ракаат | С. 674- – 1/10-ракъат |
| 5 | С. 8 – 2/10-мувҳиёт | С. 675 – 1/2-мунаҳиёт |
| 6. | С. 8– 3/3 – Марврӯд | С. 675 – 1/5-Марваррӯд |
| 7. | С. 11– 3/3 – Муҳаммад мавло | С. 677 – 4/3-Муҳаммадмавло |
| 8. | 1. С. 27 – 1/30-алайҳиссалоту вассалом<br>2. С. 32-3/9-алайҳиссалоту 3. С. 36-1/23-алайҳиссалоту вассалом<br>4. С. 47-2/16-саллалоҳиалайҳивассалом<br>5. С. 79-2/8-алайҳиссалоту<br>6. С. 83-1/1-алайҳиссалоту<br>7. С. 94-2/5-алайҳиссалоти<br>8. С. 94-2/5-салаваттуллоҳи | 1. С. 692 – 1/8-алайҳиссалалавот вассалом<br>2. С. 696-3/8-алайҳиссалавоту<br>3. С. 700-1/6-алайҳиссалавот вассалом<br>4. С. 710-1/6-аллалоҳиалайҳивасаллам/<br>5. С. 738-2/7-алайҳиссалоту<br>6. С. 741-1/17-алайҳиссалавату<br>7. С. 751-3/4-алайҳиссалавати<br>8. С. 751-3/5-салавотуллоҳи |
| 9. | С. 36-1/17-пайғамбар рукуб кард | С. 700-1/1-пайғамбар алайҳиссалавот вассалом рукуб кард |
| 10. | Саҳ. 36-1/18-расул | С. 700-1/2-Расул |
| 11. | С. 36-1/26-саллаллоҳиалайҳивассалом | С. 700-1/9-саллаллоҳуалайҳвас-лла-саллам |
| 12. | С. 95- СИФАТИ МАДДУ ҶАЗРИ БАСРА ВА ҶӮЙҲОИ ОН | С. 752. СИФАТИ МАДД ВА ҶАЗРИ БАСРА ВА ҶӮЙҲОИ ОН |

Дар ҷадвали зерин иштибоҳоти мафҳуми арабӣ пурратар мушоҳида мешаванд:

Ҷадвали № 7

| № | **Чопи соли 1970** | **Чопи соли 2003** |
|---|---|---|
| 1. | С. 26-2/19-рабби-л-оламин | С. 691-1/10-раб-билоламин |
| 2. | С. 31-2/8-разияллоҳу | С. 695-2/7-азияллоҳу |

Иштибоҳоти маъноӣ, ки дар чопи матни дуюм роҳ ёфтаанд:

Ҷадвали № 8

| № | **Чопи соли 1970** | **Чопи соли 2003** |
|---|---|---|
| 1. | С. 8-2/3-Аз хоби чиҳилсола низ бедор гардам | С. 674-5/2-Аз хоби дӯшин бедор шудам, бояд ки аз хоби чиҳилсола низ бедор гардам |
| 2. | С. 8-2/10-мувҳиёт | С. 675-1/2-мунаҳиёт |
| 3. | С. 8-3/3-Марврӯд | С. 675-1/5-Марваррӯд |

Мураттибон дар матни дувум ба иштибоҳ ҳангоми истифодаи –ی ё худ бандаки изофии «-и»роҳ додаанд:

Ҷадвали № 9

| № | **Чопи соли 1970** | **Чопи соли 2003** |
|---|---|---|
| 1. | С. 9-6/7-алавӣ | С. 676-2/6-алавй |
| 2. | С. 9-8/4-мехоҳӣ | С. 676-4/4-мехоҳй |
| 3. | С. 12-1/1-арманӣ | С. 678-1/11-арманй |
| 4. | С. 14-4/3-наниҳодӣ | С. 680-2/8-наниҳодй |
| 5. | С. 16-1/7-тозӣ | С. 681-2/21-тозй |

Камол Айнӣ дар нашри дувуми «Сафарнома», ки соли 2003 дар таркиби куллиёти нависанда, ҷилди дувум ҷой дода шудааст, аз он афсӯс мехӯрад, ки ҳангоми чопи аввал муҳаррирон ба иштибоҳот роҳ додаанд. Баробари ин, ҳам

дар чопи аввалӣ ва ҳам дар чопи дувуми умри 900-солаи «Сафарнома» таъкид гардида, зарурияти омӯзиши он саривақтӣ дониста шудааст [5, с.106].

Боиси зикр аст, ки муҳаққиқ А. Алимардонов ҳанӯз пештар баъзе эродҳои худро роҷеъ ба иштибоҳоти дохили матн баён намуда, чунин ишора мекунад: «бо дарназардошти чунин вазъ ҳангоми таҳқиқу баҳодиҳӣ ба «Сафарнома» бисёр боэҳтиётона ва бодиққатона рафтор бояд намуд. Ба назари мо, бидуни муқаддима, ҳамду наът ва бевосита бо ифодаи «Чунин гӯяд Абумуинуддин Носири Хусрави Ал-Қубодиёнӣ Ал-Марвазӣ» оғоз ёфтани «Сафарнома» ҳам худ як навъ далели ихтисор карда шудани матни он мебошад. Дар матни «Сафарнома»-и Носири Хусрав, ки бо забони оммафаҳму мухтасар таълиф гардидааст, як идда ҷойҳои то андозае таҳриршуда (саҳифаҳои 49, 54, 56, 66, 114), номувофиқатии ҷумлаҳо бо ҳамдигар ( саҳифаҳои 52, 63, 115), бемавқеъ овардани ҷумлаҳои ҷудогона (саҳифаи 114) ва такроран овардани як матлаб дар ду ҷой (саҳифаҳои 59 ва 63) ба назар мерасанд» [31, с. 116].

Аммо боз таълифоте низ мавҷуданд, ки ихтисору изофаро ба «Сафарнома»-и Носири Хусрав номақбул донистаанд. Ба қавли онҳо, «Сафарнома» як гузориши ростест, ки бо забони сода ва беиттилое аз мушоҳидаҳо ва шунидаҳои нависанда бо чашму гӯши кушод, ки аз як қатор далелҳои дуру дарозе дар роҳи ӯ гузаштааст, мегузарад ва ҳеҷ нишонаи ороиш ва кӯшиши таҳмил кардани чизи изофӣ, нодаркор ва номатлубро дар тамоми матн дида намешавад. Ба ҳар чи муҳим буд, қаноат мекард, аз баёни маълумот худдорӣ мекард ва наметарсид, ки мабодо гуфтаашро нагӯяд ва чизеро ногуфта гузорад. Мисли он ки дар бораи он чизе, ки навиштан мехост, тасаввур ё тасмиме надошт ва худаш ба ҳама чиз меомад, ки дар пеши худ ягон намунае надошта бошад. Ва маҳз ба ҳамин далел, ӯ ба як комёбӣ ва намунае расидааст, ки аз они худ аст ва мисоли дигаре надорад. «Сафарнома» гузориши зиндаи дасти аввал аст ва ба ин далел матни нотакрорест, ки дар миёни матнҳои қарнҳои V, VI-и ҳиҷрӣ (асрҳои XI, XII мелодӣ) ва ҳама давру замонҳо чун ситора дурахшон аст.

Ҳангоми омӯзиши фарқиятҳо дар матни чопи аввал ва дувум қарор додем, ки онро аз лиҳози мазмуни грамматикӣ ба гурӯҳҳо ҷудо намоем. Масалан, дар ҷадвали 3 исбот мешавад, ки агар чопи аввал дебоча набошад, пас дар чопи дувум дебоча пайдо шудааст. Ба ибораи дигар, муҳаррирону масъулини баргардон кардани матни «Сафарнома» ҳамон иштибоҳе, ки дигарон дар ихтисору изофа намудани дар Тоҷикстон кардаанд, такрор карда, кирдори басе нигаронкунандаро нисбат ба ҳифзи мероси хаттии классикон амалан роҳандозӣ намудаанд.

Аз намунаҳои овардашуда маълум намудан мумкин аст, ки на фақат муҳаррирон, балки худи мураттибон низ ба иштибоҳ роҳ додаанд. Масалан, чун анъана тамоми матнҳои классикии адабиёти форсу тоҷик бо «Бисми-л-лоҳи-р-раҳмони-р-раҳим» оғоз мегардад, ки ин мафҳум дар матни аввал ба назар намерасад ва омили он аз комилан мамнуъ будани ифодаи мазкур дониста мешавад. Ё ба мисли ҳамин дар китоби аввал «пайғамбар, рукуб кард» ва дар китоби дувум бошад, шакли пурраи он «пайғамбар, алайҳи-с-салавоту ва-с-салом рукуб кард» оварда шудааст.

Бояд мутазаккир шуд, ки ғалатнависӣ зимни баргардонии осори бузургон беш аз пеш мушоҳида шуда, ин гуна иштибоҳот дар заминаи мавҷудияти дастнависҳои мухталиф ба вуҷуд меояд. Метавон гуфт, ки қабл аз баргардонкунӣ иштибоҳи мазкурро хаттотон низ роҳ додаанд, чунки таърихи адабиёти тоҷик аз истилоҳи «хубхати хатонавис» дарак дода, зуҳури ғалатнависиро дар гузашта низ исбот менамояд. Андешаи мазкур дар заминаи ниёзи бештар пайдо намудани афкори дахлдошта ба масоили матншиносӣ ба вуҷуд омада, ин ақидаро исбот менамояд, ки афкор на дар чаҳорчӯби мушаххас, балки бидуни риояи меъёрҳо таҳия ва тадвин мегарданд. Бинобар ин, кӯшиши содасозии матн дар аксар маврид хато хоҳад буд, чунки агар дилхоҳ матни иқтибосшуда ҷиҳати дастрасии оммаи васеъ сода гардад, шояд саҳеҳияти матн зимни содагардонӣ вижагиҳои аслии худро гум кунад. Ба ибораи дигар, ҳамаи иқдомҳои мо ҷиҳати тағйирдиҳии матни асосӣ оқибат иштибоҳеро тавлид мекунад.

Дигар ин ки хондани матни арабӣ ё худ истилоҳоти бегона дар қолаби матншиносии миллӣ иштибоҳи навбатӣ мебошад, дар ҳоле ки аксар мутуни аҷдодӣ бо дарназардошти ҳамоҳангии лаҳни арабиву тоҷикӣ маҳфуз мондаанд. Дар тасҳеҳи мутуни хаттӣ шинохти шакли дурусти калима яке аз амрҳои зарурӣ маҳсуб мешавад. Ҳангоми баргардонии мутун ба хатти кириллӣ бояд ба ҳаракатҳои калима диққати махсус зоҳир кард, зеро дар хати форсӣ ҳарфҳои бунёдии калима навишта мешаванд ва садонокҳои кӯтоҳи «а, и, у ё фатҳа, замма, касра» иншон дода намешаванд, аммо дар хати кириллӣ тамоми ҳарфҳо навишта мегарданд.

Дар китоби аввал вақти таҳия намудан ба баъзе иштибоҳот роҳ додаанд, ба мисли  дар китоби аввал «алайҳиссалоту вассалом» (с. 27-1/30) ва дар китоби дувум «алайҳиссалалавот вассалом» (с. 692-1/8), дар китоби дувум с. 696-3/8-“алайҳиссалавоту”, дар китоби аввал с. 36-1/23-“алайҳиссалоту вассалом”, дар китоби дувум  с. 700-1/6-“алайҳиссалавот вассалом”.

Иштибоҳот ва ғалатнависӣ зимни баргардон кардани матн аз расмулхат ба сиррилик на танҳо дар «Сафарнома», балки дар дигар сарчашмаҳо мушоҳида мешаванд. Бояд мутазаккир шуд, ки инчунин хатоҳо завқи хонандаро зимни мутолиа барҳам зада, латофату назокати матнро нобуд месозанд.

Бинобар ин, баргардонкунандаи сарчашмаҳо бояд аз расмулхат огоҳии комил дошта, муҳаррир  забони арабиро низ фаҳмад. Дар сурати набудани ин тазаккурот матн нодуруст баргардон шуда, аҳаммияти маънавии хешро гум хоҳад кард. Аз ҷониби дигар, баргардонкунии матн дар замони муосир яке аз тахассусҳои калидӣ ҷиҳати муаррифии осори гаронбаҳои таърихӣ маҳсуб мешавад ва барои иштиғол доштан дар самти баргардонии мутун бояд донишмандони шинохта ҷалб карда шаванд.

Дигар омили роҳ додани хатонависӣ зимни баргардон шудани матн камтаваҷҷуҳии масъулин ва коршиносон ба сифати кор маҳсуб мешавад. Агар фарди баргардонкунанда масъулияти хосро эҳсос мекард, зимни баргардонкунӣ ба иштибоҳу хатокорӣ роҳ намедод, сонияи, насли муосир ҷиҳати такмил

додани донишҳои матншиносии хеш сахткӯш нестанд ва ба масоил рӯяки дида медӯзанд.

Дар замони муосир донистани теъдоди муайяни хатҳо анъана шудааст. Аммо ба таври комил донистани ду хат зимни баргардонии матн аз як хат ба хатти дигар донишҳои фарохро талаб мекунад. Бинобар ин, сарсарӣ омӯхтани хат дар фаъолияти баргардонкунӣ мушкил эҷод хоҳад кард.

**Хулосаи боби аввал:**

1. Жанри «Сафарнома» вижагиҳои тарҷумаиҳолӣ дошта, ғолибан, таассуроти сайёҳ, яъне муаллифро фаро гирифтааст. Гузашта аз ин, гуногунии матн дар асар имкон медиҳад, ки жанри сафарнома табиатан бадеӣ ва публисистӣ бошад.

2. Агар хаттоте зимни китобат намудани матни «Сафарнома» иловаҳоро аз худ ба матн ворид карда бошад, ё худ аҳли суннат бо дарназардошти авомили мазҳабӣ баъзе андешаҳои нависандаро лағв карда, ҷойи он афкори хешро ҷой дода бошанд, боке нест, аммо вақте ки масъули баргардон кардани матн аз расмулхатти ниёгон ба кириллии тоҷикӣ иштибоҳ мекунад, аламовар хоҳад буд. Сатҳи донишҳои имлоии афроди баргардонкунандаи муосир ҷиҳати интишор кардани сарчашмаҳои таърихӣ, ки ганҷинаи мероси хаттии ниёгон ҳастанд, ба талаботи муосир ҷавобгӯ набуда, оқибат ба пайдо шудани иштибоҳу хатокорӣ мусоидат мекунад. Бинобар ин, роҳҳои наверо бояд ҷустуҷӯ кард, ки чунин иштибоҳот минбаъд зимни баргардон кардани сарчашмаҳо такрор нашаванд.

3. Бобати гуногунии нусхаҳои «Сафарнома» ва ҷой доштани ихтилоф дар нусхаҳо лозим медонем тазаккур диҳем, ки муҳаққиқон дар самти мазкур ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: гурӯҳи аввалро онҳое ташкил мекунанд, ки бо такя бо ховаршиносони Русия, чун Бертелс ва Брагинский мавзуъро мавриди пажуҳиш қарор додаанд. Ба гурӯҳи дувум, пажуҳишгароне шомиланд, ки сарчашмаи таҳқиқи онҳоро осори таҳқиқии уламои Ғарб ташкил додаанд, аммо ҷиҳати куҳантарин нусхаҳои «Сафарнома» ҳар ду гурӯҳ ақидаи воҳид пешниҳод намудаанд.

## БОБИ II

# СОХТОР, БАНДУБАСТ ВА МУҲТАВОИ «САФАРНОМА»-И НОСИРИ ХУСРАВ

### 2.1. Мавзуъ ва мундариҷа

Таърихи адабиёти оламшумури форсу тоҷик адибони зиёдеро медонад, ки солиёни зиёди умрашон сарфи сайру саёҳат гардида, паёми омӯзиши фарҳанги умумибашарро мақсади худ қарор додаанд. Бо ин ҳадаф аз диёре ба диёре ва аз кишваре ба кишваре рафта, аз расму оин, илму зиндагӣ ва маишати мардуми гуногун воқиф гаштаанд. Маҳз ҳамин афроди дунё ва одамдида пас аз бозгашт ба диёри худ пайи таълифи таассуроти сафарашон шуғл карда, осори гаронбаҳое офаридаанд, ки имрӯзҳо ородиҳандаи хазинаи тамаддуни миллат мебошанд. Осори таълифнамудаи Носири Хусраву Шайх Саъдӣ, Абдурраҳмони Ҷомию Зайниддин Маҳмуди Восифӣ, Аҳмади Донишу Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ, Зайнулобиддини Мароғаию Мирзо Сироҷи Ҳаким ва дигарон намунаи ибратомӯзи ин тамоюлот маҳсуб меёбад, ки ба замони зиндагии онҳо иртибот дорад.

Омӯзиши осори Носири Хусрав нишон медиҳад, ки он барои ғанӣ гардонидани олами маънавию ахлоқии инсон мусоидат кардааст. Мутафаккир дар осори худ аз хислатҳои шахсият: меҳрубонӣ, ростқавлӣ, самимият, инсондӯстӣ, меҳнатдӯстӣ, масъулиятшиносӣ ва дигар сифатҳои мусбати шахсият сухан ронда, ҳама чизеро, ки ба рушду такмили ҳувияти афрод ва ҷомеа халал мерасонад, ба таври қатъӣ маҳкум кардааст.

Аз рӯйи маълумоти дар осори Носири Хусрав ва баъзе маъхазҳои дигар ҷойдошта асарҳои зерин ба қалами ӯ тааллуқ доштаанд: «Сафарнома», «Девони ашъор», маснавиҳои «Рӯшноинома» ва «Саодатнома», осори фалсафии «Ваҷҳи дин», «Зод-ул-мусофирин», «Гушоиш ва раҳоиш», «Ҷомеъ-ул-ҳикматайн», «Бустон-ул-уқул», «Хон-ул-ихвон», «Далел-ул-мутаҳайирин», «Мифтоҳ ва мисбоҳ», «Ихтиёр-ул-имон», «Лисон-ул-олам» ва ғайра, аммо мутаассифона,

шаш асари дар охир зикрёфта бар асари ҳаводиси мухталифи зиндагӣ аз байн рафтаанд ва аз онҳо фақат ном боқӣ мондааст.

Ба ғайр аз асарҳои дар боло зикрёфта, ки ба қалами Носири Хусрав тааллуқ доштани онҳо равшан маълум аст, муаллифони маъхазҳо ва шарҳи ҳолҳою ривоятҳои сохта боз ба ӯ як силсила асару рисолаҳои дигар аз қабили «Иксири аъзам», «Қонуни аъзам» ё «Дастури аъзам», «Канз-ул-ҳақоиқ», «Ал-муставфӣ», «Дар илми Юнон», «Шаш фасл», «Усули одоб», «Умм-ул-хитоб», «Рисола дар тавалло ва табарро», «Дар таърихи кавокиб», «Тафсири Қуръон», «Саҳифот», «Ҳафт боб», «Каломи пир», «Миръот-ул-муҳаққиқин», «Саргузашти Носири Хусрав», «Насабномаи Шоҳ Носир», «Рисола дар надомати рӯзи қиёмат», «Сафарномаи Машриқ», «Офоқнома» ва амсоли инҳоро низ нисбат додаанд .

Руҳияи пурҷӯшу хурӯши Носири Хусрав ҳамеша ба сафар таваҷҷуҳ зоҳир мекард ва сабабҳои мухталифи сиёсию иҷтимоӣ ангезаи ӯ буданд. Вай барои ин кори зиёде кардааст. Баъд аз ин, ӯро бо омилҳое чун таблиғи дин ва корҳои сиёсӣ шинохтанд. «Сафарнома»-е, ки аз ҳафт соли сафар аз шаҳр ба шаҳр ва макон ба макон омадааст, маҳсули қалами ҳакими равшанфикр аст, ки ҷанбаҳои имконпазир ва мавҷударо баррасӣ кардааст. «Сафарнома»-и Носири Хусрав ба фарқ аз сафарномаҳои дигар дар шакли бадеӣ оғоз мешавад. Аксари сафарномаҳо нисбат ба ҳикояҳо ва романҳо шакли дигар доранд. Аммо ин сафарнома дорои сохтори монанд ба достон аст. Ин сафарнома дар муқоиса бо навъҳои шабеҳаш сохтори дигар дорад. Зеро дар он хусусиятҳои сохторӣ ба монанди ҳолати ибтидоӣ, қувваи харобкунанда, ҳолати миёна ва ҳолати ниҳоӣ истифода мешаванд.

Нозир Арабзода ин китобро «дафтари ёддошт, зикри хотироти ҳафтсолаи Носири Хусрав (аз 6-уми марти соли 1046 то 26-уми октябри соли 1052)» тавсиф намудааст ва ин китобро ҳамзамон «сафарнома, тазкира, таърих ва фарҳангу мардумшиносӣ» номидааст [34 , с. 24].

Дар «Сафарнома»-и Носири Хусрав иқтисодиёт ва ҳаёти иҷтимоии мардуми Шарқ ба таври кофӣ таҳлил гардидааст. Номи китоб ва фаслҳояш

ифодакунандаи мақсади муаллиф буда, аз лиҳози мазмун ба ҳамдигар пайвастагӣ доранд. Зимни сафар ба нимҷазираи Араб мусаннифи «Сафарнома» бо аҳли адабу илми замон вохӯрда, ҷиҳати дастрас намудани ҳақиқати аҳвол кӯшиш мекунад ва дар кор  дар мавриди андешаҳои Носири Хусрав роҷеъ ба ашхоси  соҳибандеша, ки таваҷҷуҳи нигоранда эҳтироми хешро ба аҳли қалам ошкор месозад, баррасӣ гардидааст.

Сафарномаҳо сарчашмаҳои гуногунҷанба мебошанд, ки ҳамзамон маълумоти таърихӣ, забонӣ, ҷуғрофӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва динӣ медиҳанд. Бархе аз мардум таърихи таълифи сафарномаро бо забони порсӣ ба давраи Хусрави Анушервон дар даврони Сосонӣ нисбат медиҳанд, вале бештари муҳаққиқон қадимтарини онҳоро дар «Сафарнома»-и Носири Хусрави Қабодиёнӣ медонанд ва баъд аз он дар аҳди Сафавӣ теъдоди зиёде аз сафарномаҳо ба вуҷуд омадаанд.

«Сафарнома»-и Носири Хусравро дар баробари ошноии комил бо сохтору забони инҳо таҳлил намуда, зимни қиёси он бо дигар сафарномаҳо метавон чунин хулоса кард, ки сафарномаҳо аз зеботарин ва муҳимтарин осори адабии шоирону нависандагон дар гузашта ба шумор мерафтанд. Зимнан, «Сафарнома»-и Носири Хусрав аз маъруфтарин ва ҷолибтарин навъҳои сафарнома аст. Ин «Сафарнома» чунон зебо навишта шудааст, ки имрӯз бисёриҳо онро меомӯзанд ва паҳлуҳои мухталифи онро таҳқиқ ва таҳлил мекунанд.

Аксари сафарномаҳо нисбат ба ҳикояҳо ва романҳо шакли дигар доранд. «Сафарнома» дорои сохтори монанд ба қисса аст. Ин вижагии «Сафарнома»-и Носири Хусравро нисбат ба дигар сафарномаҳо нотакрор ва маъмултар кардааст. «Сафарнома» дар муқоиса бо навъҳои шабеҳаш сохтори дигар дорад.

Тибқи натиҷаҳои бадастомада метавон чунин хулоса намуд, ки Носири Хусрав ҳам барои баёни дидаву шунидааш аз  ҳикояту  ривоят истифода мекунад. Дар ин гуна қиссаҳо қаҳрамони аввали достон ровии сафарнома мебошад. Бархе аз вижагиҳои сохти сафарномаи Носири Хусравро метавон ном бурд: истифодаи латифаҳо, мавҷудияти сюжет ва оғози амал; истифодаи

намудҳо ва дурнамои ҳикояҳо, такя ба намунаҳои нави сохтор; маълумот дар бораи муҳити зисти одамон дар шаҳру рустоҳо, хусусиятҳои меъморӣ, бостоншиносӣ, арзиши тахассусии биноҳо ва ғайра.

Муҳаммадтақии Баҳор, ки муҳаққиқи сабку намудҳои нигориш дар гузашта ва имрӯз мебошад, зимни пажуҳиши сабки «Сафарнома» таъкид мекунад, ки ин асар бештар бо насри ба ҳамагон маълум ифшо ёфта, то кунун ҳеҷ мушкил дар мутолиаи матн вуҷуд надорад. Ҳамчунин, Баҳор бар он андеша аст, ки ин асар нисбат ба дигар осори Носири Хусрав ба халқ наздиктар мебошад [71, с. 40].

Носири Хусрав асосан роҷеъ ба зебоии кишварҳо, одату анъанаи мардуми мухталиф маълумоти муҳим дода, суҳбату мунозираҳои хешро бо ашхоси гуногунмартаба инъикос менамояд. Носири Хусрав дар фароварди асараш зикр менамояд, ки асоси навиштаҳои ӯ воқеият доранд ва мушоҳидаҳои ӯ мебошанд: «Ва ин саргузашт он чӣ дида будам, ба ростӣ шарҳ додам» [13, с. 105].

Ҳамзамон, тазаккур медиҳад, ки он чизе тазод бинанд, дарк намоянд, ки фикри дигарон ҳам ҳаст: «Ва баъзе, ки ривоятҳо шунидам, агар дар он ҷо хилофе бошад, хонандагон аз ин заиф надонанд» [13, с. 105].

Воқеан, насри адабиёти тоҷик дар мароҳили гуногуни тараққии худ дорои сабкҳои гуногун будааст. Масалан, муҳаққиқон сабкҳои адабиро ба осонбаёну мушкилзикр ҷудо мекунанд. Маълум аст, ки сабкҳои дар Хуросону Мовароуннаҳр тарвиҷёфта дар асли пайдиши насру назм аввалан, соданависиро фаро гирифта, дар аҳди Сомониён бо ибора ва истилоҳоти сода навишта мешуданд. Мо метавонем назми Рӯдакӣ ва насри Беруниро ба теъдоди нависандагони соданавис шомил кунем.

Маликушшуаро Баҳор ба ҳайси муҳаққиқи наср онро ба ду навъ тақсим намуда, якеро содаю осон ва дигарро бо унвони «насри фаннӣ» мутазаккир шудааст. Навъи дувуми наср аз диди Баҳор бо вижагиҳои шеър яксон буда, дарки матлаб дар чаҳорчӯби насри фаннӣ мушкил боқӣ мемонад. Бинобар ин, ба қавли муҳаққиқ, ин ду навъ аз якдигар чандон мутафовит нестанд: «Ин навъро бо шеър бояд яксон донист ва дар замони қадим шеърҳое, ки гуфта

мешудааст, бо насре, ки аз навъи дувум гуфтем, чандон тафовут надоштааст ва шояд насре, ки аз навъи дувум дар аҳди бисёр қадим вуҷуд надошта ва он чи навишта мешудааст, насре сода буда ва он чи суруда мешуда ва бо оҳанг мехондаанд, ҳама шеър будааст» [71, с. 23].

Носири Хусрав «Сафарнома»-ро бидуни обу ранги хоссе оғоз намуда, онро бо ибораи «марде дабирпеша будам» ҳусни оғоз мебахшад ва дар ифтитоҳи нома омилҳои сафари ҳафтсолаашро баён менамояд. Яъне, жанри «Сафарнома» аз тобишҳои нодаркор орӣ буда, фақат ба тафсиру арзи маълумоти дақиқ ва воқеӣ такя менамояд. Дар ҷараёни «Сафарнома» навъҳои дигари насриро мебинем, ки ҳамчун боби алоҳида оварда мешаванд. Ҳарчанд ки тахминан тамоми ҳикоятҳои ин асар бо калимаи «сифат» оғоз меёбанд, аммо дар як боб истилоҳи «сияр» (сират) оварда мешавад, ки онро ҳамчун жанри насрӣ шинохтан дуруст хоҳад буд. Вақте ки Носири Хусрав «Сияри Султони Миср» мегӯяд, ин ҷо калимаи аввал ифодакунандаи жанр аст, ки ба воситаи он сирати подшоҳону амиронро муаррифӣ менамуданд. Ин ҷо «сияр» жанри васлкунанда буда, боиси инкишофу такомули сифатии воқеаҳои жанри асосӣ – «Сафарнома» гардидааст. Дар айни замон «сияр» дар вазъияте, ки дар «Сафарнома» дорад, предмети нақлшавандаи он ба этикеткаи адабиёти сафарӣ мувофиқат намекунад ва онро зарур буд, ки дар алоҳидагӣ арзи вуҷуд мекард. Ростқавлӣ ва ростгӯии муаллиф, ки ҳақиқати дидаашро менависад ва ҳақиқат ва дурӯғи шунидаашро тарк мекунад, яке аз сабабҳои махсуси нуфуз пайдо кардани «Сафарнома» -и Носири Хусрав аз дигар осораш ҳамин аст.

Носири Хусрав барин марди поквиҷдон ва ҳақиқатталаб камназир буда, агар гӯем, ки ҳамто надоштааст, хато нахоҳем кард. Аз кори дарбор даст кашид ва ба як гӯшае рафту ду ракъат намоз хонд ва аз Худо хост, ки ба ӯ моли ҳақиқӣ диҳад. Ин ангезаи ботинӣ боиси тааҷҷубоварии хобаш шуд. Носири Хусрав дар синни чиҳилсолагӣ бо бародари хурдиаш ва як ғуломи ҳинду, соли 437 ҳиҷрӣ аз Марв ба Макка ва Миср сафар карда, ба шаҳру сарзаминҳои мухталифи ҷаҳони ислом равон гардид. Дар ин муддат чаҳор бор ҳаҷ кардааст ва қабри баъзе паёмбарону авлиёро зиёрат кардааст. Дар роҳ бо донишмандон вомехӯрад. Ӯ

ҳамчунин, масҷиди Ақсоро, ки аввалин қиблаи мусалмонон буд, зиёрат мекунад. Пас аз сафари ҳафтсола аз Басра ва ҷануби Эрон дар соли 444 ҳиҷрӣ ба Балх баргашт ва дар ин муддат ҳамарӯза рӯйдодҳои муҳимме, аз ҷумла, масофаҳои тайкардаашро навишт.

Холиқ Мирзозода дар боби сафари Носири Хусрав чунин менигорад: «Сафари ӯ сафари кӯр-кӯронаи ҳоҷиёна не, балки сафари маърифатгирӣ буд, ки ин бо деҳаву шаҳрҳо, мардумон, кору бори истеҳсолоти онҳо ва илму донишашон шиносо шудан аст. Ба ин маънӣ нақли ӯ дар бораи вохӯрдани вай дар шаҳри Симнони Эрон бо аҳли илм Алӣ Нисоӣ [13, с. 8] дар Табрез шиносоӣ бо шоир Қатрон [13, с. 8] дар Мааррат-ун-Нуъмон зиёрати олим ва шоири бузурги араб Абулаъло ал-Мааррӣ[13, с. 16] ва ғайра гувоҳӣ медиҳад» [74, с. 130].

Аввалин хусусияти ин китоб ба вижагиҳои хосси муаллифи он марбут аст. Аз ҳама муҳимтар тайёрӣ ва таҷрибаи хуби нависанда аст. Ӯ дабирпеша буд ва талаби котиб дар баробари салоҳият ва шоистагӣ, донистани фарҳангу хушмуомилагии замон ва маҳорати фавқулодда дар навиштан дошт. Ҳамчунин, ба Қуръон ва асрори баёнии он ошно буд ва аз сӯйи дигар бар адабиёти форсу араб маҳорати комил дошт.

Хусусияти  дувуми «Сафарнома»-и Носири Хусрав ба вижагиҳои худи сафарнома марбут аст, ки метавон дар чанд нукта хулоса кард: Нахуст, фарогирӣ ва мухтасар дар ин китоби бузург, ки муаллиф дар бораи роҳи ҳафтсола дар ҳаҷми ҳудуди 120 саҳифа навиштааст, дар ҳоле ки ягон нуктаеро, ки судманд бошад, сарфи назар накардааст. Он чиро, ки дар замони худ барои мардуми Хуросон муфид буд, навиштааст. Баъдан, ӯ аз тамоми вилояту сарзаминҳои гузаштааш ёдовар шуда, дар бораи тарзи зиндагии мардум, рӯзгор ва иқтисодиёти онҳо, масофаи байни шаҳру рустоқҳо ва ғайра менависад. Агар он нуктаи муҳиме буд, қайд, вагарна рад карда мешуд.

Ю. Салимов ба шаклгирии наср таваҷҷуҳ намуда,  чунин менигорад: «... тасаввуроте, ки гӯё асарҳои насрии адабиёти гузаштаи мо танҳо аз солномаву санадҳои давлатӣ иборат будаанд, асосе надорад» [98, с. 9].  Ю. Салимов

истилоҳи насри бадеиро ингуна шарҳ додааст: «Осори насри бадеии форсу тоҷик унсури асосии бадеияти образнокиро доро мебошад» [98, с. 37].

Китоби мазкур, бешубҳа, аз зумраи шоҳкориҳои тамаддуни башар маҳсуб мешавад. Аз сӯйи дигар, оғоз ва анҷоми сафарнома бисёр ҷолиб аст, зеро дар оғози он орзуи аҷибу қарорҳо ва амалҳои аҷибтараш ва тавсифи сафару ҳамсафаронаш ва дар анҷоми мулоқот бо бародарашон Абулфатоҳ, ки ҳамеша аз аҳволи ду бародаре, ки ба ҳаҷ рафтаанд, мепурсад. Нуктаи дигар ростгӯӣ ва ростқавлии муаллиф аст, ки воқеияти ҳар чизеро, ки мебинад, менависад ва ростию ноҳақии ҳар чизеро, ки мешунавад, ба гӯянда вогузор мекунад.

Осонбаёнии ин асар то ҳадде муосиринро дар тааҷҷуб гузоштааст, ки хонову равону шево будани матни асар бо забони муосири порсӣ мусоидат мекунад. Гузашта аз ин, забони муосири форсӣ аз вожаҳои арабиасл иборат буда, матни «Сафарнома» аз онҳо эмин мондааст. Метавон тахмин кард, ки Носири Хусрав ин асари хешро барои порсизабонону дигар миллатҳои ғайри араб нигоштааст. Аз ин ҷост, ки бештари донишмандони муосир ба Носири Хусрав осори хешро бо ин забон таълиф намудаанд. Носири Хусрав имкон дошт,ки «Сафарнома»-ро бо забони арабӣ бинависад, ҳувияти миллияш ба ӯ роҳ надод, ки ин асарро бо забони ғайр бинависад.

Мақсади Носир Хусрав интишори маълумот ва навиштани сафарномае буд, ки ба оммаи васеъ мурочиат кунад. Ӯ мунаққидеро мемонад, ки барои баёни интиқод аз ҳар шакл истифода мекард ва асли пешрафтро дар бархурду муқовимат мебинад. Дар ин бобат афкори фалсафиаш гувоҳ мебошанд. Аммо чизи муҳимме, ки бояд андеша кард, ин аст, ки «Сафарнома» нахустин сафарномаест, ки ба забони тоҷикӣ боқӣ мондааст. Албатта, шояд пеш аз ин сафарномаҳо бо забони тоҷикӣ будаанд, аммо то ба мо нарасидаанд ва «Сафарнома» қадимтарин сафарномаи форсӣ маҳсуб мешавад. Пеш аз Носири Хусрав нафароне ҳастанд, ки дар китобҳои фиқҳ ва матнҳои дигар аз сафарҳои худ ёдовар шудаанд ва ё ҳангоми баҳсҳои илмӣ ва ғайра тавсифи сафарҳо ва маконҳои нав меоранд, аммо зоҳиран, Носир Хусрав аввалин касест, ки огоҳона ёддоштҳои сафарашро навиштааст.

Тартиби сафари Носири Хусрав чунин аст: Вай аз тариқи Нишопур, Симнон, Рай ва Қазвин ба Озарбойҷон рафт ва дар Табрез бо шоир Қатрон мулоқот ороста, бо ӯ баҳси маънавӣ бунёд намуд. Сипас, баъзе билоди арабро саёҳат бинмуда, ба мулки Фаластин расид ва шаҳри таърихии Байтулмуқаддасро зиёрат кард. Пасон, ба Макка рафт ва пас аз адои ҳаҷ ба Байтулмуқаддас баргашт, сипас бо хушкӣ ба Тайна ва аз он ҷо бо киштӣ ба Тунис ва аз Тунис ба Миср рафт. Се сол дар Миср буд ва замони иқомат дар Миср ду маротиба ба Макка сафар карда, соли 441 ҳиҷрӣ (1048 м.) Мисрро тарк кард ва пас аз рафтан ба Макка ва адои ҳаҷ рӯзи 26 ҷумоди-юл-охири 444 ҳиҷрӣ (19 ноябри соли 1050) аз тариқи Тоиф, Яман, Лаҳса, Басра, Исфаҳон ва Сарахс ба Балх баргашт.

Тибқи ҷуғрофиёи «Сафарнома», муаллиф ба кишварҳои Туркманистон, Эрон, Туркия, Сурия, Лубнон, Фаластин, Арабистони Саудӣ, Миср, Тунис, Судон, Ироқ ва Афғонистон саёҳат карда, пас аз анҷоми сафари ҳафтсолаи худ ба навиштани ёддоштҳои сафараш шуруъ мекунад, ки чанд сол тул кашида, натиҷааш он чизест, ки имрӯз бо унвони «Сафарнома» ба мо расидааст. Аз ин рӯ, «Сафарнома» тавсифи сафари Ҳаҷ аст, ки дар ин сафар бо бародар ва як ғуломи ҳиндӣ беш аз сад шаҳрро мегузарад ва мувофиқи шароити сафар андешаҳояшро дар рӯзнома қайд мекунад.

Ӯ аз тамоми вилояту сарзаминҳои гузаштааш ёдовар шуда, дар бораи тарзи зиндагии мардум, рӯзгор ва иқтисодиёти онҳо, масофаи байни шаҳрҳову вилоятҳоро менависад. Метавон гуфт: «Сафарнома» махзанест, ки дар бораи вазъи мардуми Шарқ ва нимҷазираи Араб дар садаи панҷум маълумот медиҳад. Ин китоб хеле равон навишта шудааст ва Носири Хусрав кӯшиш кардааст, ки чизҳои дидаашро ба таври мухтасар баён кунад. Дар баробари вижагиҳои адабӣ ин китоб аз ҷиҳати ҷуғрофиё, таърих, фарҳанг ва дониши умумӣ низ хеле арзишманд аст. Носир Хусрав дар сафарномааш чун муҳаққиқи камназир ба ҳар деҳа ва шаҳр сафар карда, хусусиятҳои симои ин минтақа, расму оин, касбу кор ва кору бори мардум, аҳволи идораи шаҳру дарбор, меъмории биноҳо, қасрҳоро таҳқиқ мекард.

«Сафарнома»-и Носири Хусрави Қубодиёнӣ натиҷаи сафари ӯ ба Шарқи Наздик ва нимҷазираи Арабистон ва баъзе минтақаҳои қитъаи Африқо маҳсуб мешавад. Нависанда марказҳои фарҳангии басе манотиқи қадимиро дар шаҳрҳои Байтулмуқаддас, Макка ва Мадина дида, бобати фарҳангҳое, ки дар ин минтақа зуҳур кардаанд, маълумоти дақиқе пешниҳод менамояд. Гузашта аз ин, бобати идомаи сафар ва боздиди муаллиф аз шаҳрҳои Искандария ва Қоҳира, саёҳати ӯ ба Судон, ки аллакай қитъаи Африқост, маълум мегардад. Масалан, вижагиҳои тамаддунҳои қаблӣ дар Ҳиҷоз ва инъикоси он дар тасвирҳои муаллифи асар ҷолиби диққат мебошанд. Муаллиф гоҳ тарзи ҳаёти бадавиро интиқод менамояд, гоҳ тарзи тафаккури раҳбониро, дар мисоли раҳбони яҳудӣ, мазаммат мекунад, аммо тасвири анъана ва фарҳанги мардумро бидуни ғараз ба қалам оварда, баъзан шикоят аз аъроб мекунад, ки гурӯҳе аз онҳо миёни обу шир тафовут намегузоранд. Тасвири ҷуғрофии минтақаҳо дар «Сафарнома» ҷолиб буда, ба асар ҳусну тароват бахшидааст. Масалан, дарёи Нил, баҳри Сурх, бандари Меҳробон ва амсолашон аҷиб инъикос мешавад.

«Сафарнома» аз дебоча ва 20 фасли алоҳида таркиб ёфтааст, ки муаллиф аз зумраи онҳо 17 фаслро бо «Сифати» ёд менамояд. Аз рӯйи хронология ва самти сафар номи фаслҳо дуруст гузошта шудаанд: «Сифати қуббаи Сахра», «Сифати дараҷоти роҳи дӯкон ки бар соҳати ҷомеъ аст», «Сифати Халил, салавоту-л-лоҳу алайҳ», «Сифати шаҳри Миср ва вилояташ», «Сифати шаҳри Қоҳира», «Шаҳри Қоҳира», «Сифати Фатҳи Халиҷ», «Сифати шаҳри Миср», «Сифати хони султон», «Сияри султони Миср», «Сифати шаҳри Макка, шаррафаҳу-л-лоҳу таъоло», «Сифати замини Араб ва Яман», «Сифати масҷиди Ҳаром ва байти Каъба», «Сифати дари Каъба», «Сифати андаруни Каъба», «Сифати кушудани дари Каъба, шаррафаҳу-л-лоҳи таъоло», «Умраи Ҷаъронa», «Сифати Лаҳсо», «Сифати мадд ва ҷазри Басра ва ҷӯйҳои он», «Сифати аъмоли Басра».

Худи номи асар аз навъи он дарак медиҳад, яъне сафаре, ки зикраш рафтааст. Худоӣ Шариф дар «Назарияи наср» оид ба унвонгузорӣ чунин хулоса меорад: «Талаби мувофиқати унвон бо мазмун аз шароити қаблии нависандагӣ

дар ҳамаи замонҳо будааст» [128, с. 179]. Яъне баргузидатарин падидаи иродаи муаллиф унвони китоб аст. Номи китоб метавонад шартӣ, рамзӣ, воқеӣ бошад ва дар ҳама ҳолат ирода ва хоҳиши муаллиф ҳузур хоҳад дошт [128, с. 232]. Унвони «Сафарнома» ҳамчун асари бадеию публитсистӣ аз воқеияти асар гувоҳӣ медиҳад. Аз унвони «Сафарнома» ҷинсият маълум мегардад» [80, с. 22].

Лозим ба ёдоварист, ки «Сафарнома» чунонки дар боло мутазаккир шудем, на фақат натиҷаи сафарҳои муаллиф ба нимҷазираи Арабистон ва қитъаи Африқо аст, балки дар мадди аввал, ин асар пажуҳиши муаллиф дар ботини фарҳангҳои иқоматдошта дар манотиқи зикргардида маҳсуб мешавад. Агар мо «Сафарнома»-ро бо «Форснома»-и Ибни Балхӣ, ки аз ҷумлаи осори таърихию ҷуғрофӣ аст, муқоиса кунем, тафовут дар жанру сабки нигориш мушоҳида мешавад. Дигар ин ки сабки «Сафарнома» дар даврони баъдии инкишофи адабиёти тоҷик ба анъана даромада, бинобар вижагиҳои худ васеъ паҳн гардид. Имрӯз ҳамаи муҳаққиқони муосир бар ин боваранд, ки анъанаи ёддоштнависӣ аз «Сафарнома» оғоз гардида, маҳз сабки нигориши он бар дигарон таъсиргузор мебошад.

Аз дидгоҳи таърихӣ ва адабӣ ҳеҷ сафарномаро дар адаби форсу тоҷик бо «Сафарнома»-и Носири Хусрав муқоиса намекунанд. Агар гӯем, ки ҳадафи аслии ӯ аз таълифи «Сафарнома» дар даврони Фотимиён эътироз ба ноороми ҳо ва зулми ҳокимони Эрон дар он замон будааст, хато намекунем. Дар баробари ин, мехост, ки ба мардуми Хуросон аз кору бори дигар миллату сарзаминҳо маълумот диҳад. Бузургтарин арзиши китоби Носири Хусрав тавсифи шаҳрҳои муқаддаси исломӣ, мисли Макка ва Мадина мебошад. Дар ин асар дар мавриди шаҳрҳои Хуросон кам маълумот ба назар мерасад ва гумон меравад, ки ин китоб мавриди мардуми ҳамин минтақа ахбор медиҳад.

Мақсади асосии тамоми сафари душвори Носири Хусрав адои ҳаҷ ва зиёрати Каъбаи муқаддас буд. Ин ду шаҳр бо тамоми тафсилот тасвир шудааст, дар мавриди осори ислом ҳеҷ як ҷузъиёт аз назар дур нашудааст. Макка машҳуртарини шаҳрҳост ва Каъбатуллоҳ дар он ҷойгир шудааст. Ҳамчунин,

иқоматгоҳи нахустин муслимини садри ислом ва макони паҳншавии ислом ба ҳайси дини воҳид мебошад.

Шаҳрҳо дар қарни панҷуми ҳиҷрӣ (асри XI мелодӣ) ва тавсифи истилоҳоти ҷуғрофӣ, ё ба ибораи дигар шаҳрҳои асримиёнагӣ аз нигоҳи хусусиятҳо бо шаҳрҳои имрӯза хосиятҳои муштарак доранд, шаҳр зичтарин ва фаъолтарин муҳити инсонист, ки дар он дастовардҳои муосири инсонӣ ба ҷуз аз фаъолияти кишоварзӣ намоиш дода мешаванд. Бо дарназардошти шароити махсуси сиёсию фарҳангӣ ва техникии он замон, аз ҷиҳати табиати шаҳрҳои имрӯза тафовути назаррасе доштанд. Ба ин тартиб, шаҳрҳои бузурги асримиёнагӣ одатан ба шаш қисм, аксаран дар шакли доира тақсим мешуданд ва ҳар як доираҳои мутамарказ дар байни дигар доираҳои калонтар ҷойгир буданд: Қалъа дар қисмати марказии шаҳр сохта шуда, макони подшоҳ буд. Ба истилоҳи ҷуғрофиёи таърихӣ, маҷмуаи хонаҳои истиқоматӣ дуртар аз қалъа ҷойгир буда, бо девори азим иҳота шудааст.

Носири Хусрав дар «Сафарнома» аз шаҳрҳои мухталиф ёдовар шудааст. Аз зумраи вижагиҳои ин шаҳрҳо яке ин аст, ки онҳо аз чандин аносир иборат буданд. Яке аз онҳо работ буд, ки дар талаффузи муосир мусофирхона аст. Шаҳри асримиёнагиро ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти инсонӣ аз қабили тиҷорат, саноат, касбомӯзӣ, мусиқинавозӣ, ҳайкалтарошӣ ва ғайра дар бар мегирифтааст. Дар он бозорҳо, мактабҳо, дайрҳо, корвонсаройҳо, ҳаммомҳо, анборҳо, паноҳгоҳҳо ва ғайра фаъол буданд.

Хусусияти дигари «Сафарнома» сабти номи аслии шаҳрҳо, маконҳо ва манотиқи ҷуғрофӣ аст. Носири Хусрав, ки адиб ва илоҳиётшиноси бузург аст, номҳои ҷуғрофиро дар сартосари асар бодиққат сабт карда, онҳоро аз лиҳози шаҳршиносии асримиёнагӣ тавзеҳ додааст ва ба қавли ӯ Макка бузург ва ободон мебошад: «Ва шарифтарин шаҳрест андар ҷаҳон, ки мавлуди Паёмбар (с.) он ҷо будааст. Ва хонаи Худой, азза ва ҷалла, аст. Ва дарозои мазгити хонаи Худой, азза ва ҷалла, сесаду ҳафтод арш аст ва паҳнош сесаду понздаҳ арш. Хонаи Маккаро бисту чаҳор арш ва ним дарозост ва паҳнош бисту се арш ва ним. Ва самки Каъба бисту ҳафт арш аст ва аз гирди санги тавоф панҷоҳ арш

аст ва дарозо саду панҷоҳ арш аст. Ва бинои Макка Одам, алайҳи-с-салом, кардааст ва Иброҳим, алайҳи-с-салом, онро тамом кард. Ва аз рӯзгори Одам, алайҳи-с-салом, Худой, азза ва ҷалла, ин хонаро азиз кардааст» [13, с. 92].

Макони Маккаи мунавварарo Носири Хусрав дар сафаронмааш чунин ба тасвир додааст: «Шаҳри Макка андар миёни кӯҳҳо ниҳодааст баланд ва аз ҳар ҷониб, ки ба шаҳр раванд, то ба Макка наздик аст, кӯҳи Абуқубайс аст ва он гунбади гирд аст, чунонки аз пойи он тире бияндозад бар сар расад ва дар машриқии шаҳр афтодааст» [13, с.72].

Ва боз як хусусияти пурарзиши «Сафарнома» ин аст, ки тақрибан ҳазор сол пеш ҳузури муаллиф дар шаҳрҳои муқаддас ё бо мурури замон тағйир ёфтааст ё тамоман гум шудааст.

Худи китоби «Сафарнома» аз вижагиҳои сафар ба манотиқи мухталиф ва ашхоси гуногун, ки аз дину фарҳангҳои гуногун намояндагӣ доштаанд, ишора мекунад. Аз вижагиҳои хосси «Сафарнома» зимни баррасии бузургтарин марказҳои исломӣ ин аст, ки мусаннифи он ба ривоятгӯйӣ ва бо таассуб ба фарҳангҳои ғайриисломӣ дида андӯхтан надорад ва ҳадафи китоб низ назари воқебинона ба ҷаҳониён маҳсуб мешавад.

Хушбахтона, баъзе аз ёдгориҳое, ки ӯ тавсиф мекунад, то замони мо боқӣ мондаанд, гарчанде ки аксари онҳо баъд аз ҷангҳо, офатҳои табиӣ ва харобкориҳои рӯзгорон хароб шудаанд. Афсӯс, ки имрӯз харобиҳо идома дорад - радикалҳои ҷоҳил тайи ду даҳсолаи охир ганҷҳои мероси фарҳангии ҷаҳонӣ, аз ҷумла, муҷассамаҳои бузурги Буддо дар Бомиён ва ёдгориҳои бостонии шаҳрҳои Сурия ва Ироқро хароб карданд – ҳама чизеро, ки Носири Хусрав дар китоби худ тасвир намудааст. Носири Хусрав дохили маъбади Меъроҷ дар Байтулмуқаддасро, ки қабл аз таҷдиди куллии он аз ҷониби салибдорон дар асри XII пайдо карда буд, бо шавқ тасвир кардааст. Муаллифи «Сафарнома» чун донандаи ҳақиқии санъати меъморӣ амал мекунад: ёдгориҳоро бо иншоотҳои маълумаш муқоиса намуда, ченкуниҳои муфассалро изҳор мекунад. Вай, инчунин, Ал-Ақсои машҳурро дар шакли аслии он ба таври муфассал

омӯхтааст, вақте ки майдони толори асосӣ нисбат ба замони мо ду маротиба калонтар буд.

Яке аз вижагиҳои хосси «Сафарнома»-и Носири Хусрав бар хилофи дигар сафарномаҳо дар он аст, ки он бо як ҳодисаи бадеӣ оғоз шуда, латифаҳои форам, ҳодисаҳои дақиқ ва тафсилот дорад. Ҳарчанд сохтори умумии сафарнома аз роман фарқ дорад, аммо «Сафарнома»-и Носир Хусрав ба далелҳои хосси нақлӣ ва сохторӣ нисбат ба сафарнома ва гузориш бештар ба қисса шабоҳат дорад. Бисёре аз вижагиҳои сохтории асар, аз ҷумла авзои аввал, неруи хаобкор, авзои миёна ва авзои ниҳоӣ ба ин сафарнома сохти дигар додаанд. Илова бар ин, навъҳои махсуси нақли ин асар мутолиакунандаро ба осонӣ ба худ ҷалб кардааст.

Яке аз унсурҳои муштараки байни матнҳои адабӣ унсури «ҳикоят» мебошад, ки ривоят ба сифати воситаи ифодакунанда дар хизмати жанрҳои гуногуни адабию бадеӣ гузошта шудааст ва аз корбурдҳои муҳимми ривоят ин аст, ки вай ҷараёни ҳодиса ва амалҳоро дар жанрҳои адабӣ пеш мебарад. Ин вазифаи ривоятӣ дар ҳама гуна адабиёт, аз ҷумла, достонҳо ва сафарномаҳо истифода мешавад. Аммо «Сафарнома»-и Носири Хусрав ба далели забон ва услуби хосси баёнаш ба сохти достон таваҷҷуҳ ва наздикии хос дорад. Истифодаи унсурҳое, чун нақл, вуқуъгӯйӣ, саҳнасозӣ, тасвир ва фазо ба сохтори ин сафарнома шакли қиссаро додааст.

«Сафарнома» дар заминаи ҳамгироии сафарҳои дунявӣ ва сафар ба сарзамини муқаддас сохта шуда, намунаи осори сюжетии аз ҷиҳати бадеӣ ҷудошуда мебошад. Дар «Сафарнома»-и Носири Хусрав инкишофи хатҳои сюжет хеле равшан мушоҳида мешавад, ки мавҷудияти онҳо аз хусусияти бадеии навиштаҳои сайёҳӣ шаҳодат медиҳанд. Дар баробари ин, тавсифи ашёи сайёҳӣ, пеш аз ҳама, барои баёни ҳолати сайёҳ, саъйю кӯшишҳо, тағйироти мавқеи ҷаҳонбинӣ ва болоравии маънавии ӯ нигаронида шудааст. Вобаста ба ин, дигаргунии дохилижанрӣ, ки тавассути он сюжет ва унсурҳои композитсия ба асарҳои эпикӣ, аз қабили роман, повест, очерк монандӣ доранд.

Сюжет — «маҷмуаи мавзуъҳо», сюжетҳо — ин силсилаи мураккабест, ки дар он бинобар санади муайян ҳаёти инсон ва воқеияти зиндагӣ ҷамъбаст гардидааст. Дар ин ҷамъбастҳо арзиши фаъолият, мусбат ё манфӣ таҷассум меёбад. Жанр бошад, шакли асари муайян буда, асари воқеӣ дар шакли муайяни жанр рехта мешавад. Ба қавли М. Имомзода: «Сужет ва бандубаст аз рукнҳои асосӣ ва ҳатмии асари бадеӣ мебошад. Ин ду рукн дар асари бадеӣ ба ҳам омада, ягонагӣ ва тамомияти асари бадеиро фароҳам меоранд... Сужет маҷмуаи воқеаҳои бо ҳам алоқамандро, ки дар асари бадеӣ тасвир шудаанд, мефаҳмонад. Воқеа асоси предмети тасвири асари бадеӣ мебошад» [ 58, с. 8].

Мутафаккир зимни сафар 66 таърихи рӯзу сол сабт намуда, дар ин маврид чунин таъкид мекунад: «Ва масофати роҳ, ки аз Балх ба Миср шудем ва аз он ҷо ба Макка ва ба роҳи Басра ба Порс расидем ва ба Балх омадем, ду ҳазору дувисту бист фарсанг (17 ҳазору 764 километр) буд ва ин саргузашт он чӣ дида будам, ба ростӣ шарҳ додам» [13, с.105].

Дар «Энсиклопедияи советии тоҷик» «Сафарнома»-и Носири Хусрав ба тарзи зайл муаррифӣ гардидааст: «Зоҳиран, нахустин асарест, ки дар адабиёти форс-тоҷик дар жанри сафарнома навишта шудааст» [150, с. 618].

Р. Мусулмонқулов мақолае бо унвони инкор намудани асари адабӣ будани «Сафарнома таълиф карда, исрор менамояд, ки асари мазкур бештар вижагиҳои бадеиро дорост. Дар ин маврид, номбурда навиштааст, ки асари мазкурро сирф илмӣ гуфтан хатост ва иштибоҳе беш нест.

Аммо Р. Мусулмонқулов асари мутафаккирро бо дарназардошти вижагиҳои адабию бадеии он ғайриилмӣ муаррифӣ намояд. Ба қавли муҳаққиқ, «Сафарнома» ба замми қимати илмӣ доштанаш арзиши зиёди адабии бадеиро низ молик мебошад. Носири Хусрав дар фароварди асараш зикр менамояд, ки асоси навиштаҳои ӯ воқеият ва мушоҳидаҳои ӯ мебошанд: «Ва ин саргузашт он чӣ дида будам, ба ростӣ шарҳ додам» [78, с.105].

Воқеан, Носири Хусрав бештар дар бораи ободонии шаҳрҳо, роҳҳо, хулқу хӯйи мардуми гуногуну урфу одати онҳо маълумоти муҳим медиҳад, мубоҳисаҳои худро ба инсонҳои шариф ёд меорад. Махсусан, мулоқот бо

шоири бузург Қатрон маълумоти муфиде меорад. Носири Хусрав ҳамчун фарзанди замони худ, ки аз маҳдудиятҳои фикрӣ ва таърихӣ холӣ набуд, ба сафари ҳаҷ баромада буд. Масалан, ӯ ҳангоми тасвири водии Ҷаҳаннам менависад, ки мардумони он ҷо гуфтаанд, ки дар он водӣ дар зери замин овози дӯзахиён меояд. Аммо Носири Хусрав таъкид мекунад, ки ӯ он ҷо рафтааст ва ҳеҷ гуна овозро нашунидааст ва ин афсона дурӯғи маҳз аст.

Баррасии ҳақиқати фарҳангҳо ва тамаддунҳо дар пӯшиши анъана ва маросими мардумӣ дар «Сафарнома» аз зумраи он махсусиятҳоест, ки «Сафарнома»-ро аз дигар асарҳои мутафаккир мутафовит месозад. Агар мутафаккир дар асарҳои дигар равиши пайгирӣ аз донишҳои назарӣ бошад, дар «Сафарнома» ӯ бештар ба илмҳои дунявӣ бештар таваҷҷуҳ карда, таҳлилҳояш воқеӣ ҳастанд ва аз соири асарҳо маҳз бо ҳақиқатнигорӣ фарқ мекунанд. Мутафаккир дар оғози китоб ва қариб дар ҳар бобе мақсад аз матлаби навиштани сафарномаашро таъкид менамояд. Аксари ҳикояҳо воқеист ва шоҳиди он худи нависанда аст. Ҳамчунин, ба хонанда қисмати кишварҳоро аз лиҳози ҷуғрофӣ инъикос менамояд.

Ҷустуҷӯи бо ҳадаф хусусияти асосии «Сафарнома»-и Носири Хусрав аст ва бешак, яке аз муҳимтарин осори насрии адабиёти форсу тоҷик аст, ки муаллифи китоб худ шоҳиди воқеаҳои зиёде мебошад. Носир Хусрав он чизеро, ки мебинад, бо саъйю кӯшиши зиёд ба қалам оварда, дар таҳқиқи фарҳанги нимҷазираи Арабистон муваффақ шудааст.

Арзиши ҷуғрофии «Сафарнома», тавсифи шаҳрҳо ва дигар ҷойҳо, ки Носири Хусрав бо чашми худ дидааст, дар қиёс бо дигар сафарномаҳо бартарӣ дошта, аз ҳамаи онҳо камназир маҳсуб мешавад. Тибқи воқеанигории нависанда имкон аст, ки дилхоҳ шаҳру минтақае, ки ӯ дар «Сафарнома» таҷассум намудааст, аз нав тарҳрезӣ шуда ва агар он шаҳрҳо ба харобазор мубаддал гардидааст, пас метавон ин харобазорро тибқи гуфтаҳо ва тасовири нависанда аз нав бунёд кард. Дар ин сафарҳо ӯ танҳо бо зикри ҳодисаҳои бо ӯ рухдода маҳдуд намешавад, балки вазъиятҳои табиӣ, сиёсӣ, ҷуғрофӣ ва мазҳабиро низ

зикр мекунад. Вай шаҳрҳоеро, ки мебинад, аз назар гузаронида, баъдан дар мавриди онҳо маълумот медиҳад.

Носири Хусрав, пеш аз ҳама, тавсифи шароити махсуси ҷуғрофии он минтақа, аз ҷумла: обу ҳаво, кӯҳҳо, биёбонҳо, дарёҳо ва чашмаҳои он шаҳр, дурии шаҳру деҳот аз ҳамдигар, тавсифи биноҳо, ба мисли қалъаҳо, аз қабили манораҳо ва қалъаву дарвозаҳо ва инчунин тавсифи баъзе аз зиёратгоҳҳо, аз қабили, масҷиду мақбараҳо ва ниҳоят бозорҳоро моҳирона тасвир карда, гузашта аз он, вазъи маънавӣ ва фарҳанги аҳолиро низ баррасӣ мекунад. Ҳосил ё хушксолӣ дар ҳар як минтақа, инчунин, шароити кишоварзӣ дар онҳо ва баъзе аз ҳодисаҳо аз қабили заминларзаи табиӣ низ бинобар урфу одат ва эътиқоди мардуми гуногун низ бо суҳбатҳои ҷолиб дар китоб ороиш ёфтааст.

Омилҳои баррасии масоили дар «Сафарнома» инъикосёфта беш аз пеш шаҳодат медиҳанд, ки ҷаҳонбинии муаллиф дар заминаи афкори дунявӣ тақвият пазируфтааст. Бешубҳа, донишҳои муаллифи китоб дар илмҳои гуногун ба ӯ имкон додааст, ки мушоҳидаҳояшро дар соҳаи таҳрир бештар илмӣ ва дақиқтар кунад. Ӯ аз оғози ҷавонӣ ба андӯхтани донишҳои гуногун машғул буд. Носири Хусрав бештари илму ҳунарҳои замони худ, аз қабили, тиб, риёзиёт, нуҷумшиносӣ ва фалсафаро аз худ кардааст.

Носири Хусрав шоир ва мутафаккирест, ки сафараш нуқтаи гардиши аслии зиндагиаш дониста мешавад. Барангезанда ва неруи пешбарандаи ӯ барои оғози ин сафари пурбор аз дигар сафарҳои маъмули замони худ фарқ мекард. Ин як сафари аҷиби ҷаҳон аст ва муаллиф дар сафар аз мушкилот наметарсад ва аз дағалӣ лоф намезанад. Вай дар ҷустуҷӯи ҳақиқат на танҳо талхии роҳи дуру дарози пурҷӯшу хурӯш, балки тамоми корҳои моддии худро ҳамвор кард. Ӯ дар як ҷо менависад, ки сангсор кардани хешро аз ҷониби кӯдакон дар Басра таҳаммул кардааст ва дар ҷойи дигар маҷбур шуд, ки мисли ҳамроҳони арабаш гӯшти сусмор ва шири шутурро тановул кунад, аммо табиати вай чун саҳронишинон набуд ва аксар вақт аз хӯрдани маводи мазкур саркашӣ карда, гуруснагӣ мекашид.

Носири Хусрав, махсусан, ба вазъи Миср таваҷҷуҳ бештар намуда, дар бораи вазъи бозори шаҳр чанд нуктаи ҷолиберо зикр мекунад. Бешубҳа, дар Миср дуконҳо дар надоранд ва онҳо танҳо ба рӯйи мол тӯр мекашанд. Яке аз урфу одатҳои ҷолибе, ки Носири Хусрав дар Миср пайдо кардааст ва онро дар сафарномаи худ инъикос кардааст, одати ҷазост. Дар идома масъалаҳои дигари андешаи дақиқи ӯ дар бораи ҳуқуқи сарбозону қозиён дар Миср зикр шудаанд. Нуктае, ки аз дидгоҳи Носир Хусрав ва воқеият пӯшида нест, маъруф набудани низоми таваққуфи низомӣ дар минтақа ва ҳукумати Фотимиён аст. Дар ин сафари ҳафтсола ӯ ҳамеша дар пайи андӯхтани дониш буд ва пайваста неку бади башарро тавассути ҳикояҳои ҳикматомӯз ба қалам овардааст.

«Сафарнома»-и Носири Хусрав пур аз мушоҳидаҳо ва нуктаҳои хонданбоб аст. Вай дар бораи сокинони биёбонии Арабистон мушоҳидаҳои шахсии худро борикбинона тасвир мекунад ва ба таваҷҷуҳи мутолиакунанда мерасонад, ки дилхоҳ қавму қабила ва халқиятҳо дорои ҳувияти фарҳангӣ ҳастанд, ки миёни онҳо ва ғайрашон тафовут мегузорад. Баъзан дар бораи мушкилие, ки мебинад, низ ҳарф мезанад. Сарфи назар аз маълумоти саҳеҳ, ки Носири Хусрав овардааст, гоҳо сафарнома санъати ҳаҷвро фаро мегирад.

Лозим ба ёдоварист, ки матни «Сафарнома»-и Носири Хусрав аз лиҳози мундариҷа ва сабки нигориш бо вуҷуди воридшавии таҳрифоти хаттотон аносири дунявии ташреҳ ва тарзи тафаккури дунявиро идома дода, бешубҳа, аз андешаҳои хурофотӣ ва каммаънӣ орист. Нависанда бештар ба воқеанигорӣ саргарм шуда, оид ба тафовути динҳою мазоҳиб кам таваҷҷуҳ медиҳад ва юнчунон ки ҳаст, ҳамонгуна масоилро мавриди баррасӣ қарор додааст. Масалан, мазаммати дунё аз ҷониби руҳбонони яҳудӣ, ё худ аксар зоирон, ки бо нависанда вохӯрдаанд, чӣ андеша доштанд? Ё худ анъанаҳое, ки дар Миср ҳанӯз пеш аз ислом боқӣ мондаанд, аз набудани афкори сиёсии исломӣ дар он овон дарак медиҳад. Ба ибораи дигар, Носири Хусрав мисли Буалии Сино дар «Донишнома» ва Абурайҳони Берунӣ дар «Осор-ул-боқия» фақат ба масоили мавҷудбуда такя намуда, чигунагии зиндагии ақвоми дар нимҷазираро аз лиҳози аҳволи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ баррасӣ намудааст.

Мавзуъ ва мундариҷаи «Сафарнома» аз баррасиҳои гуногуне ҷиҳати муаррифии расму анъана ва вижагиҳои хосси қавмҳо, аз хӯрдану пӯшидан то дарку шинохти ашё бо дарназардошти сатҳи тафаккури мусаннифи асар маҳсуб мешавад. Бешубҳа, Носири Хусрави Қубодиёнӣ зимни навиштани сафарномааш ба комёбиҳои ногуфтание муваффақ шуда, аксар хусусияти фарҳангию меъморӣ ва қабл аз ҳама, машғулиятҳои халқҳоро ба риштаи тасвир кашидааст, ки армуғони нотакроре ҷиҳати пажуҳиши вижагиҳои фарҳангии таърихи башар аст. Шояд аз ин хотир бошад, ки то кунун ин асар мавриди баррасии паёпай қарор мегирад ва бо гузашти вақт аҳаммияти он нисбат ба пешина дар ҳоли афзоиш қарор гирифтааст.

Аммо бархе аз муҳаққиқони шуравӣ «Сафарнома»-ро таснифи таблиғии Носири Хусрав гуфтаанд, ки чунин баҳогузорӣ ба муҳтавои асари мазкур мувофиқат намекунад. Масалан, файласуф Н. Арабзода зимни баррасии паҳлуҳои мухталифи таълимоти мутафаккир «Сафарнома»-ро асари таблиғи мазҳаб ном бурдааст, ки ба ҳақиқати асар бархурд мекунад [34 , с.24].

Воқеан, тибқи андешаҳои Бертелс, агар таҳрифҳои ҳанӯз тасдиқнаёфтаро ба назар гирем, шояд Носири Хусрав дар «Сафарнома» низ ҷиҳати таблиғи тафаккури мазҳабӣ сахткӯш будааст, аммо бинобар таҳрифи васеъ дар асар, имрӯз маълум мегардид, ки ин асар аз дараҷаи аслии худ мисли воқеият, қиёс, ғайра маҳрум мемонд ва арзиши он ҳам нонамоён мегардид. Бинобар ин, арзиши асар дар андешаҳои дунявии мусанниф арзёбӣ шуда, ба чунин натиҷа метавонад орад, ки агар афроди таҳрифкунанда матни «Сафарнома»-ро дигаргун месохтанд, пеш аз ҳама, андешаҳои дунявиро лағв менамуданд ва аз Мисру Байтулмуқаддас осоре намемонд. Саҳеҳтарин андеша ин аст, ки матни «Сафарнома»-и то ба имрӯз расида чун рисолаи таҳқиқи дунявӣ қонекунанда мебошад, чунки рӯз аз рӯз эътимод ба навиштаи он мефизояд. Боис ба тазаккур аст, ки матни асар ба густариш ёфтани ҳувияти фарҳангии тоҷикон мусоид буда, барои тақвият пазируфтани омилҳои ташаккули худогоҳӣ мусоидат мекунад.

## 2.2. Воқеияти бадеӣ дар асар

Насри адабиёти тоҷик дар мароҳили гуногуни тараққии худ дорои сабкҳои гуногун будааст. Масалан, муҳаққиқон сабкҳои адабиро ба осонбаёну мушкилзикр ҷудо мекунанд. Маълум аст, ки сабкҳои дар Хуросону Мовароуннаҳр тарвиҷёфта дар асли пайдиши насру назм аввалан, соданависиро фаро гирифта, дар аҳди Сомониён бо ибора ва истилоҳоти сода навишта мешуданд. Мо метавонем назми Рӯдакӣ ва насри Беруниро ба теъдоди нависандагони соданавис шомил кунем.

Маликушшуаро Баҳор ба ҳайси муҳаққиқи наср онро ба ду навъ тақсим намуда, якеро содаю осон ва дигарро бо унвони «насри фаннӣ» мутазаккир шудааст. Навъи дувуми наср аз диди Баҳор бо вижагиҳои шеър яксон буда, дарки матлаб дар чаҳорчӯби насри фаннӣ мушкил боқӣ мемонад. Бинобар ин, ба қавли муҳаққиқ, ин ду навъ аз якдигар чандон мутафовит нестанд: «Ин навъро бо шеър бояд яксон донист ва дар замони қадим шеърҳое, ки гуфта мешудааст, бо насре, ки аз навъи дувум гуфтем, чандон тафовут надоштааст ва шояд насре, ки аз навъи дувум дар аҳди бисёр қадим вуҷуд надошта ва он чи навишта мешудааст, насре сода буда ва он чи суруда мешуда ва бо оҳанг мехондаанд, ҳама шеър будааст» [71, с. 23].

Ҳангоми тасвир воқеънигор барои таъсирбахш гардидани асар ба воқеият хусусияти бадеӣ медиҳад. Носири Хусрав дар тули сафар аз вазъи мардуми шаҳрҳо ва вилоятҳои гуногун ошно гардида, аз ҳоли табақоти гуногунмазҳаб, забон, расму оини онҳо аз наздик шинос мешавад ва бо онҳо суҳбатҳо ва аз зисту зиндагии онҳо пурсон мегардад.

Умуман, сафар шуурро васеъ ва ҳиссиётро болида мегардонад, чунки дар хориҷ аз зодгоҳ сайёҳ ҷаҳонро дигар хел мебинад. Ин аст, ки Носири Хусрав, алоқамандона дар асари худ ба масъалаи моддиёт ва маънавиёти кишварҳои гуногуни Арабу Аҷам назар андӯхта, хеле хуб таҳлил менамояд. Муаллиф дар навиштани асараш тамоми хусусиятҳои воқеънигориро ба назар мегирад ва ҳангоми ба шаҳре ворид гардидан таърихи рӯз, номи шаҳр, табиат ва аҳволи

табақавии мардумро хеле хуб муаррифӣ менамояд. Инро дар мисоли тасвири Сурбо ном мавзеъе дидан мумкин аст.

Носири Хусрав дар ин саёҳат ҳудуди 1332 км ва бо эҳтисоби масофаи берун аз Миср, 18 ҳазор км роҳро дар муддати ҳафт сол паймуд ва онгоҳ ба Балх бозгашт. Дар ин сафари дарозмуддат сарзаминҳои мухталифро дида, оид ба тарзи зист, анъана ва расмҳои ақвоми мухталифи бадавӣ ва ғайри он нақлҳои воқеӣ нигоштааст. Носири Хусрав ҳамон дидаву шунидаҳояшро ба қалам овардааст, ки аз дидгоҳи таърих, ҷомеашиносӣ ва қабл аз ҳама, мардумшиносӣ аҳаммияти илмӣ доштааст.

Бояд мутазаккир шуд, ки бобати ҳастию нестӣ ва офариниши ҳаёт дар сайёра дар осори бузургони тоҷику форс андешаҳои мухталиф мавҷуд будаанд. Касоне, моддигаро будаанд, дар таърих онҳоро бо номзои гуногун ба мисли асҳоби ҳаюло, зарвонӣ ва ғайра мавриди баррасӣ қарор додаанд. Аммо Носири Хусрав равиши илмиро соҳиб буда, бештар дар таҳлилҳояш ба хулосаҳои илмӣ такя менамояд. Тибқи андешаи мутафаккир, тамоми мавҷудоти ҳастшаванда аввалу анҷомро соҳиб буда, ҳама чиз ҷиҳати бозгашт омада мебошад. Бинобар ин, муаллиф дар асари ёддоштии худ аз тамаддунҳое ёдоварӣ мекунад, ки бозгашт ба онҳо имкон дорад дар ҳақиқат вуҷуд надошта бошад, аммо эҳёи баъзе вижагиҳои он тамаддунҳои нестгардида аз эҳтимол дур нест. Дар ин маврид метавон иртиботи ногузастании имрӯзу фардоро бо гузашта мисол овард, ки дар батни якдигар нуҳуфтаанд. Адабиёт дар қиёс бо дигар намудҳои санъат метавонад озодона вақти воқеиро идора кунад ва бо хоҳиши муаллиф тағйир додани дурнамои замон имконпазир аст: гузашта ҳамчун ҳозир, оянда ҳамчун гузашта ва ғайра пайдо мешавад.  Масалан, дар осори насрӣ шакли феълии ривоҷ одатан ба таври шартӣ гузошта мешавад, ки бо нақли гузашта ёояндаи персонажҳо, бо хусусиятҳои ҳолатҳои андозагириҳои гуногуни замон алоқаманд аст.

Мафҳуми замон на танҳо аз нияти бадеии муаллиф, балки бо тасвири оламе, ки ӯ дар дохили он меофарад, тасаввур карда мешавад. Замон бо ҷудоӣ, яктарафагӣ, риояи қатъии пайдарпайии воқеии рӯйдодҳо, мурочиати доимӣ ба

ҷовидона хос буд: «Адабиёти асримиёнагӣ дар тасвири волои зуҳуроти ҳастӣ-бунёди илоҳии олам барои абадият, ғолиб омадан талош мекунад» [69, с. 254]

Дар баробари замони ходиса, замони муаллиф низ вучуд дорад. Муаллиф-эҷодкор дар замони худ озодона ҳаракат мекунад: вай достони худро аз охир, аз мобайн ва аз ҳар лаҳзаи воқеаҳои тасвиршуда оғоз карда, рафти объективии замонро вайрон накарда метавонад.

Омӯзиши фазо ва вақти бадеӣ таърихи тӯлонӣ дорад. Қаблан, дар солҳои 70-уми асри гузашта таваҷҷуҳ ба омӯзиши фазои бадеӣ бо роҳи ба муомилоти илмӣ овардани осори М.М. Бахтин, пеш аз ҳама, бо ворид кардани истилоҳи «хронотоп» ба соҳаи адабиётшиносӣ ба амал омад. Маълум аст, ки Бахтин исбот кардааст, ки фазо чизест, ки ба ҳаракати замон, сюжет, таърих ҷалб карда мешавад: «вақт дар хронотоп принсипи пешбаранда аст» [37, с. 235]

Фазо ва вақт чун анъана ҳамчун муҳимтарин категорияҳои онтологӣ ҳисобида мешаванд, ки низоми координатҳоро муайян мекунанд, ки дар асоси он тасвири ҷаҳон сохта шудааст. Ба миён гузоштани масъалаи омӯзиши онҳо дар матни бадеӣ ба шинохти моҳияти рамзӣ-моделсозии эҷодиёти бадеӣ асос ёфтааст. Масъалаи сохти фазоию замонии матни бадеӣ бо дугонаи асар, ки аз як тараф, низоми аломат (матн) ва аз тарафи дигар, як навъ модели тасвири асар мебошад, зич алоқаманд аст.

Аз ин рӯ, фазо ва замон ҳамчун координатҳои асосии олами бадеии асар ҳам якпорчагии композитсия ва ҳам якпорчагии меъмории матни бадеиро тавсиф мекунанд.

Бинобар муҳтавои андешаҳое, ки дар заминаи он поэтика чун илми сохтории фазою вақт пайдо шудааст, дар гузашта ва имрӯз адабиёти халқҳоро бидуни баррасиҳои инчунин сохтор таҳлил карда намешавад. Дар осори бадеӣ инъикоси замону макон аниқ аст ва дар асарҳои бадеию публитсистӣ вақти бадеӣ дорои санад ва ба таври воқеӣ инъикос меёбад.

«Сафарнома» аз ин ҷиҳат ҷалбкунанда аст, ки дар он васфи ҳокимону мақомдорон дида намешавад ва агар аз Мисру халифаҳои фотимӣ нақле дар «Сафарнома» бошад, пас ҳамон андешаҳост, ки ҳар як иқоматкунандаи Миср

онҳоро доштааст. Агар зиёрати Каъбаро омили сафар пиндорем ҳам, он сафари оддии ҳаҷ нест, балки ҷаҳонгардӣ ва ҷаҳонбинӣ бо он ҳамроҳ аст, чунки нигоранда фикр мекунад ва маҳсули сафари хешро бо дарназардошти дидаҳову шунидаҳояш баррасӣ карда, ҳарфе зоид ҷиҳати Каъба илова накардааст. Дигар ин ки сарзаминҳое, ки мавсуф  рафтааст, қисмате зери нуфузи Салҷуқиён ва бахшеро ҳукоми маҳаллӣ дар ихтиёр доштаанд ва бар Мисру Шому Ҳиҷоз низ хулафои фотимӣ ҳукм мерондаанд, аммо Носири Хусрав зимни таълифи «Сафарнома» дар ҳеҷ сатре ба таблиғ ва васфи онҳо напардохтааст.

Бинобар ин, Носири Хусравро чун воқеъбин ва воқеъгӯ тасаввур намуда, натиҷаи сафари ҳафтсолаашро аз авомили ҳақиқатнигорӣ баррасӣ кардаанд. Бо вуҷуди ин, аксар муҳаққиқин суол мегузоранд, ки чаро дар «Сафарнома» баҳси интиқодӣ ва таблиғи мазҳабӣ мушоҳида намешавад? Бархе қоил ба ин фикранд, ки шояд чунин андешаҳоро каси дигаре зимни китобат кардани «Сафарнома» ҳазф намудааст, аммо ин андеша бештар ба хаёлот монандӣ дорад, на бар ҳақиқат. Чунки дар аксар мавридҳо мусаннифи китоб аз таҳлилҳою васфҳои пуршукуҳ сарпечӣ намудааст ва сабаб хислати мардумиро донистааст, ки суханҳои ӯро ҳақиқат намепиндоранд ва ҳамчунин, агар муаллиф дар васфу тараннуму баррасиҳояш иктифо кунад, арзиши маънавии китоб поин хоҳад рафт. Маҳз бо дарназардошти омилҳои зикргардида, нигорандаи китоб аз навиштани бештаре аз ҳаводиси рухдода парҳез намуда, инъикоси баъзе аз манзараҳоро, ки бо чашми худ дидааст, тасвир намекунад: «...агар васфи он кунам, китоб ба татвил анҷомад» [13, с. 61].

Ба ибораи дигар, агар дар матне, ки муҳтавои дунявӣ дорад, ҳарфе зам шавад, нофаҳмӣ паси ҳам ворид мегарданд ва чун сухан аз таҳриру таҳриф меравад, на танҳо мухолифини ақоиди Носири Хусрав, балки пайравону ҳамақидаҳои дар ҳоли нохудогоҳӣ қарордоштааш низ ба изофаву ихтисори матн камари ҳиммат хоҳанд баст, аммо инсони оқил дар ҳеҷ сурат ба таҳрифи матн намепардозад, балки ба он вокуниш менависад. Бинобар ин, лағв намудани матнҳо хоси бадавиён буд ва таърих аз ин кирдор бохабар мебошад.

Носири Хусрав дар пешсухани «Сафарнома зикр мекунад, «ки аз хоби душин бедор шудам, акнун, бояд ки аз хоби чиҳилсола низ бедор шавам» [13, с.7].

Носири Хусрав баъзан дар ашъораш аз бедорию ғафлат ҳарф зада, ин ду тамоюлро воситаи ҳастию нестӣ пиндоштааст. Ба қавли мутафаккир, агар инсон дар ҳоли ғафлат қарор дошта бошад, мемирад ва баръакс. Носири Хусрав дар ин бобат мегӯяд:

Бедор шав аз хоби хуш, эй хуфта чиҳил сол,

Бингар зи ёронат, намонанд кас ағдар [27, с. 40].

Агар аз дидгоҳи мутафаккир ба инсон ва ҳастии ӯ назар кунем, дер ё зуд хулоса хоҳем кард, ки ҳастии инсон тавассути нафс давом дода, авуҷуди ҷисм аз солимию носаҳеҳии нафс сарчашма мегирад. Бинобар ин, дар чаҳорчӯби ин андеша инсон ҷузъи табиат маҳсуб мешавад.

Ҳадаф ва ҷустуҷӯи Носири Хусрав илму дониш аст ва ин роҳе буд, ки дар ҳадди сафар ҳаким онро вусъат бахшида, ҳангоми суҳбат ва баҳсу мунозира бо мардум, фалсафа ва аҳли дину мазоҳиби мухталиф дар ниҳоди ӯ таҳаввулоти наве пайдо шуд. Ин гуногугандешӣ боиси он гардид, ки бо афкор ва андешаи мардумон шинос шуда, фикр ва андешаи наверо дар ҷаҳони худ матраҳ намояд. Заминаи ин гуногунандешӣ, пеш аз ҳама, замони муаллиф аст, ки дар он ҷаҳонбинии илмии Носири Хусрав ташаккул ёфтааст.

Носири Хусрав нақши озодии инсонро дар ташаккули тафаккури нави ҷавонон ва ҷомеа тавассути мафҳуми нав дар аснои сафари тулонии хеш ҷойгузин намудааст. Ин аст, ки ӯ роҳи сафарро дар пеш мегирад, аз ҳар шахсе, ки мебинад, аз ӯ пурсишҳо мекунад, ва дар тамоми тули роҳ сахтиҳои ҷисмониро ба ҷон мехарад.

Бинобар таҳқиқи вижагиҳои сафари тӯлонӣ метавон хулоса кард, ки омили асосии ин мусофират дар заминаи бархурдҳои иҷтимоӣ ва истиқбол нагардидани низоми сиёсии мавҷудбуда сурат пазируфтааст. Дар тасвирҳои хеш муаллифи асар аксар чеҳраҳоро дар пояи санъати қиёс офарида, масъаларо

тавре баррасӣ менамояд, ки хонанда аз ин тасовир ба вачд омада, хоҳиши сафар кардан ба ин минтақаро дар ботин мепарварад.

Дигар вижагиҳои насри «Сафарнома» истиқболи муаллифи асар аз гуногунандешист. Носири Хусрав бо тааччуб ҳикоят мекунад, ки марди солхӯрдае аз қавмҳои бадавӣ бо вучуди доштани забони арабӣ наметавонад оддитарин сураи қуръониро ҳифз кунад. Чунин ҳикоятҳо дар асар бисёранд ва ҳар ҳикояте бо омилҳои мушаххас нақл карда шудаанд. Носири Хусрав ҳангоми шинос шудан бо мардумони мухталиф саъю талош мекард, ки бо ягон марди донишманди он диёр шинос шавад, то ки дар баҳсу мунозира ба суолҳои худ чавоби қонеъкунандае биёбад. Яъне, ӯ мехост, тафаккури фалсафӣ-илмии хешро тақвият диҳад. Аз ин рӯ, дар Симнон ӯ бо донишманди чавоне шинос мешавад, ки як гурӯҳе ӯро табиб мехонданд ва гурӯҳи дигаре ӯро Уқлудис мехонанд, аммо мавсуф худро шогирди Сино довиста буд. Ин шиносоӣ бо мардони фазлу адаб ва баҳсу мунозираҳои илмӣ боиси он гардид, ки чаҳонбинии мутафаккир боз ҳам беҳтар ташаккул ёфт.

Ба қавли мутафаккири точик, аввалин дарачаи такомули худшиносии инсон дар худи чомеа рух медиҳад. Ва ин фикру андешаҳои гуногун оид ба масъалаҳои мухталиф низ на берун аз чомеа, балки дар худи чомеа рух медиҳад.

Албатта, суол пайдо мешавад, ки аз кучо дар ниҳоди Носири Хусрав афкори чустучӯӣ пайдо шуд. Ҳангоме ки Носири Хусрав дар баҳсу мунозираҳои илмӣ оид ба баъзе масъалаҳои ихтилофоти фикрии байни адён, мазоҳиб ва равияҳои гуногун дида буд, дар ботиниаш як ҳисси кунчковӣ пайдо шуд, ки чӣ гуна ӯ метавонад, заминаи чаҳлу чаҳолат ва беадолатиро нобуд созад. Он гоҳ дар талоши он буд, ки роҳу равиши тозаеро дар таҳавуллоти андешаҳои донишмандон ва мардумони оддӣ кашф намояд, ки натичаовар бошанд.

Барои расидан ба чунин ҳадаф, яъне чустучӯи илму дониши нав ва роҳу равиши маънавиаш танҳо дар сафар ҳангоми шинос шудан бо мардуму халқиятҳои мухталиф ва мазҳабу равияҳои фарҳангҳои гуногунро омӯхта,

минбаъд барои такомули фикру андешаҳои фалсафӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоияш як пули бузурге сохтааст.

Ҷойи дигар дар ин маврид менависад: «Ва он ҷо молҳо дидам аз они мардум, ки агар гӯям ё сифат кунам, мардуми аҷамро он қабул наяфтад» [13, с. 59]. Бо вуҷуди ин, дар тасвири Носири Хусрав, ки дар «Сафарнома» омадааст, ҳеҷ муболиға ва дуруштбаёние нест ва барои исботи фикр васфи Андалусро дидан мумкин аст. Махсусан, афроде, ки он ҷо сукунат доранд, асосан сафедпӯстанд ва чашмони онҳо шакли гурбаро дорад, ки ин ҳақиқатро мавсуф беғаразона инъикос намудааст: «Ва Андалус вилояте бузург аст ва кӯҳистон аст, барф борад ва ях бандад, мардумонаш сафедпӯст ва сурхмӯй бошанд ва бештар гурбачашм бошанд» [13, с. 46].

Ҳатто мусаннифи китоб қариб 1000 сол муқаддам аз мутолиакунандаи муосир бо камоли узрхоҳӣ муроҷиат намуда, мутазаккир мешавад, ки бино бар таҳқиқи иҷтимоӣ ба иштибоҳот роҳ надода ва агар хилофе дар рафти анҷом додани асар рух дода бошад, бигзор хонанда ӯро мазаммат насозанд: «Ва дар ин саргузашт он чӣ дида будам, ба ростӣ шарҳ додам. Ва баъзе, ки бар ривоятҳо шунидам, агар дар он ҷо хилофе бошад, хонандагон аз ин заиф надонанд ва муохизоту накуҳиш накунанд» [13, с. 46].

Аммо суол ногаҳон пайдо мешавад, ки чаро Носири Хусрав чунин арзро қобили қабул медонад? Оё носаҳеҳӣ дар китоб мушоҳида мешавад? Мисоли дигар: магар мусаннифи асар медонист, ки хаттотон ва мубаллиғини мазҳабӣ зимни бознигарӣ шудани «Сафарнома» аз худ иловаҳову иштибоҳоти номақбулро ворид менамоянд? Айни замон, зимни мутолиаи китоб агар хатокориҳои имлоӣ дар чопи «Сафарнома» дар чашм наафтад, иштибоҳоти бисёр дар он ворид нагардидааст. Чаро? Чунки бахши бадеият ва усули воқеанигории Носири Хусрав имкон намедиҳад, ки аз мутолиаи асар камбудҳоро хориҷ кунем. Баръакс, муаллиф дар замоне мезистааст, ки хурду бузург ва оммию орифи манотиқи саёҳаткарда аз аҳкоми исломӣ суиистифода менамуданд ва таассубу хурофотзадагӣ, аллакай, ҷойгузини қудратҳои он замон гардида буд.

Аҷаб ин аст, ки Носири Хусрав зимни таълифи «Сафарнома» ба худ муносиб надидааст, ки китобро дар руҳияи таблиғӣ ва бо дарназардошти меъёрҳои мавҷудбуда ва ҳукмрон таҳия намуда, ба хонандагони васеъ пешниҳод намояд. Носири Хусрав чунон донишҳои густурда доштааст, ки воқеияти бадеии асарро бегуфтугӯ дар заминаи дидану шунидану таҳқиқ намуданҳо мавриди баррасӣ қарор додааст. Аз ин ҷост, ки дар «Сафарнома», ки ғолибан сафари ҳаҷ ном бурдаанд, икдомҳои наҷибона чун беғараз матраҳ намудани авзои иҷтимоӣ ва аҳволи фарҳангии ашхоси гуногун дар асли худ бо сабки соданависӣ тақдими хонанда шудааст.

Носири Хусрав ба ҳар минтақае, ки саёҳат кардааст, вазъи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маънавии аҳолиро бо қалами ҳақҷӯёна тасвир мекунад ва барои хонанда имкон намегузорад, ки ба ҳоли миллате ва қавме тамасхур бинмоянд. Муаллиф дар ҳар анъана ва одот вижагиҳои хосро матраҳ менамояд, агарчи он анъанаот мухолиф ба аҳкоми исломӣ бошанд. Дигар ин ки мусаннифи китоб одамонро ба муъмину кофар ҷудо накарда, дар рафтору кирдорашон роҳҳои иртибот ҷустанашонро бо Худо мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Масалан, дар мисоли раҳбонони Байтулмуқаддас вижагиҳои фарҳанги раҳбониро, ки мухолиф бо ислом аст, воқебинона тасвир карда, ҳеҷ гуна хулосае аз ин кирдорҳо намебарорад, балки кӯшиш менамояд авомили чунин хусусиёти фарҳангиро ошкор кунад. Ё худ, аз пиронсоли арабе нақл мекунад, ки бо вуҷуди хоҳиши ҳифз намудани оёти Қуръон аз уҳдаи қироати фақат Сураи Нос намебароят, агарчи Қуръон бо забони модариаш аст. Ҳадаф аз ин ҳикоят чист? Албатта, мақсади Носири Хусрав нишон додани нуқси инсон нест, балки ошкор намудани лаёқати инсон ва мушкилоти ӯ мебошад.

Нависанда ҳангоми баррасӣ намудани вазъи ҷуғрофиёии шаҳри Байтулмуқаддас норасоии обро чун мушкилӣ таҳқиқ мекунад: «Шаҳрест бар сари кӯҳе ниҳода ва об нест, магар аз борон ва дар рустоҳо об аст, аммо ба шаҳр нест. Ин шаҳр бар сари санг ниҳодааст ва шаҳри бузург аст, он вақт ки дидам, бист ҳазор мардум дар вай буданд. Ва бозорҳои неку ва биноҳои олӣ дорад ва ҳама замини шаҳр бар тахтасангҳое фарш андохта ва ҳар куҷо кӯҳ

будааст ва баландӣ буридаанд ва ҳамвор карда чунонки борон борад, ҳама замин покиза шуста шавад» [13, с. 26].

Муаллиф дар тасвири шаҳрҳо кӯшидааст, ки ҳақиқати онҳоро бо тасвири воқеӣ ба қалам оварад. Ҳатто сокинон ба чӣ коре иштиғол доранд ва вазъи иқлим дар он ҷо чӣ гуна аст, бо тафсир нақл мешавад. Барои мисол шаҳри Тароблисро меорем, ки ҳаким Носири Хусрави Қубодиёнӣ дар васфи он чунин нигоштааст: «Ҳаволии шаҳр ҳама кишоварзӣ ва басотин ва анҳор буд ва найшакар бисёр буд ва дарахтони норинҷу турунҷ ва мавз ва лимӯ ва хурмо ва шираи найшакар дар он вақт мегирифтанд» [13, с.17].

Воқеияти «Сафарнома» иборат аз ин аст, ки мусаннифи он ҳар куҷо, ки рафт, ҳатман аз гузаштаву муосири он диёр ҳикоят мекунад. Аз ин хотир, баъзан чунин мушоҳида мешавад, ки китоб «Зиёратнома» аст, чунки ғайр аз истинботи аркони ҳаҷ дар Макка ва Мадина ва усули будубоши ҳоҷиён дар Масҷиди Ҳаром, боз дар манотиқи мавриди сафар қарор доштаи муаллиф шахсиятҳои маъруфе дафн шудаанд, ки насаби онҳо дар кутуби муқаддас дарҷ гардидааст ва Носири Хусрав бинобар сафари хеш ин гӯристонҳоро зиёрат намуда, ҷиҳати чигунагии онҳо маълумоти муфассал пешниҳод менамояд. Баъзан аз мутолиаи «Сафарнома» хулоса бармеояд, ки нависанда ба шумо маълумоти нодири бостоншиносӣ ва инсоншиносиро пешкаш менамояд. Фаразан, зимни васфи Андалус чунин менависад: «....ҳамчун суқлобиён ва зери дарёи Рум аст, чунонки дарё эшонро машриқӣ бошад» [13, с.46].

Ба қавли Носири Хусрав, шаҳрҳое, ки ӯ онҳоро дидаву он ҷойҳоро тасвир намудааст, намуди зоҳирии хосро соҳибанд. Яке аз ин хусусиятҳо дар маркази шаҳр қомат афрохтани қасри муҳташам аст, ки он ҷо ҳокими шаҳр иқомат мекунад. Гӯристон дар шаҳрҳои асримиёнагӣ макони зиёрат ва будубоши сайёҳонест, ки бо мақсади зиёрати қубур ба он мавзеъ мусофират намудаанд. Масҷид бошад, ҷиҳати адо намудани ибодат бештари мардумонро муттаҳид карда, яке аз мавзеъҳои серодам маҳсуб мешавад. Боз муаллиф дар қатори дигар мавзеъҳои ҷолиб бозорҳоро таъкид намудааст, ки қариб ҳама маҷбуранд ҳамарӯза ба он ҷо рафта, баъзе мушкилҳои худро бо роҳи хариду фурӯш анҷом

диҳанд, аммо зимни сафари муаллиф ба Миср ва шаҳрҳои он мавзеъҳои басо ҷалбкунанда аз ҷониби Носири Хусрав ҳикоят карда мешаванд, ки таърихи хеле қадим дошта, то кунун макони зиёрати сайёҳон аз манотиқи гуногуни сайёра гардидааст.

Гузашта аз ин, дар аксар шаҳрҳо таҳияи қубурҳои обгузар ва аз минтақаи дигар овардани оби нушокӣ барои сокинон нақл карда мешавад, чунки иқлими нимҷазираи Арабистон камоб аст ва мушкилии асосӣ барои аҳолӣ дар ин манотиқ маҳз мушкилоти об маҳсуб мешавад. Масалан, зимни васфи шаҳрҳои Миср муаллиф ин андешаро баён доштааст: «Чун вилояти Миср вусъате дорад азим, ҳама навъ ҳавост, аз сардсер ва гармсер ва аз ҳама атроф ҳар чӣ бошад, ба шаҳр оваранд ва баъзе дар бозорҳо мефурӯшанд» [13, с.58].

«Сафарнома» фақат хулосаи муаллиф аз сафари хеш нест, балки он асарест, ки дар он оид ба ҳар минтақа маълумоти ҷуғрофӣ, меъморӣ, шаҳрдорӣ, демографӣ, иқтисодӣ, таърихӣ, динӣ, фарҳангӣ, чеҳрашиносӣ, астрономӣ ва ғайра пешниҳод шудааст. Бинобар ин, китоби мазкур дорои аҳаммияти бузурги илмӣ буда, бо гузашти айём диққати доираи васеи хонандагонро бар худ ҷалб менамояд. Илова бар ин, зимни баррасии шаҳрҳои Миср аз сияҳпӯстон мутазаккир шуда, онҳоро дар баробари сокинон тасвир менамояд: «Ва мардуми он ҷо сиёҳпӯст бошанд ва дини эшон тарсоӣ бошад» [13, с.44].

Ҳангоми баррасӣ намудани шаҳри Байтулмуқаддас тоифае аз сокинонро таъкид мекунад, ки пешаи раҳбонӣ дошта, ҷаҳд менамуданд, ки иртиботе ба ин ҷаҳон надошта бошанд: «Ва дар ин калисо басо қассисон ва роҳибон нишаста бошанд ва «Инҷил» хонанд ва намоз кунанд ва шабу рӯз ба ибодат машғул бошанд» [13, с.41].

Дар «Сафарнома» Носири Хусрав бобати зиёрат намудани қабри Абиҳурайра сухан карда, сабаб меҷӯяд ва оқибат ба хулоса меояд, ки кӯдакони мавзеъ зоиронро сангандозӣ мекунанд ва ҳеҷ кас аз шумули зоирон намехоҳад ба ин ҳодиса машҳур гардад ва омили зиёрат накардани он қабрро дар он мебинад, ки кӯдакон зоиронро заҳмат дода, онҳоро саркӯб мекунанд: «...ба хатти ибрӣ бар он ҷо навиштаанд, ки ба вақти он китобат сурайё ба сари ҳамал

буд ва гӯри Абуҳурайра он ҷост беруни шаҳр дар ҷониби қибла, аммо касе он ҷо ба зиёрат натавон рафтан, ки мардумони он ҷо шиа бошанд ва чун касе он ҷо ба зиёрат равад, кӯдакон ғавғо ва ғалаба ба сари он кас баранд ва заҳмат диҳанд ва санг андозанд. Аз ин сабаб ман натавонистам зиёрати он кардан» [13, с.23].

Носири Хусрав зимни навиштани «Сафарнома» баъзан мутаҳайир мегардад, ки чаро Қуръон бо забони арабӣ асту бархе аз аъроб онро хонда наметавонанд. Ё худ, тааҷҷуби хешро аз марди бадавии шастсола чунин изҳор мекунад: «Чун дар хонаи вай даромадем, арабе бадавӣ даромад, ба наздики ман омад, шастсола буда бошад ва гуфт: «Қуръон ба ман омӯз», «Қул, аъузу бира-б-би-н-нос» ӯро талқин мекардам ва ӯ бо ман мехонд... ёд натавонист гирифтан марде араби шастсола» [13, с.15].

Аммо бо ин иктифо накарда, Носири Хусрав аз бедодиҳои бадавиён нисбат ба зоирон нақл мекунад, чунки он солҳо зиёрати хонаи Каъба бинобар расму оинҳои бодиянишинон мушкил мегашт. Гузашта аз ин, аксар мавзеъҳои нимҷазираи Арабистон аз оби нӯшокӣ танқисӣ мекашид ва сайёҳон ба иллати камобӣ баъзан ҷон мебохтанд. Дар «Сафарнома» ҳамаи ин вижагиҳо, ҳам ҷуғрофиё, ҳам мардумшиносӣ, ҳам меъморӣ ва ҳам шаҳршиносӣ бо диди воқеъбинона инъикос ёфтаанд. Масалан, вазъи биёбон ва мушкили зисту сафар дар он чунин тасвир мегардад: «...ҷое будӣ, ки ба понздаҳ фарсанг об мебуд андак ва шӯр ва ҷое будӣ, ки сӣ-чиҳил фарсанг ҳеҷ об набудӣ» [13, с.69].

Тасвири иморат, шаҳрҳо, роҳҳо ва рустоҳо дар адабиёти форсу тоҷик маводи зиёд ба назар мерасад ва сафарномаҳо дар ташаккули фарҳанги шаҳрсозӣ саҳми босазое гузоштаанд. Вижагии хосси «Сафарнома» тасвирҳои он меъмориҳо аст, ки одами оддӣ наметавонад ин масъаларо ба тариқи бояду шояд ҳикоят намояд. Аммо муаллифи асар тавонистааст ин самти нигоришро беҳтар аз масоили дигар тасвир бинмояд. Гӯё мусанниф мутахассиси меъмории шаҳрҳо аст, аммо бо вуҷуди ин тасвирҳои нуктасанҷ мутолиакунанда эҳсос мекунад, ки таърихи башар бо ҳамаи аносири зоҳирию ботинии хеш диққати моро ҷалб хоҳад кард. Инсон баъзан маводи офаридаи худро паростиш хоҳад кард, вале мо дар тасовири Носири Хусрав бештар лаёқати ҳунаршиносии ӯро

мушоҳида мекунем. Иншо гардидани муҳити меъморӣ дар асар аз ҷаҳонбинӣ ва завқи зебопарастии нависанда вобастагӣ дорад.

Илова бар ин, дар «Сафарнома» аз ҷабри муслимин нисбат ба аҳолии биёбоннишини ба ҳеҷ дин боварнадошта нақл меравад, ки иқоматгоҳи онҳо биёбони азим ва алафхори бисёр буда, исмашон дар «Сафарнома» чун «баҷоҳон» зикр ёфтааст. Носири Хусрав, ки чун сайёҳ дар миёни ин мардумони биёбоннишин будубоше доштааст, чунин менигорад: «Мардуми бад набошанд ва дуздию ғорат накунанд, ба чаҳорпои худ машғул. Ва мусалмонон ва ғайраҳу кӯдакони эшонро бидузданд ва ба шаҳрҳои ислом баранд ва бифурӯшанд» [13, с.70].

Дар «Сафарнома» сифати шаҳри Лаҳсо ва чигунагии будубоши мардум дар он мавзеъ ба тафсил нақл мешавад. Носири Хусрав маҳз дар ҳамин мавзеъ ранҷур буда, ба мушкилӣ гирифтор шудааст ва, рнҷеъ ба ин менависад: «Ман ҳар чӣ маслиҳат буд, мегуфтам ва наздики ман ҳам бадавиён бо аҳли Лаҳсо наздик бошанд ба бединӣ, ки он ҷо кас бошад, ки ба як сол об бар даст назанад ва ин маънӣ, ки тақрир кардам, аз сари басират гуфтам, на чизе азароҷиф, ки ман нуҳ моҳ дар миёни эшон будам ба як дафъа, на ба тафориқ. Ва шир, ки наметавонистам хӯрд ва аз ҳар куҷо об хостаме, ки бихӯрам, шир бар ман арз кардандӣ ва чун наситадаме ва об хостаме, гуфтандӣ ҳар куҷо об бинӣ об талаб кунӣ, ки он касро бошад, ки об бошад. Ва эшон ҳама умр ҳаргиз гармоба надида буданд ва на оби равон» [13, с.92].

Дар «Сафарнома» ҳикояте аст, ки дар марвиди ба гармоба рӯ ниҳодани Носири Хусрав нақли аҷибе овардааст ва ин ҷо зарур медонем он ҳикоятро биорем: «Ва се моҳ буд, ки мӯи сар боз накарда будем ва хостам, ки дар гармоба равам, бошад ки гарм шавам, ки ҳаво сард буд ва ҷома набуд ва ман ва бародарам ҳар як ба лӯнгии куҳна пӯшида будем ва палоспорае дар пушт баста аз сармо, гуфтам акнун моро кӣ дар ҳаммом гузорад? Хӯрҷинаке буд, ки китоб дар он мениҳодам, бифурӯхтам ва аз баҳои он дирамаке чанд сиёҳ дар коғазе кардам, ки ба гармобабон диҳам, то бошад, ки моро дамаке зиёдтар дар гармоба

бигузорад, ки шух аз худ бозканем. Чун он дирамакҳо пеши ӯ ниҳодем, дар мо нигарист, пиндошт, ки мо девонаем» [13, с.93].

Баробари он ки кӯдакҳо онҳоро мебинанд, фикр мекунанд, ки девонаанд ва маҳз аз ҳамин хотир онҳоро санг андохта, бонг мезаданд, ки ба ин девонаҳо бингаред ва амсолашон, аммо агарчи гармоба дар асар бисёр васф шуда бошад ҳам, дар мавриди худи Носири Хусрав гармоба бештар вижагиҳои шаҳрнишинӣ дорад.

Бинобар ин, бо расидан ба шаҳри Басра мусаннифи китоб эҳсос мекунад, ки дар шаҳр асту бояд ба гармоба биравад ва зоҳири хеш тамиз намуда, боз ба ҷамъият баргардад. Иқтибосе, ки аз китоб ин ҷо интихоб намудем, тамаддунро аз бетамаддунӣ фарқ мегузорад ва иловатан, гувоҳӣ медиҳад, ки аз аркони шаҳрдорӣ ва шаҳрнишинӣ яке гармоба маҳсуб мешавад. Бояд гуфт, ки шустушӯ кардани инсон на фақат фароғат, балки намунаи олии фарҳангест, ки аз дер замон дар Хуросон густариш ёфта, то кунун аз авомили инсоншавӣ муаррифӣ мегардад.

Аммо аксар мавзеъ ва манотиқе, ки Носири Хусрав зимни сафар онҳоро дидааст, аз норасоии об шигифтӣ доштанд ва дар асар ин мушкил хеле хуб матраҳ мешавад. Ҳанӯз сафари Шомро идома дода, мавсуф аз дарёе нақл меорад, ки обаш талх буд: «Оби дарё ганда шуд, чунонки намешоист хӯрдан» [13, с. 22].

Дар «Сафарнома» Миср бо шаҳрҳояш то андозае васф шудаанд. Махсусан, ҷиҳати баррасии дарёи Нил, ки дар минтақа калонтарину дарозтарин рӯд аст, муаллиф бештар таваққуф мекунад. Аммо зимни нақл аз шаҳри Искандария ин ҳақиқатро ошкор менамояд: «Ва Искандарияро оби хӯрданӣ аз борон аст» [13, с. 46].

Гузашта аз ин, агар билоди Миср дар канори дарёи Нил қомат афрохта бошад ҳам, он ҷо мардум аз оби нӯшокӣ азият мекашанд ва тоифае ҳаст, ки ононро саққоён гӯянд ва вазифаи онҳо оби дарёи Нилро ба ҳар сурат ба шаҳр овардан аст: «Аммо оби шаҳр ҳама саққоён оваранд аз Нил. Баъзе ба шутур ва баъзе ба дӯш. Ва сабӯҳо дидам аз биринҷи димишқӣ, ки ҳар як сӣ ман об

гирифтӣ ва чунон буд, ки пиндоштӣ заррин аст. Яке маро ҳикоят кард, ки занест, ки панҷ ҳазор аз он сабӯ дорад, ки ба музд медиҳад, ҳар сабӯӣ моҳе ба як дирам ва чун бисупоранд, бояд сабӯ дуруст бозсупоранд» [13, с. 58].

Барои нависандаи закӣ вазъи номатлуби мардум ва ба корҳои бад шуғл доштани онҳо аз назар дур нагардида, ба таври дақиқ онро нишон додааст: «Мардумоне дузд ва муфсид ва ҷоҳил. Ва ин чаҳордаҳ ҳис ба ду карда буданд, ки мудом миёни эшон хусумат ва адоват буд ва эшон гуфтанд мо аз азҳоби аррақим, ки дар Қуръон зикр кардааст таоло ва тақадус. Ва он ҷо чаҳор корез буд ва оби он ҳама бар рӯд меафтод» [13, с. 24].

Носири Хусрав таърихи рӯзи ба дигар мавзеъ ворид гардидани худро дар асараш нишон додааст, аммо ин гуна мақсадгузорӣ на дар ҳамаи насри классикӣ ба чашм мерасад: «Нӯҳи рабеъулохир аз Риққа бирафтем ва дувоздаҳуми моҳ шаҳри Тун расидем, миёни Риққа ва Тун бист фирсанг аст. Шаҳри Тун шаҳри бузург будааст» [13, с. 102].

Нависанда чун як фарди мушоҳидакор корхона ва иқтисодиёти Риққаро таҳқиқ намуда, баъдан чунин ба қалам меорад: «Гуфтанд, дар ин шаҳр чаҳор сад коргоҳ будааст, ки чилӯ бофтанд. Ва дар шаҳр дарахти писта бисёр буд дар саройҳо. Ва мардуми Балх ва Тахористон пиндоранд, ки писта ҷуз дар кӯҳ нарӯяд ва набошад» [13, с. 103].

Маълум мегардад, ки Носири Хусрав аксар манотиқи Шаркро гаштааст ва аз он дидааш чунин тазаккур медиҳад, фаровон шаҳрҳо ва қалъаҳо дидаам.

Сафари ӯ танҳо ба Эрону Арабистон набудааст, балки Ҳиндустону Туркистонро низ сафар кардааст, вале дар ҳеҷ асараш сабт нашудааст. Баръакс, дар охири «Сафарнома» қайде ҳаст, ки агар «...сафари тарафи Машриқ карда шавад, он чи мушоҳида афтад, ба ин зам карда шавад» [13, с.105].

Инсоне, ки дар як муҳити муайяни шаҳр умр ба сар мебарад, ба меъмории он аҳаммият намедиҳад, аммо чун сафар намуд, завқи эстетикӣ, ҳиссиёт ва истиқболи ҳунари нафаре ӯро водор менамояд, ки бештар мутаваҷҷеҳ бигардад. Ба замми ин, осори адибони классик дар марҳалаҳои мухталиф таълифи зиёде дар бораи шаҳрсозӣ ва меъморӣ дорад. Ба ибораи дигар, тасвирҳои Носири

Хусрав аввалину охирин нестанд, чунки қабл аз ӯ низ чунин нигориш будааст ва пас аз ӯ ҳам, ин анъана идома меёбад. Лекин вижагиҳои тасвири меъморӣ, ки дар мутафаккир ҳаст, қабл аз ӯ набудааст ва пас аз ӯ низ намешавад. Ҳатто дар адабиёт шаҳрҳои тахайюлие тасвир гаридаанд, ки сарчашмаи он аз муайян намудани сохти иморат ва шаҳрдорӣ дар умқи муаллиф мебошад.

Аз вижагиҳои «Сафарнома» яке ин аст, ки мусанниф зимни сафари хеш ба ҳар мавзеи сафаркардааш маълумот дар бораи табиат пешниҳод карда, норасоиҳо ва бартариҳои иқлимии онҳоро муфассал нақл менамояд. Нависанда зебоиҳои табиатро дар «Сафарнома» чунин тасвир намудааст: «…кӯҳҳо буд ҳар як чун гунбаде, ки ман дар ҳеҷ вилояте мисли он надидам баландӣ, чандоне ки тир ба он ҷо нарасад ва чун тухми мурғ амлос ва сулб, ки ҳеҷ шаққӣ ва ноҳамворӣ бар он наменамуд. Он чи дар он вақт, ки мо он ҷо расидем ободон буд, миқдори ним фарсанг дар як мил арз буд. Ва дар ин миқдор чаҳордаҳ ҳисор буд» [13, с.47].

«Сафарнома»дар бораи ёдгориҳои таърихӣ, масҷидҳо, китобхонаҳо, бозорҳо ва расму оинҳо маълумот медиҳад. Ҳамчунин, дар мавриди дину мазоҳиб, аҳволи ҷуғрофии ақвоми бадавӣ ва ғайри онҳо, вижагиҳои иқлимӣ дар мисоли камобӣ ё набудани об ва ҷои об истеъмол шудани шир, маводи ғизоии минтақа ва ниёз доштани аҳолӣ ба маводи зарурӣ аз қабили обу гӯшти саҳеҳ дар асар гувоҳӣ медиҳанд, ки мусофирати шоир ба таври бояду шояд суръат напазируфтаанд. Ҳикояти гармобаро метавон баррасӣ кард, агарчи ин масъаларо дигарон низ инъикос намудаанд, аммо ин мушкил дар замони муосир ҳам аз зумраи асоситарин проблемаҳои минтақа мебошад. Нимҷазираи Арабистон, хосатан сарзамини Шом, гаҳвораи таҳия ва интиқоли таълимоти диниву ахлоқӣ ва фалсафӣ дар таърихи тамаддуни башар маҳсуб мешаванд. Ин минтақа аз куҳантарин манотиқи кураи замин аст ва Мисру Бобил дорои таърихи аҳди бостон мебошанд. Нависанда аз таъриху фарҳангу тамаддунҳо воқиф буд ва дар баррасии мавзеъҳои таърихӣ ва фарҳангӣ мушкилӣ надошт. Бинобар ҳамин омил, аҳаммияти дигари «Сафарнома»-и Носири Хусрав дар

таҳқиқи сарзаминҳост, ки муаллиф бо чашмони худ дидаю бо ақли хеш тасвир менамояд.

Гуногунии шаҳру деҳот ва он ки муаллиф тамоми диққати худро барои нақл кардани хусусиятҳои фарҳанги қавмӣ сарф кардааст, то замони муосир аҳаммияти илмию камназирии хешро гум накардаанд. Корҳо ва падидаҳои ҷуғрофӣ, аз ҷумла, фазо, масофа, об, падидаву ҳодисаҳои табиӣ ва маҳсулоти ҳар як минтақа аз масъалаҳои муҳимтарине буд, ки дар ин пажуҳиш бояд кард, бахусус дониши ҷуғрофиё ва иқлим, чунки Носири Хусрав бо илми ҷуғрофиё ба маънои муосир ошно набуд, балки ба он чизе, ки дидаву шунидааст, ё ба тавре ки имрӯз мегӯянд, такя мекард.

Дар ҳамин замина, Р. Мусулмониён низ зикр мекунад, ки: "ҳақиқатнигорӣ ё воқеанигорӣ ҷиҳати типологияи чеҳраҳо ва персанажҳо муаллифро водор карда, оқибат бо инъикоси шахсияти камолёфта дар тасвирҳо пешравӣ ба амал меояд. Ҳамаи тасвирҳо дар асари публитсистӣ моро ба хулосае меоранд, ки бо дарназардошти инъикоси диданиҳову шуниданиҳо бинобар густариш ёфтани афкори дунявии муаллифи асар шакли нави персонаж пайдо мешавад, ки дар худ рафтору кирдору пиндори як гурӯҳи одамонро таҷассум мекунад. Ин аст, ки нигоранда дар тасвири шахсияти инсон муваффақ гардида, дигар хусусияҳоро, ки хосси дигарон аст, дар инсон барқарор месозад. Ин барқарорсозиро дар адабиёт бадеият меноманд" [79, с. 245-246].

Вобаста дар ҳар соҳа «Сафарнома» -ро метавон омӯхт. Носири Хусрав бо ҷуғрофиё ба маънои муосир ошно набуд, балки ба он чизе ки дидаву шунидааст, ё ба тавре ки имрӯз мегӯянд, такя мекард.

Тибқи навиштаҳои Носири Хусрав, вазифаи аввалини қалъаҳои шаҳр ба назорати ҳаракат ва маҳдуд кардани роҳҳо марбут аст. Дохилшавӣ ва дастрасӣ ба шаҳр ва дастрасии истисноӣ ба дарвозаҳо вуҷуд дошт.

«Сафарнома»-и Носири Хусрав тасвири мукаммали ҳаёти шаҳру деҳот ва молу мулки он мебошад. Он ба таври қобили мулоҳиза аз шаҳр ба шаҳр ва албатта, аз забони фасеҳ хонандаро ҳамроҳӣ ва огоҳ мекунад.

Аз ҷумла, номи шаҳрҳое, ки дар «Сафарнома» зикрашон меравад, хеле мутааддид ҳастанд ва исми шаҳрҳое, ки он ҷо нарафтааст, низ дар «Сафарнома» мутазаккир шудаанд. Масалан, шаҳри Қустантания дар баробари шаҳрҳое, ки мутафаккир зиёрат намудааст, омада, гувоҳӣ медиҳад, ки дар натиҷаи ҳаводиси таърихӣ тағйири ном карда, аз марокизи як қитъа ба марказе дар қитъаи дигар ворид шудааст. Пасон, муаллифи асар ба тасвири шаҳрҳое даст мезанад, ки дар таърих нақши бориз гузоштаанд. Бинобар ин, шакли тасвирсозии муаллиф моро дар ин ақида мутмаин месозад, ки мутафаккири тоҷик қабл аз маёҳати худ вижагиҳои таърихию ҷуғрофии минтақаро ба худӣ медонистааст. Ба зумраи нахустин шаҳрҳое, ки муаллифи асар онҳоро мавриди баррасӣ қарор додааст, Марву Нишобуру Домғон ва Балху Ҳамадону Рай низ тасвир гардида, нависанда ҷиҳати ёдгориҳои таърихии онҳо иктифо намудааст. Пасон, шаҳрҳои Табрез, Ҷузҷонон, Ҳалаб, Антокия, Қустантания, Тароблис, Ҳамо, Бейрут, Сайдо, Сур, Димишқ, Акка, Табария, Қайсория, Рамла, Байтулмуқаддас, Миср, Тунис, Тирмиз, Бағдод, Ҳиҷоз, Деҳлӣ, Қулзум, Байтулҳаром, Маккаву Мадина ва амсолашон тасвир гардида, ҳар яке бо вижагиҳои махсус аз ҷониби нависанда тасвир гардидааст. Шаҳрҳое, ки дар қитъаи Африқо воқеъ ҳастанд, аз қабили Қоҳира, Искандария ва ғайра аз назари мусаннифи асар дур намондаанд ва онҳо низ бо вижагиҳои хосси худ инъикос шудаанд. Носири Хусрав зимни хориҷ шудан аз шаҳри Ҳалаб ба мавзеъе раҳсипор мешавад, ки сокинонаш кишоварзанд ва он ҷо «дарахтони анҷир ва зайтун ва пиставу бодом ва ангур фаровон аст» [13, с.16].

Ҳамзамон, муаллиф аз кишварҳову вилоятҳову минтақаҳое зикр мекунад, ки онҳоро надидааст. Масалан: Андалус, Ҳиндустон, Чин, Рум ва ғайра. Бинобар ин, тафсири ҷуғрофиёи шаҳрӣ ва вижагиҳои фарҳанги шаҳрнишинӣ дар асари мазкур мавқеи хосса дошта, тарзи муқимнишинӣ аз саҳронишинӣ бартарӣ дорад. Беҳуда нест, ки мусаннифи асар бештар аз зумраи шаҳрҳое ёдоварӣ менамояд, ки сокинонаш аз аҳли деҳкадаҳо бартарӣ доранд. Ин ҷо метавон шаҳри Байтулмуқаддасро мисол овард, ки дар баррасии мавзеъҳои

таърихии он муаллиф чун бостоншинос ба далелҳову бурҳонҳои мавҷудбуда такя намудааст.

Дигар масъалае, ки дар «Сафарнома» инъикос мешавад, аносири ба шаҳр таааллуқдошта мебошад ва чунин унсурҳои шаҳрӣ аввалан, коррезӣ, сониян, меъмории бинову мақбараҳои дохили шаҳр ҳастанд, ки Носири Хусрав дар тасвири  онҳо маҳорату лаёқати камназирро истифода мекунад. Ҳамаи ин тасвирҳову пажуҳишҳои мутафаккир моро ба хулосае меоранд, ки сатҳи тафаккур ва ҷаҳонбинии сокини шаҳр аз аҳолии рустоҳо болотар аст.

Барои Носири Хусрав масҷиду хонақоҳҳо бетафоввут нест. Аз ин рӯ, ҳар як масҷиде, ки манзури чашмаш меафтид, тасвир менамуд: «Бинои масҷидро чунин ниҳонданд, ки дӯкони он ба қуббаи Сахра ва миёни дӯкон ба миёни қубба рост омада, ҳамчун бино шудааст, ки сутунҳои он аз ҷониби Сахра бино карданд. Ва дар зери Сахра ғорест бузург, чунончи ҳамеша шамъ дар он ҷо афрӯхта бошад ва гӯянд чун Сахра ҳаракат ба хостан кард, зераш холӣ шуд ва чун қарор гирифт, ҳамчунон бимонд. Роҳи дӯкон бар шаш мавзеъ  аз ҷониби қибла ба ду роҳ, ки бар миён ҷойи зилъаи дукон меистод, мераванд, ки яке аз он дараҷот ва тарафи дасти рост меистод» [13, с. 37].

Тасвири меъмории ҷойдошта дар маҳалли мусофиати муаллиф дар асар ҷойгоҳи вижаро соҳиб аст. Бояд мутазаккир шуд, ки на танҳо шаҳрҳои асримиёнагӣ, балки шаҳрҳои муосири мо низ бо инъикосшавии самти мазкур шинохта мешаванд. Инчунин тасвирро дар ҳамаи асарҳои ёддоштие, ки пас аз Носири Хусрав нигошта шудаанд, метавон мушоҳида кард, чунки шаҳр аз русто бо он вижагиҳое фарқ мекунад, ки якеро тамаддун номидаанд ва дигарӣ дар муқовимат бо тамаддун умр ба сар мебарад. Агар дар деҳ мо кишоварзӣ, чорводорӣ ва монанд ба онҳоро мушоҳида кунем, пасон, дар шаҳр мо қасрҳою биноҳои муҳташам бо меъмории оригоналиро мебинем, ки офаридаи инсонҳои ҳунарманд маҳсуб мешаванд. Бинобар ин, метавон гуфт, ки муҳити шаҳр ҷиҳати камоли гуногунандешӣ мусоид бошад, пас рустоқҳо ба якандешӣ созгоранд. Аз тасвирҳои мутафаккир метавон ин хулосаро дарёфт кард.

Тасвири шаҳри Ҳиҷоз  бо тамоми бузургиаш дар «Сафарнома» равшантар баён гардидидааст. Мусанниф маълумоти дақиқтаринро ҷиҳати баррасии роҳҳо пешниҳод менамояд: «Ва роҳи Ҳиҷоз низ бар он ҷониб аст. Ва аз ҷониби шимолӣ роҳест аз ҳама олимтар ва бузургтар ва ҳамчунон амудҳо ва тоқҳо сохта ва онро мақоми шомӣ гӯянд» [13, с. 40].

Маълум аст, ки яке аз ҳадафҳои нависанда зиёрати мавзеъҳои муққадас мебошад ва тасвири ин марказҳоро дар асари худ хеле аҷиб  меорад: «Пас аз Байтулмуқаддас зиёрати Иброҳими Халил алайҳи-с-салавоту ва-с-салом азм кардам... Ва ба як фарсанги шаҳри Байтулмуқаддас тарсоёнро ҷоест, ки онро азим бузург медоранд ва ҳамеша қавме он ҷо муҷовир бошанд ва зоирон бисёр расанд ва онро Байтуллаҳм гӯянд ва тарсоён он ҷо қурбон кунанд ва аз Рум он ҷо бисёр оянд ва ман он рӯз, ки аз шаҳр биёмадам, шаб он ҷо будам» [13, с. 38].

Байтулмуқаддас номи арабишудаи Иэрусалим аст. Носири Хусрав баробари тасвири шаҳрҳо ҳамчунин авзои мардуми ин сарзаминро чунин инъикос менамояд: «Мардумони Шом ва Байтулмуқаддас ин машҳадро Халил гӯянд ва номи деҳ нагӯянд, номи деҳ Матлун аст ва бар ин машҳад вақф аст бо бисёр деҳаҳои дигар. Ва бад-ин деҳ чашмаест, ки аз санг берун меояд, обаке андак ва роҳе даври ҷӯй бурида ва онро наздики деҳ берун оварда ва аз беруни деҳ ҳавзе сохтаанд сарпӯшида, он обро дар он ҳавз ҳамегиранд то талаф нашавад, то мардуми деҳ ва зоиронро кифоф бошад. Машҳад бар канори деҳ аст аз сӯйи ҷануб ва он ҷо ҷануби машриқӣ бошад» [13, с. 38].

Аз «Сафарнома» бармеояд, ки санъати меъморӣ дар кишварҳои Шарқ хеле пешрафта будааст. Ҳатто қубурҳои обгузар ва низоми обу коррезии шаҳрҳо ин мавзеъҳоро ороиш медоданд, аммо дар минтақаи мазкур коррезӣ бештар дар мавриди интиқоли оби нӯшокӣ аз як минтақа ба минтақаи дигар дарк мегардид. Санъати меъморӣ дар наср ин аст, ки нависанда  мушоҳидаҳои худро чунин меорад:  «Дар Машҳад чунин биное сохтаанд, ки дар боми он ҳуҷраҳо буданд ва меҳмонхонае, ки ба ин деҳ ворид мешуданд, дар он ҳуҷраҳо шабро рӯз мекарданд» [13, с. 28].

Ҳамчунин, Носири Хусрав кӯшиш намудааст, ки дар давоми сафари худ шаҳрҳои дигарро низ пайи ҳам нишон диҳад: «Дар киштӣ нишастам то Тунис ва он Тунис ҷазираест ва аз хушкӣ дур аст. Ва он ҷо бофандагон маъруфанд, ки ҷомаи хос бофанд. Ва шунидам, ки касе он ҷо дастори султони Миср бофта буд, онро панҷсад динор зари мағрибӣ фармуд ва ман он дасторро дидам, гуфтанд: «чаҳор ҳазор динори мағрибӣ меарзад» [13, с. 42].

Дар давоми муҳокимаҳои нависанда мушоҳидаи аҷиби ӯ ба чашм мерасад, ки арзиши ин шаҳрро нишон додааст: «Султони Рум ба шаҳри Тунис касеро мефиристонад ва ба ӯ чунин тавсия дода буд, ки ба назди султони Тунис рафта гӯяд, ки сад шаҳрро аз вай ситонида, шаҳри Тунисро ба вай диҳад. Султони Тунис қабул намекунад» [13, с. 43].

Носири Хусрав дар баробари тасвири кишварҳои гуногун дарёи машҳуртарин Нилро хеле аҷиб тавир мекунад: «Оби Нил аз миёни ҷануби мағриб меояд ва ба Миср мегузорад ва ба дарёи Рум меравад. Ва оби Нил чун зиёдат мешавад ду бор, чандон мешавад, ки Ҷайхун ба Тирмиз. Ва ин об аз вилояти Нуба мегузарад ва ба Миср меояд. Ва вилояти Нуба кӯҳистон аст ва чун ба саҳро расад, вилояти Миср аст» [13, с. 69].

Дар давоми хатти марзии Нил ба шарҳи дигар кишварҳо мепардозад: «Ва аз он болотар сӯйи ҷануб вилояти Нуба аст ва подшоҳи он замин дигар аст. Ва мардуми он ҷо сиёҳпӯст бошанд ва дини тарсоӣ бошад. Ва бозоргонон он ҷо раванд ва муҳра ва шона ва бусад баранд ва аз он ҷо барда оваранд ва ба Миср бурда ё нубӣ бошанд ё румӣ. Ва дидам ки аз Нуба гандум ва арза оварда буданд, ҳар ду сиёҳ буд» [13, с.70].

Дар давоми ҳамин ба тасвири шаҳри дигар машҳуру қадим, ки Шарқу Ғарбро бо ҳам мепайвандад, яъне Искандария мепардозад: «Ва аз Миср то Искандария сӣ фарсанг гиранд. Ва Искандария дар лаби дарёи Рум ва канори Нил аст. Ва аз он ҷо мева бисёр ба Миср оварданд ва киштӣ» [13, с. 71].

Баробари ин, гармии тоқатфарсои ин минтақаро хеле хуб бо овардани далоил шарҳ медиҳад: «Ва он ҷо манораест, ки ман дидам, ободон буд ба Искандария. Ва аз он ҷо, яъне бар он манора ойинае ҳарроқа сохта буданд, ки

ҳар киштии румиён, ки аз Қустантания меомаданд, чун ба муқобилаи он расидӣ, оташе аз он ойина афтодӣ ва бисӯхтӣ. Ва румиён бисёр ҷидду ҷаҳд карданд ва ҳиллаҳо намуданд ва кас фиристоданд ва он ойинаро нашикастанд» [13, с. 71]. Носири Хусрав баробари тасвири шаҳрҳо симои зоҳирии ин мардумро ҳам нишон медиҳад.

Бинобар гармии тоқатфарсо сияҳпӯстон мавриди таҳқиқи нависанда қарор гирифта, номбурда аз қавми «масомуда» ҳарф мезанад ва дар баррасии онҳо аз табиати дуруштмизоҷии онҳо маълумот медиҳад: «Ва агар аз Миср ба ҷониби ҷануб бираванд ва аз вилояти Масомуда расанд ва он замин аст алафхори азим ва чаҳорпой бисёр ва мардум сиёҳпӯсти дуруштустухони ғализ бошанд ва қавӣ таркиб ва аз он ҷинс дар Миср лашкариён бисёр бошанд зишт ва ҳаёкили азим, эшонро масомуда гӯянд. Пиёда ҷанг кунанд ва шамшер ба найза ва дигар олот кор натавонанд фармуд» [13, с. 58].

Маълум аст, ки нависанда ишора ба мардуми зангӣ намудааст. Тасвири шаҳри бузурги Қоҳира чунин омаадаст: «Чун аз ҷониби Шом ба Миср раванд, аввал ба шаҳри Қоҳира расанд, чи Миср ҷанубист ва инро Қоҳираи Муизия гӯянд» [13, с. 51].

Ба андешаи Носири Хусрав ин шаҳр яке аз марказҳои асосии султонҳои Араб мебошад, ки дар асл манораю кӯшкҳои азиме дорад: «Тамоман мулки султон, ки ҳеҷ офаридаро ақор ва мулк набошад, магар сароҳо ва он чи худ карда ва шунидам, ки дар Қоҳира ва Миср ҳашт ҳазор сарост аз они султон, ки онро ба иҷорат диҳанд ва ҳар моҳ кироя ситонданд ва ҳама ба муроди мардум, ба эшон диҳанд ва аз эшон ситоданд, на он, ки бар касе ба навъе ботаклиф кунанд» [13, с. 37].

Ҳамзамон, тасвири кишвар ва аҳли он хеле амиқ зикр гардидааст: «Ва қасри султон миёни шаҳри Қоҳира аст ва ҳама ҳаволии он кушода, ки ҳеҷ иморат бад-он напайваста аст ва муҳандисон онро масоҳат карданд, баробари шаҳристони Майёфориқин аст ва гирд ба гирди он кушодааст, ва ҳар шаб ҳазор мард посбони ин қаср бошанд, панҷсад савор ва панҷсад пиёда, ки аз намози шом бӯқ ва дуҳул ва коса мезаданд ва гирдаш мегарданд то рӯз» [13, с. 49].

Нависанда аз рӯйи шунидааш дохили қаср ва вазъи онро низ ба хонанда нишон медиҳад: «Ва гуфтанд, ки дар ин қаср дувоздаҳ ҳазор ходими уҷрихора аст ва занон ва канизакон худ кӣ донад, илло он ки гуфтанд, сӣ ҳазор одамӣ дар он қаср аст ва он дувоздаҳ кушк аст ва ин ҳарамро даҳ дарвоза аст бар рӯйи замин, ҳар якро номе бад-ин тафсил, ғайр аз он ки дар зери замин аст: Бобуззаҳаб, Бобулбаҳр, Бобуссарич, Бобуззаҳума, Бобусаллом, Бобуззабарҷад, Бобулъид, Бобулфутӯҳ, Бобуззилоқа, Бобуссуриа. Аз ҳарам то ба кушк ва девори кушк аз санг тарошида сохтанд. Ва ҳама аркони давлат ва ходимон сайёҳон буданд ва румиён ва вазир шахсе бошад, ки ба зуҳду вараъ ва амонату сидқ ва илму ақл аз ҳама мустасно бошад ва ҳаргиз он ҷо расми шароб хӯрдан набуда бувад» [13, с. 49].

Нависанда тасвири занони ин мавзеъро ҷоиз дида, иловатан таъкид мекунад, ки дар расми ин мардум анъанаҳо бисёранд ва яке аз он анъанаот ин аст, ки занонро ба берун нагзоранд ва низ шаробхорагӣ нанмоянд. Инак, он тасовир: «Яъне ба рӯзгори он ҳоким ва дар айёми вай ҳеҷ зан аз хона берун наёмада бувад. Ва касе мавъиз насохтӣ, эҳтиётро набояд, ки аз он сук кунанд ва ҳеч касеро заҳра набувад, ки шароб хӯрдан ва фуқоъ ҳам нахӯрданӣ, ки шароб хӯрдан ва ду даст ва мустаҳайил шуда» [13, с.49].

Баробари ин, нависанда ҳолати лашкари Мисрро тасвир менамояд: «Ва он рӯз лашкари султон ҳама банишинанд гурӯҳ-гурӯҳ ва фавҷ-фавҷ. Ва ҳар қавмеро номе ва куняте бошад. Гурӯҳеро катталиён гӯянд, эшон аз Қайравон дар хидмати Алмуизиддин омада буданд ва гуфтанд, бист ҳазор саворанд ва гурӯҳеро батолиён гӯянд, мардуми мағриб буданд, ки пеш аз омадани султон ба Миср омада буданд, гуфтанд, понздаҳ ҳазор саворанд» [13, с. 50].

Дар асар табақоти лашкари аморат низ омадааст: «Гурӯҳеро мусомида мегуфтанд, эшон сиёҳонанд, аз замини Масмудиён ва гуфтанд бист ҳазор марданд. Ва гурӯҳеро мушориқа мегуфтанд ва эшон туркон буданд ва аҷамиён. Сабаб он ки асли эшон тозӣ набудааст, агарчи эшон бештар ҳамон ҷо, дар Миср задаанд. Аммо исми эшон аз асл муштақ бувад» [13, с. 50].

Носири Хусрав аз мавҷудияти боғи Фиръавн дарак дода, дар тасвири он талош варзидааст. Масалан, дар ин бобат менависад: «Ва боғе буд султонро ба ду фарсангии шаҳр, ки онро Айнушамс мегуфтанд ва чашмае оби неку дар он ҷо ва боғро худ ба чашма бозмехонанд ва мегӯянд, ки он боғи Фиръавн будааст ва ба наздики он иморате куҳна дидам чаҳор пора санги бузург ҳар як чун манорае ва сӣ  газ қоим истода ва аз саҳрои он қатороти об чакон ва ҳеҷ кас намедонист» [13, с. 66].

Тасвири зоҳири атрофи  Миср чунин ба назар мерасад: «Шаҳри Миср бар болое ниҳода ва ҷониби машриқи кӯҳ аст, аммо на баланд, балки сангҳост ва пуштаҳои сангин. Вар бар канораи шаҳр масҷиди Тулун паст бар сари баландӣ ва ду девори маҳкам кашида, ки ҷуз девори Омад ва Майёфориқин беҳ аз он надидам ва онро амире аз он Аббосиён кардааст, ки ҳокими Миср будааст ва ба рӯзгори Ҳокимби амруллоҳ, ки ҷадди ин султон буд, фарзанди ин Тулун биёмаданд ва ин масҷидро ба сӣ ҳазор динори мағрибӣ фурӯхтанд» [13, с. 55].

Носири Хусрав санаи ворид шудан ба шаҳрҳои муайянро низ нишон медиҳад ва таассуроташро аз тасвири боғу гулгаштҳои ин кишварҳо  низ менамояд: «Рӯзи сийюми даймоқадим аз соли чаҳор саду шонздаҳуми аҷам ин меваҳо  ва сипарғамҳо ба як рӯз дидам, ки зикр меравад ва хия ҳозиҳи: гули сурх, нилуфар, наргис, турунҷ, норинҷ, лиму, себ, ёсуман, шоҳсипарғам, биҳӣ, анор, амруд, харбуза, дастанбӯя, муз, зайтун, балилаи тар, сири тар, чазар, чуғундар» [13, с. 57].

Аҷиб ин ки тарзи обёрӣ, ки аз  канори Нил ҷорӣ мешуд, таваҷҷуҳи нависандаро ба худ ҷалб менамояд ва дар ин бобат ӯ чунин меорад: «… об ба ресмон аз Нил бардоранд. Ва дар пеши Миср ҷазирае дар миёни Нил аст, ки вақте шаҳре карда буданд ва он ҷазира мағрибии шаҳр аст ва дар он ҷо масчиди одинаест ва боғҳост» [13, с. 57].

Носири Хусрав дар асари ёддоштии худ аз тарзи муносибат ва хулоса баровардан нисбат ба муҳокимашудагон низ ёд мекунад ва  шакли ҷазо ба мардуми фиребгар  ва вуқуи он дар бозорҳои шаҳр мебошад: «Аҳли бозори Миср ҳар чӣ фурӯшанд, рост гӯянд ва агар касе бар муштарӣ дурӯғ гӯяд, ӯро

бар уштуре нишонда, занге ба дасти ӯ диҳанд, то дар шаҳр мегардад ва занг меҷунбонанд ва мунодӣ нидо мекунад ки: «Ман хилоф гуфтам ва маломат мебинам ва ҳар кӣ дурӯғ гӯяд, сазои ӯ маломат бошад!» [13, с. 59].

Ҳама гуна сафар фаъолияти маърифатии инсон ба шумор меравад, аммо раванди шинохт ба таври ҳатмӣ тасвиби воқеияти маълум ва азхудшударо дар ин ё он шакл собит менамояд. Ҳамчунин, ҳувият барои нависанда идеяи асосии сафар кардан аст.

Аз масоили инъикосёфта дар китоби мазкур аҳвол ва натиҷаи заҳмати кишоварзону ҳунармандон аст, ки дар рушди ҷомеаи асримиёнагӣ нақше аз худ боқӣ гузоштаанд. Носири Хусрав роҷеъ ба хонҳои Миср тазаккур дода, моҳияти онро мефаҳмонад: «Он ки ҳавос бошад, дар ҳазрати ӯ бошанд ва он чӣ авом бошанд, дар дигар сароҳо ва мавозеъ. Ороиши хонро дарахте дидам, чун турунҷ ва ҳама шоҳу баргу бори он аз шакар сохта ва андар ӯ ҳазор сурат ва тимсол сохта ҳама аз шакар. Ва агар мардуми шаҳр ҷиҳати ранҷурон талабидандӣ, ҳам бидодандӣ. Ва ҳамчунин ҳар машруб ва авдия, ки касеро дар шаҳр боистӣ, аз ҳарам бихостандӣ, бидодандӣ. Ва ҳамчунин равғанҳои дигар чун равғани бамнон ва ғайруҳу чандони ин ашёи мазкур хостандӣ, манъе ва узве набудӣ» [13, с. 60].

Носири Хусрав аз шаҳрҳое, ки барои муслимин муқаддас эълон шуданд, дидан намуда, дар тасвири онҳо ва аз ҷумла зиёрати Мадина таваққуф наменамояд ва онро барои хонандаи ҳамзамони худ мисли як муҳандиси ошнодиле ба қалам медихад, ки ин гуна аст: «Мадинаи Расуллоҳ, алайҳиссалом шаҳре аст бар канораи саҳрое ниҳода ва замини намнок ва шӯра дорад ва об равон аст, аммо андак хурмоистон аст. Ва он ҷо қибла сӯи ҷануб афтодааст ва масҷиди расуллоҳ алайҳиссалоту вассалом чандон аст, ки Масҷид-ул-ҳаром ва ҳозираи Расулуллоҳ, алайҳиссалом дар паҳлуи минбари масҷид» [13, с. 63].

Макони Маккаи мунаввара чунин ба тасвир омадааст: «Шаҳри Макка андар миёни кӯҳҳо ниҳодааст баланд ва аз ҳар ҷониб, ки ба шаҳр раванд, то ба Макка наздик аст, кӯҳи Абуқубайс аст ва он гунбае гирд аст, чунонки аз пои он тире бияндозад бар сар расад ва дар машриқии шаҳр афтодааст» [13, с.72].

Каъба ва тасвири онро нависанда хеле дақиқ таҳлил намудааст: «Гуфтаем, ки хонаи Каъба дар миёни масҷидулҳаром ва Масҷиди Ҳаром дар миёни шаҳри Макка ва тули он аз машриқ ба мағриб аст ва арзи он аз шимол ба ҷануб. Аммо девори масҷид қоима нест ва рукнҳо дармолидааст то ба муддавара моил ҳаст, зеро ки чун дар масҷид намоз кунанд, аз ҳама ҷавониб рӯй ба хона бояд кард. Ва нардбон сохтаанд аз чӯб, чунонки ба вақти ҳоҷат пеши дар ниҳанд, то мардум бар он бараванд ва дар хона раванд. Ва он чунон аст, ки ба фарохии даҳ мард бар паҳлуи ҳам ба он ҷо бартавонанд рафт, ба фуруъ оянд. Ва замини хона баланд аст, бад-ин миқдор, ки гуфта шуд» [13, с.76].

Ба қавли Носири Хусрав, Каъба аз ҷониби як қавми араб нигаҳбонӣ мегардад: «Калиди хонаи Каъба гурӯҳе аз араб доранд, ки эшонро бани Шайба гӯянд ва хидмати хонаро эшон кунанд. Ва дар хона, ки намоз кунанд рӯ ба дар кунанд ва ба дигар ҷавониб низ равост. Вақте ки хона пури мардум шуда буд, ки дигар ҷой набуд, ки дарраванд, мардумро шумурдам ҳафтсаду бист мард буд» [13, с.82].

Мутафаккир дар дигар самт тасвири Исфаҳон ва масофаи байни Басра ва Исфаҳонро менамояд, ки чунин аст: «Аз он ҷо бирафтам ҳаштуми сафари санам чорсаду чилу чор буд, ки ба шаҳри Исфаҳон расидам. Аз Басра то Исфаҳон саду ҳафтод фарсанг бошад» [13, с.97].

Баробари ин, тасвири табиат ва ҳолати ниҳоии ин шаҳрро чунин менависад: «Шаҳрест бар ҳомун ниҳода, об ва ҳавои хуш дорад ва ҳар ҷо ки даҳ газ чоҳ фурӯ баранд, оби сарди хуш берун ояд ва шаҳр деворе ҳасини баланд дорад ва дарвозаҳо ва чангҳо сохта ва ҳама бору кунгура сохта ва дар шаҳр ҷӯйҳое оби равон ба бинохое неку ва муотафеъ ва дар миёни шаҳр масҷиди Одина бузург некӯ» [13, с.98].

Бозгашти ӯ аз роҳи ҷанубии Арабистон афтод, ки аксар дашту кӯҳу биёбони беоб аст. Дар роҳ бисьёр азобу азияти сафарро кашид, барои тӯшаи роҳ дар манзилҳои гуногун меҳнат кард. Масалан, ӯ нақл кардааст, ки ба Филаҷ ном ноҳия расиданд, хӯрокворӣ надоштанд, мардуми ноҳия ҳам қашшоқ буданд. Аз ӯ хоҳиш карданд, ки агар меҳроби масҷиди онҳоро наққошӣ кунад, хурмо хоҳанд дод. Ӯ ин

вазифаро адо ва хурморо тӯшаи роҳ кардааст. Аз ин нақл санъати наққоширо донистани ӯ маълум мегардад [13, с. 87-88].

Баъд аз сафари нуҳмоҳаи худ дар Баҳрайн, ки кишвари қарматиён буд (пойтахташ Алахсу), 28 декабри соли 1051 ба шаҳри Басра омад. Ҳолати худро дар ҳангоми даромадан ба шаҳри Басра аз бараҳнагӣ, гуруснагӣ, чиркинӣ ва мӯйи расидагӣ ба девонгон ташбеҳ кардааст [13, с. 93].

Носири Хусрав зимни баррасии авзоъ ва аҳволи мардумон ҷиҳати таҳқиқи ҷомеаҳо ва қишрҳои мухталифи иҷтимоъ камари ҳиммат бибаста, ошкорсозии бархе аз вижагиҳои гурӯҳҳоро мақсади хеш медонад. Дар асари ӯ аҷиб ин аст, ки номбурда шаҳру рустоҳоро новобаста аз бовариҳои диниашон ба қалам оварда, бидуни ҳеҷ гуна таассуб масеҳиёну мусулмонон ва яҳудиёну бутпарастонро мутобиқи мавзуи матраҳшуда ёдоварӣ мекунад. Масалан, ҳангоми сафар тоқеро мебинад ва аз сокинон пурсон мешавад, ки ин мавзеъ чӣ таърих дорад? Дар посух мешунавад, ки мавзеи мазкур ба замони Фиръавн иртибот дошта, басе қадим маҳсуб мешавад. Акнун тасвири он мавзеъро аз диди Носири Хусрав меорем: «Болои он тоқ панҷоҳ газ тақдир кардам ва аз ҷавониби ӯ тахтасангҳои сафед бароварда, чунонки ҳар санге аз он зиёдтар аз ҳазор ман бувад ва ин биноро аз хишт ба миқдори бист газ баровардаанд ва бар сари он устувонаҳои рухом барпо карда, ҳар яке ҳашт газ ва ситабрӣ, чунонки ба ҷаҳд дар оғӯши ду мард ғунҷад ва бар сари ин сутунҳо тоқҳо задааст ба ду ҷониб ҳама аз санг мунҳадам чунонки ҳеҷ гаҷу гил дар ин миён нест» [13, с. 19].

Гузашта аз ин, баъзан афродро мутобиқи эътиқодашон ном бурда, ҳеҷ эҳсоси неку баде нисбат ба мазҳаби ӯ иқрор намекунад ва инсонро тавре мавриди баррасӣ қарор медиҳад, ки фақат инсон буданаш мояи ифтихор асту бас. Масалан, дар иқтибоси зерин ҳеҷ гуна эҳсос намудор нест: «Ва ин шаҳри Сури маъруф аст ба молу тавонгарӣ дар миёни шаҳрҳои соҳили Шом ва мардумонаш бештар шиаанд. Ва қозие буд он ҷо марде суннимазҳаб, писари Абӯқайл мегуфтанд, марде нек ва тавонгар. Ва бар дари шаҳр машҳаде рост кардаанд ва он ҷо бисёр фарш ва тарҳ ва қанодил ва чароғдонҳои заррин ва нуқрагин ниҳода ва шаҳр бар баландӣ аст ва оби шаҳр аз кӯҳ меояд» [13, с. 20].

Воқеан, агар аз дидгоҳи имрӯз баҳогузорӣ кунем, ҳеҷ маълум намекунем, ки замоне фарҳанги муоширате вуҷуд доштааст ва он ҷо аҳли шиаву суннатӣ дар канори якдигар ҳамзистӣ доштаанд. Илова бар он, ин тасвирҳо фақат бахшҳоеро дар бар мекунанд, ки омилҳои рушду тараққиро мефаҳмонанд ва ҳеҷ фикри таблиғ ё таҳмил дар ин навиштаҷот мавҷуд нестанд. Агар сабаби сайри маънавиро, чунонки аз нигоҳи мусаннифи асар баҳогузорӣ кунем, пас номбурда дар хоб пиреро мебинад, ки аз ӯ даъват кардааст ва гуфтааст, ки аз хоби чиҳилсола бихезу ҳақиқатро ҷустуҷӯ кун.

Дар сартосари ин китоб муаллиф бо як равиш вазъи сокинони деҳу шаҳрҳоро бидуни таблиғ намудани диндории онҳо баррасӣ менамояд. Сатре дар мавриди мазҳабе таблиғ наёфтааст. Зимни мутолиа пиндоре ғалаба мекунад, ки инсонҳо ҳангоми қабули дине аз адён ихтиёр доранд ва яке аз дигаре дар ҳеҷ сурат бартарӣ надорад. Ҳар куҷо, ки мусанниф раҳсипор мешавад, агар рустост, пас мардум ба кишоварзӣ машғуланд ва агар шаҳрест, ки арку дигар намоди шаклӣ дорад, пас мардумонаш дар бозорҳо ба харидфурӯши мавод шуғл меварзанд.

Аммо Носири Хусравро бештар аҳли илму фарҳанг ва ҳунар ба худ ҷалб менамудааст. Албатта, мавзее аз дигар мавзеъ фарқ мекунад ва дар шаҳре муаллиф пешрафтро эҳсос намуда, омилҳои рушди он шаҳрро ҷустуҷӯ мекунад, чунонки дар мазаммат намудани шаҳре дигар тараққиро намебинад, аммо чун муаллифи асар дар ҳеҷ куҷо наёвардааст, ки омили тараққӣ ва ақибмондагӣ дар эътиқод аст. Аҳли кадом дин ва ё мазҳабе будани ҳамсуҳбатонаш фарқе надорад, чунки аз тарзи тафаккури ӯ маълум мешавад, ки инсони неку хуб метавонад аз ҳар дину мазҳабе намояндагӣ кунад. Ҳатто дар пешорӯйи сайёҳати хеш ба ҷое мерасад, ки он ҷоро ҷаҳаннам ном мебаранд ва бетардид дар пайи ҷустуҷӯ меафтад ва дарк менамояд, ки ин номгузорӣ хатост. Инак он ҳикоят: «Он хонаи Фиръавн аст ва он водӣ Ҷаҳаннам. Пурсидам, ки: «Ин лақаб кӣ бар ин мавзеъ ниҳодааст?» Гуфтанд: «Ба рӯзгори хилофати Умари Хаттоб, разия-л-лоҳу ъанҳу, бар он дашти Соҳира лашкаргоҳ бизад ва чун бад-он водӣ нигарист, гуфт: «Ин водӣ Ҷаҳаннам аст». Ва мардуми авом чунин гӯянд: «Ҳар

кас, ки ба сари он водӣ шавад, овози дӯзахиён шунавад, ки садо аз он ҷо бармеояд». Ман он ҷо шудам, аммо чизе нашунидам» [13, с. 37].

Носири Хусрав зимни баррасии минтақа, вилоят, кишвар ва шаҳре ҳолати табиии онҳоро ба риштаи тасвир меорад ва чунон шарҳ медиҳад, ки имрӯз низ онҳо куҳна нашуда, аҳаммияти таърихии худро гум накардаанд. Ҷиҳати исботи фикр бардошти мусаннифро аз Тунис меорем, ки хеле воқеъбинона нигошта шудааст: «Дар киштӣ нишастам то Тунис ва он Тунис ҷазираест ва шаҳре ва аз хушкӣ дур аст, чунонки аз бомҳои шаҳр соҳил натавон дид. Шаҳре анбӯҳ ва бозорҳои неку ва ду ҷомеъ дар он ҷост. Ва ба қиёси даҳ ҳазор дӯкон дар он ҷо бошад ва сад дӯкони атторӣ бошад. Ва он ҷо дар тобистон дар бозорҳо кашкоб фурӯшанд, ки шаҳре гармсел аст ва ранҷурӣ бисёр бошад» [13, с. 42].

Ҳамчунин, муаллиф аз сифати бағоят баланди саноати бофандагӣ дар Тунис иқрори андеша намуда, зимни баррасии он зикр мекунад, ки малики Форс хост бо нархи гарон ҷомае аз Тунис харидорӣ кунад, аммо ба ӯ муяссар нашуд ва ноком ба меҳани худ баргашт ва дар васфи бофандагони Тунис чунин мегӯяд: «Бад-ин шаҳри Тунис бӯқаламун бофанд, ки дар ҳама олам ҷои дигар набошад, он ҷомае заррин аст, ки ба ҳар вақте аз рӯз ба лавне дигар намояд ва ба мағриб ва ба машриқ он ҷома аз Тунис баранд» [13, с. 42].

Илова ба ин, Тунис макони камобӣ дар «Сафарнома» тасвир шудааст, ки он ҷо ҳавзҳо сохтаанд ва онро бо об пур мекунанд ва то муддатҳо аз он истеъмол менамоянд. Аммо камобӣ дар Миср боиси ба кишти зироатҳо иқдом кардани мардум мегардад ва муаллиф дар ин маврид менависад: «Ва чун об кам омадан гирад, мардум бар пайи он мераванд ва он чи хушк мешавад, зироате ки хоҳанд мекунанд. Ва ҳама заръи эшон сайфӣ ва шатавӣ бар он кеш бошад ва ҳеҷ оби дигар нахоҳад» [13, с. 47].

Нависанда вазъи обҳои шӯри ин манзилро низ нишон медиҳад: «Оби роҳҳои Макка  ҳама шӯру талх бошад, чунонки натавон хӯрд. Аммо ҳавзҳо ва масонеи бузург бисёр кардаанд, ки ҳар як аз он ба миқдори даҳ ҳазор динор баромада бошад. Ва ин вақт ба оби борон, ки аз дараҳо фурӯ меояд, пур мекарданд ва дар он таърих, ки мо он ҷо будем, тиҳӣ буданд» [13, с. 83].

Воқеан ҳам, мундариҷа ва муҳтавои «Сафарнома» тавъам буда, он дар асоси хронологияи сафари нависанда мураттаб гардидааст. Аммо нуфузи ин сафарнома бо мурури замон афзуда, зарурати пажуҳишҳои нав пайдо шудааст. Аз нигоҳи мо, омилҳои мутазаккир дар он ифода мешаванд, ки нависанда воқеъбинона ба масоили мухталиф ворид гардида, тарзи тафаккур, мавзеъ ва макони зисти ашхос, муносибати онҳо ба масоили равонӣ ва ғайраро тибқи меъёрҳои реализми интиқодӣ ба қалам овардааст.

Дар сартосари «Сафарнома» бартарии муслиминро аз ғайрашон мушоҳида намекунем, чунки ҳадаф аз навиштани сафарнома барои Носири Хусрав ҳақиқат буд, ки зимни баррасии ақвом бо далелҳои истинботӣ баррасӣ менамояд. Бинобар ин, зимни мутолиаи «Сафарнома» аносири таблиғиро эҳсос намекунем, балки ҳиқиқатнигории нависанда моро маънаван қонеъ гардонида, сатҳи донишҳои ҷуғрофиёӣ, меъморӣ, таърихӣ ва ғайраро саҳеҳтар менамояд.

**Хулосаи боби дуюм** ва хусусиятҳои асосии адабии сафарномаро дар бандҳои зерин номбар кардан мумкин аст:

1. «Сафарнома» – бо тартиби хронологӣ натиҷаи мушоҳидаҳои муаллифи сайёҳ дар як давраи муайян мебошад. Хатти сафари муаллиф баробари тавзеҳи макону мавзеъҳо ривоятҳои мухталифи мардумиро дар бар мегирад. Дар матни “Сафарнома” ду чиз бештар истифода мешаванд: замон ва роҳ.

2. Хусусияти муҳими “Сафарнома” тасвири вазъи мардуми мухталиф, бартарӣ ва нуқсонҳои онҳо аз назари мусофир мебошад.

3. Нависанда–сайёҳ тасвири воқеиро хусусияти бадеӣ медиҳад ва онро ё ба наср ё ба назм матраҳ менамояд. Маълумоти Носири Хусрав, ки дар «Сафарнома» меорад, дорои арзиш буда, то кунун баъзе паҳлуҳои он мавриди пажуҳиши муҳаққиқин қарор нагирифтааст. «Сафарнома»-и Носири Хусрав бинобар мавзуъ ва мундариҷаи худ аз зумраи камтарин сарчашмаҳое мебошад, ки бо гузашти айём аҳаммияти хешро такмил дода, сафи мутолиакунандагонаш торафт меафзоид. Ба иборои дигар, «Сафарнома новобаста аз замону макон аҳаммияти маънавии хешро нигоҳ хоҳад дошт.

# БОБИ III

# ХУСУСИЯТҲОИ БАДЕИИ «САФАРНОМА»

## 3.1. Нақши муаллиф дар асар

Мувофиқи суннатҳои адабӣ ровӣ ин гӯяндаи достонҳост ва шаклҳои зиёди ҳузури ровӣ дар насри форсу тоҷик вуҷуд дорад, ки нуқтаи назари ӯ дар ҳикояту ривоят унсурҳои калидиро соҳиб аст. Бо содатарин ва умумитарин ифодаи баёни ривоятро метавон матнеро донист, ки дар он шахс қиссаҳо баён мекунад ва дорои достон бошад. Яке аз муҳимтарин нуктаҳои таҳқиқоти адабӣ донистани сохтори ривоятии ҳикоя ё омӯзиши қисса мебошад, ки сохторҳои гуногуни қисса, аз қабили нақлкунанда, сюжет, персонаж ва ғайраро шомил мебошад. Аввалан, мавзуи шахс дар матн оҳанг аст, ки менависад ва дар бораи дигарон ҳикоят мекунад ва ба ҳамаи персонажҳои шахси сеюм ишора мекунад. Дуюм, навъҳои гуфтор аст: амали нақл, баёни драмавӣ (муколама ё гуфтугӯи мустақим) ва категорияҳои умумӣ, ки аксаран «тафсир» номида мешаванд (муқаддима, тафсир, қазоват ва эҳтимолан, фирор, ки ровӣ ба мавзуъҳои дигар мекунад). Асоси сеюми гурӯҳбандӣ дастрасии худшиносӣ мебошад. Ривоятгар метавонад ба зеҳни чанд нафар ё як нафар ворид шавад ва албатта, метавонад достонро дар ҷаҳони беруна қарор диҳад.

Дар адабиёт касе (ва баъзан чизе), ки ҳикояро нақл мекунад, ровӣ номида мешавад. Ба ибораи дигар, ровӣ персонажест, ки муаллиф аз ӯ воқеаҳои достонро нақл мекунад ва ин маънои онро дорад, ки ҳамаи ҳодисаҳое, ки дар достон гуфта мешаванд, марбут мебошанд. Гуфтор чизеро-достонро ба шуур мерасонад, хоҳ ин достонро каси дигар офарида бошад ва ё чи тавре ки достонро худи ровӣ эҷод кардааст. Натиҷа ҳамин аст, ки ҳамаи қисмҳои он моро бавосита ба сӯйи «ровӣ» ҳидоят мекунанд. Маҳз ривояткунанда принсипҳоеро таҷассум мекунад, ки дар асоси онҳо баҳо бароварда мешавад. Ӯ ҳамон касест, ки андешаҳои персонажҳоро аз мо пинҳон мекунад ё онҳоро ба мо ошкор менамояд. Ва бо ин роҳ, ӯ ғояи худро дар бораи «психология» бо мо

мубодила мекунад. Воқеан, ин нуктаи назар иртиботи ровӣ бо достонро нишон медиҳад ва барои хонанда аз ду ҷиҳат аҳаммият дорад: яке дарки қисса ва дигаре баҳо додан ба достон.

Дар монологи ботинӣ афкору ҳиссиёти персонаж «нақл карда мешавад». Яъне он чизе, ки дар зеҳни персонаж рӯй медиҳад, бидуни гуфтан, аз ҷониби ровӣ ифода мешавад. Нақли ровӣ маънои онро надорад, ки ӯ ҳатман дар баёни тафаккури қаҳрамон дахолат кунад, балки маънои онро дорад, ки ровӣ қудрати мутолиаи ақлӣ дорад ва бо мутолиаи афкори қаҳрамон танҳо нақши интиқолро мебозад ё баён кардани тафаккури персонаж ва муаллиф, ё беҳтараш, гуфтани ровӣ дар мавриди котиб фикри персонажи достон аст.

Худи монологи дохилӣ намудҳое дорад, ки ба онҳо ишора мешаванд. Азбаски инсон дар бораи таҷрибаҳо, эҳсосот ва хотираҳои худ фикр мекунад, худи ӯ дар маркази муносибатҳо қарор мегирад ва дар натиҷа аз ҳузур ва мавҷудияти худ дар қолаби «ман» хабар медиҳад. Ин усул ё дар шакли одӣ ва равшан пешниҳод карда мешавад ё мураккаб ва гунгогун. Аммо агар ин монологи ботинӣ дар шакли печида ва мармуз оварда шавад, дигар дар он ҳамбастагии равонӣ ва забонӣ пайдо кардан ғайриимкон аст.

Ин навъи монолог ҳамчун «ҷараёни ақл» маълум аст, ки дар асл як шакли муболиғашудаи монологи мустақим аст. Аммо дар монологи дохилӣ, азбаски воқеа аз нуктаи назари ровӣ оварда мешавад, ба назар чунин менамояд, ки ровӣ вуҷуд надорад ва хонанда ҳама чизро ба воситаи инъикоси тафаккури персонаж мебинад, на ровӣ. Аз ҳамин сабаб чунин характерро «рефлектор» меноманд ва баъзан овози ровиро аз овози персонаж фарқ кардан душвор аст. Чунин ҳолати моногамияро «овози дугона» меноманд. Зеро ин навъи гузориши равонӣ метавонад омехтаи овоз ва хислати ровӣ бошад.

Ба ин тартиб, дар баробари ин ки монологи дохилӣ (ҳар навъ) барои нақл кардани ҳикоя истифода мешавад, ровӣ низ дар байни монологҳо ҳамчун ҳама донишманд ҳузур дорад. Ин ки муаллиф аз персонажҳои асосист, бебаҳс аст, аммо агар ба муҳтавои «Сафарнома» бингарем, ба зудӣ нақшофаринии мусаннифи асар эҳсос мешавад. Аз оғоз бо ҳикояте, ки муаллиф худро марде

дабирпеша меномад, то тасвирҳои муколамаи ӯ бо марде солхӯрдаи араб, ки савод надошт ва бо сабаби маъмул свраро ҳифз карда наметавонист, то тасвири гармоба, ки ӯро бо ҳамсафонаш аз ақл бегона пиндоштанд, нуфузи нависандаи асар мушоҳида хоҳад шуд. Ин анъанаи ёддоштнависӣ минбаъд тақвият ёфта, васеъ паҳн мегардад, чунки хатти сужет, офаридани тип, маҷмуаи персонажҳо ва сабки соданависӣ бинобар афкори дунявии муаллифи асар диққатро хоҳ-нохоҳ ҷалб карда, навъи дӯстдоштарини наср маҳсуб мешавад.

Дар кучое, ки мо иззи пойи муаллифро мебинем, он ҷо бидуни муғлақбаёнӣ тасвир ёфтааст. Аз ин хотир, дар «Сафарнома» образи асосӣ нависандаи асар буда, тамоми муҳтаво ва чигунагии жанри бадеӣ дар атрофи ӯ сайр менамояд. Баъзан муаллиф иштирокчии бевоситаи асар ва ё образи мустақилест. Аммо дар ҳолати дигар муаллиф ровии бевоситаи асар мебошад. Бахтин муаллифро ҳамчун категорияи эстетикӣ мешуморад ва меорад: «Муаллиф дар марзи олами бунёдкардааш ҳамчун эҷодкор бояд истад... муаллиф ҳамчун шахсият дар пешорӯйи хонанда дар такопӯйи воқеот иштирок менамояд... Муаллиф шоҳиди воқеотест, ки қаҳрамони асар онро намебинад» [38, с.166].

Қаҳрамон дар фазои асари бадеӣ фаъолияти маҳдуд дорад ва тобеи вазъият аст. Бо ин амал аз муаллифи воқеӣ ва ё худ ровӣ тафовут дорад. Ба қавли Д.С. Лихачёв: «Қаҳрамон ба фазои махсус офарида шуда ворид намегардад-фазо хонанда ва қаҳрамонро муттаҳид менамояд. Хонанда қаробати худро ба тамоми ҳаводисе, ки дар асари бадеӣ ба амал меояд, эҳсос менамояд ва худро ҳамраҳи дарду ғами қаҳрамон меҳисобад» [69, с.183].

Муаллиф дар ҷараёни ифодаи эҷодӣ дар матни худ баъзе хислатҳои хосси шахсиятро инъикос менамояд. Ин хусусиятҳоро аз воситаҳои забонии ифодаи асар пай бурдан мумкин аст. Онҳо танҳо барои муаллифи алоҳида як варианти мушаххас, нотакрор, хусусиятеро ифода мекунанд, ки ба ғайр аз ирода ва шуури ӯ ҳолати равонӣ, ҷаҳони ботинӣ ва таҷрибаи ҳаётии ӯро ифода мекунад. Образи муаллиф дар рафти мутолиаи асар аз матн фарқ мекунад ва комилан ба матн тааллуқ дорад, муаллиф бошад, берун аз он аст. Образи муаллиф аз

нақлкунанда бо он фарқ мекунад, ки вай образи фаъолу нақлкунанда набуда, балки дар раванди мутолиа  аз тарафи хонанда дарк мешавад.

Мутафаккири тоҷик зимни саёҳат ба манотиқи мухталиф, ки фарҳангҳои гуногунеро эҷод намудаанд, бо ғараз сухан намегӯяд ва он ҳақиқате, ки мебинаду мешунавад, дар асар мавриди баррасӣ қарор додааст. Баъзе муҳаққиқон мусаннифи «Сафарнома»-ро тавре ба қалам овардаанд, ки мутолиакунанда фикр мекунад, ки Носири Хусрав аз зумраи диндорони мутаассиб будааст. Аз ин хотир, дар замони соҳибистиқлолӣ падидаи нав нисбат ба мутафаккирони гузаштаи халқи тоҷик пайдо шуд ва вобаста ба он имкон фароҳам омад, ки ҳар донишманде тибқи осори хаттии ӯ мавриди баррасӣ қарор бигирад.

Аксар асарҳое, ки дар онҳо анъанаи ёддоштнависӣ мавҷуданд, мо нақши муассири нависандаи асарро мушоҳида мекунем. Образи муаллиф нақши асосӣ дар ҳамаи сафарномаҳо мебошад, чунки нигорандаи асар на фақат ҳамаи он ҳаводиси тасвирёфтаро мебинад, балки онҳоро бо дарназардошти сатҳи ҷаҳонбинии худ инъикос менамояд. Бинобар ин, образи муаллифи асар дар дилхоҳ сафарнома бе шакку шубҳа асоситарин персонаж маҳсуб мешавад.

Қаҳрамон дар фазои асари бадеӣ фаъолияти маҳдуд дорад ва тобеи вазъият аст. Бо ин амал аз муаллифи воқеӣ ва ё худ ровӣ тафоввут дорад.   Ҳамзамон образи муаллиф дар номи асар ифода мегардад ва ӯ шахсест, ки симои худро дар унвон инъикос менамояд.  «Сафарнома»-и  Носири Хусрав асарест, ки тамоми унсурҳои нақлиро дорад, бо ҳодисае оғоз мешавад. Сохтори ривоятии он гузариш аз ҳолати ибтидоӣ ба ҳолати ниҳоӣ мебошад.

Лозим ба ёдоварист, ки ангезаи ваҳйи олӣ ва рисолати нубувват реша дар шуури мазҳабӣ дорад. Пир ва дар хоб дидани он  чун амали расму ваҷд, ки барои бедор намудани руҳия  дар заминаи анъанаи мусулмонӣ пойдор кардааст, хосси назми Шарқ буда, дар назари мардум ба шоир қувваи махсуси маънавӣ бахшидааст. Ба қавли Холиқ Мирзозода, пири дар хоб дидаи Носири Хусрав шояд ботиние бошад, чунки пайравони ин маслак асрор нуҳуфта медоштанд ва бар бегонагон сирри хешро намегуфтанд.

Оғози китоби «Сафарнома» аз мунозираи Носири Хусрав бо пири ғайривоқеӣ сар мешавад: «Шабе дар хоб дидам, ки яке маро гуфт: «Чанд хоҳӣ хӯрдан аз ин шароб, ки хирад аз мардум зоил кунад, агар ба ҳуш бошӣ беҳтар». Ман ҷавоб гуфтам, ки: «Ҳукамо ҷуз ин чизе натавонистанд сохт, ки андӯҳи дунё кам кунад». Ҷавоб дод, ки: «Бехирадӣ ва беҳушӣ роҳате набошад, ҳаким натавон гуфт касеро, ки мардумро ба беҳушӣ раҳнамун бошад, балки чизе бояд талабид, ки хирад ва ҳушро бияфзояд». Гуфтам, ки «ман инро аз куҷо орам». Гуфт: «Ҷӯянда ёбанда бошад» ва пас сӯйи қибла ишорат кард ва дигар сухан нагуфт. Чун аз хоб бедор шудам, он ҳол тамом бар ёдам буд. Ин насиҳат бар ман кор кард ва бо худ гуфтам, ки «Аз хоби дӯшин бедор шудам, бояд ки аз хоби чиҳилсола низ бедор гардам» [13, с. 674].

Дар адабиёти ирфонӣ дар хоб дидани пир мафҳуми расонидани паём аз ғайб мебошад ва мазмуни ирфонӣ дорад. Масалан, дар Ҳофиз:

Зоҳиди хилватнишин дӯш ба майхона шуд,
Аз сари паймон бирафт, бар сари паймона шуд.
Сӯфии маҷлис, ки дӣ ҷому қадаҳ мешикаст,
Боз ба як ҷуръа май оқилу фарзона шуд.
Шоҳиди аҳди шабоб омада будаш ба хоб,
Боз ба пиронасар ошиқу девона шуд [27, с. 37].

Яке аз шартҳои сафар дар ҳама динҳо, бахусус тасаввуфи исломӣ, мавҷудияти пешво, мураббӣ ва раҳнамоест, ки аз пастию баландиҳои роҳи дарозу душвор ошно бошад ва толибро дар ҳар лаҳза роҳнамоӣ кунад. Вале пире, ки Носири Хусравро раҳнамо шуд, ба тасаввуф иртиботе надошт.

Аммо дар мавриди ин хоби Ҳаким Носири Хусрав андешаҳо ду хел ба назар мерасад. Гурӯҳе ин иқдоми озодпешагӣ ва гурӯҳи дигар онро ба «ваҳй» иртибот донистаанд. Аз ҷумла, тафсили А. Алимардонов ва Н. Амиршоҳӣ, дар пешсухани «Девон»-и Носири Хусрав ба нуктаҳои боло ҳамоҳангӣ доранд, ки меоранд: «Мурод аз он касе, ки дар хоб ба Носири Хусрав панди муфид дода, ба сафари Қибларо пеш гирифтанаш маслаҳат медиҳад, бешубҳа доии исмоилӣ

буд, ки ӯ онро бисёр хуб медонист. Чунин ба назар мерасад, ки Носири Хусрав ҳангоми ҷавонӣ ва таҳсилоташ дараҷаҳои поёнии силсилаи дараҷаҳои таълимоти мазҳабро бо муваффақият ва иродатмандӣ тай карда буд ва акнун барои ба дараҷаи баландтар – «ҳуҷҷат» расидан бояд вай бевосита ба ҳузури имом, ки дар он рӯзгор дар Қоҳира қарор дошт, мерафт ва баъди мулоқоту мусоҳаба бо имом бо дастури ӯ ба дараҷаи ниҳоят баланди мазҳабӣ – «ҳуҷҷати ҷазира» дар вазъияту сатҳи олӣ сарфароз мегардид» [32, с. 9].

Муҳаққиқони мазкур зимнан ин хоби ирфонии Носири Хусравро инкор намекунанд ва дар навбати худ бар он андеша ҳастанд, ки ин сафари ҳаким Носири Хусрав бе ҳадаф набуд. Аз як ҷониб, зимни таҳқиқ ва баррасии «Сафарнома» исбот мешавад, ки мусанниф ҳангоми таълифи он андешаи динӣ-мазҳабӣ надорад ва ба ибораи саҳеҳтар, ӯ қабл аз сафари хеш гироиш ба исмоилия надоштааст. Аз тарафи дигар, аз осори ҳаким бармеояд, ки муаллиф заррае майл ба тарзи тафаккури ирфонӣ ва ҷаҳонбинии тасаввуфӣ нанамуда, бештар дар заминаи афкори дунявӣ эҷод менамудааст. Мисоли инчунин андеша «Сафарнома» аст, ки дар он одамон новобаста аз тааллуқоти динию мазҳабӣ инъикос шудаанд. Бинобар ин, назари муҳаққиқони мазкур бобати хоббинии ҳаким ва гироиши ӯ ба исмоилия қобили қабул мебошад, аммо мо исмоилияи замони шоирро бояд ба инобат гирифта, вижагиҳои онро мавриди таҳқиқ қарор диҳем. Чунки аксар муҳаққиқоне, ки дар дохилу хориҷи кишвар ба баррасии ин мавзуъ машғул шудаанд, аз нусхаҳои тақаллубии «Сафарнома» бештар аз осори фалсафии ҳаким Носири Хусрав истифода намудаанд. Лозим ба ёдоварист, ки равиши исмоилӣ бо номҳои гуногунаш чун ботиния, қарматия ва ғайра аз зуҳури равияи шиа муқаддам асту бештар авомили эътирозӣ дорад. Гузашта аз ин, вижагии аслии ин мазҳаб зиддиистибдодӣ буда, дар дилхоҳ минтақа ақвоми ғайриарабро ба пайравӣ аз худ маҷбур сохтааст. Аммо гироиши Носири Хусрав ва дигар донишмандони форсизабон ба он дар заминаи муқовимат бо табиати бадавӣ ва тарзи тафаккури онҳо мебошад. Ин масъаларо мо дар нақди матни «Сафарнома» мушоҳида мекунем. Гузашта аз ин, майдони тафаккур ва сарвати маънавии ҳаким аз исмоилия болотар қарор дошта, ҳеҷ зарурате ҷиҳати

гироиши донишманд ба мазҳаби исмоилӣ вуҷуд надорад. Аз ин хотир, ба равиши исмоилӣ пайванд намудани Носири Хусрав омилҳои бартарӣ додани он аст. Мо ин шабоҳатро зимни баррасии равиши фалсафии Ибни Сино низ мушоҳида мекунем. Чунки омили аслии рағбат намудани ҳакимон ба ҳикмати Юнону Чин ва Ҳинд мутамаддин будани онҳост. Дар «Сафарнома» бошад, пайравони равиши исмоилӣ дар қиёс бо дигарон бартар дониста нашудаанд, балки ҳамаи ақвом дар равиши воқеанигорӣ инъикос ёфтаанд. Сабаби пайдо шудани сафарномаҳои тақаллубӣ низ ҳамин будааст, ки муаллифонашон хостаанд Ҳаким Носири Хусравро чун исмоилии мутаассиб нишон диҳанд ва исбот кунанд, ки исмоилия аз соири мазҳабҳо бартар мебошад.

Дар бахши баррасии сабк ва сохти «Сафарнома»-и Носири Хусрав дар адабиёти форсӣ баъзе пажуҳишҳо сурат гирифтаанд, масалан: ҳар як ҳикоя ровие дорад, ки воқеаҳоро нақл мекунад. Яъне, ҳар як воқеа аз дидгоҳи ровӣ (шахси якум ё дуюм) гуфта мешавад. Баръакс, дар «нақли олами достонҳои параллелӣ» як қаҳрамони бадеӣ ду нақшро ба дӯш мегирад: аз як тараф, ҳамчун ровӣ (ман-ривояткунанда) (он шахсе, ки ҳодисаҳои воқеаро ҳикоя мекунад), вазифаи нақл кардани воқеаро ба зимма дорад ва аз тарафи дигар, чун ҳунарманд барои иҷрои нақш дар қисса масъул аст.

Метавон гуфт, ки аз лиҳози тамаркузи нигоҳи хонанда ба ровӣ ё ҳунармандон, шакли дигари ривоят дар қалби ду қолаби аслӣ ба таври зайл пайдо мешавад. Дар ин маврид хонандаро дар олами достон ровие, ки мисли офарандаи достон аст, ҳидоят мекунад.

Ин гуна ровиён нисбат ба дигар персонажҳои достон маълумоти бештар доранд ва аз ботину беруни персонажҳои достон огоҳ аст. Ин нависанда то замоне, ки ба олами бадеию нависандагӣ ворид нашавад, нависандаи воқеӣ аст, аммо вақте ба олами бадеӣ ворид мешавад ва ба навиштан шуруъ мекунад, дигар нависандаи воқеӣ нест. Зеро он аз олами воқеӣ ҷудо шуда, ба олами афсона ворид шудааст.

Нависандаи асил ба олами достон ворид мешавад, мавҷудияти берунии ӯ нест, ки ба олами достон ворид шудааст, балки худи дуюмаш ба олами достон

бо андешаҳои хосе ворид шудааст, ки мехоҳад дар достон бирасонад, хонандаи воқеӣ низ вақте ки ба олами достон ворид мешавад (мутолиаи достон сар мекунад) аз олами воқеӣ ҷудо шуда, ба олами достон ворид бигардад, агар ҳангоми мутолиаи роман аз мутолиа ӯро боздорем, вай бо пӯшидани китоб аз хонандаи абстрактӣ баромада, хонандаи воқеӣ мешавад, зеро аз олами ҳикоя вориди ҷаҳони воқеӣ шудааст.

Ривоят дар «Сафарнома»-и Носири Хусрав хатте аст, ки бо ҷумлаҳои кӯтоҳ ва сабки равшан баён мегардад. Неруи тавсифи Носири Хусрав дар «Сафарнома» ба ҳадде бузург аст, ки метавонад тасвири равшане ба вуҷуд оварад. Тасвири манзараҳои табиӣ, шаҳрҳо, биноҳо, сару либос ва чеҳраи одамон, ҳатто руҳу хислати онҳо. То кунун бо баррасии сохтори нақлии сафарнома сатҳҳои гуногуни матни таҳқиқӣ ва робитаи онҳо муайян карда шудааст. Вақте ки ӯ ба Миср мерасад, марҳалаи  дувуми «Сафарнома», ки муҳимтарин бахши китоб аст, оғоз мешавад. Дар асл, гуфтан мумкин аст Носир Хусрав сайёҳи одӣ набуд, вале ба назар мерасад, ки ӯ дар миёни мисриён шахсияти бузурге буд.

Ҳамчунин, дар ин қолаб байни ровӣ ва нависандаи мушаххас тафовут вуҷуд дорад, чунонки гуфтем, муаллиф ҳамеша берун аз олами достон вуҷуд дорад ва низ баёнгари ин аст. Вале ба ибораи сода метавон гуфт, ки он чизе, ки назария ва изҳороти ровиро аз нависандаи мушаххас фарқ мекунад, сатҳҳои гуногуни нақл ва тафовути ҷаҳони бадеӣ ва воқеият аст. Дар воқеъ, Носири Хусрав, аз як тараф, ҳамчун ровӣ барои нақл кардани ҳикоя (саргузашт) масъул бошад, аз тарафи дигар, ҳамчун муаллиф дар сафарнома масъул аст. Ба ибораи дигар, Носири Хусрав, ки қаҳрамони асосии сафарнома аст, аз сафараш нақл мекунад. Аз вижагиҳои аслии ин жанри қисса дар он аст, ки саргузашти рӯзгори ровӣ аз забони худи ровӣ гуфта мешавад ва хонанда низ бохабар аст.

Ҳангоми тасвир воқеънигор барои таъсирбахш гардидани асар ба воқеият хусусияти бадеӣ медиҳад. Носири Хусрав дар тули  сафар аз вазъи мардуми шаҳрҳо ва вилоятҳои гуногун ошно гардида, аз ҳоли табақоти гуногунмазҳаб ва

забон, расму оини онҳо аз наздик шинос мешаваду  ва аз зисту зиндагии онҳо пурсон мегардад.

Носири Хусрав дар «Сафарнома» нахуст омили мусофираташро баён намуда, сипас ба шарҳи сафарҳояш оғоз менамояд. «Сафарнома» сюжети ягона надорад ва маълумоту хотироти сафар дар асар мувофиқи тартиби санаҳои ба шаҳру вилояте расидани муаллиф пайи ҳам ҷойгир карда щудаанд.

Дар васати ҳар як ҳикоя Носири Хусрав чун як мушоҳидакор  ё ин ки ровӣ симои худро маълум сохта, воқеияти зебоии шаҳрҳоро тасдиқ ё инкор менамояд. Чунин шореҳии ӯ барои  дарки масъалаи муҳимме хосси насри мустанад мебошад. Масалан, ин иқтибос тасдиққунандаи ин фикр аст: «Дар киштӣ нишастам то Тунис ва он Тунис ҷазираест ва шаҳри неку ва аз хушкӣ дур аст, чунонки аз бомҳои шаҳр соҳил натавон дид. Шаҳри анбӯҳ ва бозорҳои неку ва ду ҷомеъ дар он ҷост. Ва ба қиёси даҳ ҳазор дӯкон дар он ҷо бошад ва сад дӯкони атторӣ бошад. Ва он ҷо дар тобистон дар бозорҳо кашкоб фурӯшанд, ки шаҳре гармсер аст ва ранҷури бисёр бошад» [13 , с.56].

Ҳамзамон, иртиботи ин сарзаминро бо дигар минтақаҳо муфассал инъикос менамояд: «Шунидам, ки малики Форс бист ҳазор динор ба Тунис фиристода буд, то ба ҷиҳати ӯ  як даст ҷомаи хос бихаранд ва чанд сол он ҷо буданд ва наметавонистанд харидан»  [13, с.36].

Образи муаллиф дар асар хеле барҷаста ифода ёфтааст. Баъзан Носири Хусрав аз номи дигарон ҳикояти ҷолиберо меорад ва бо ҳамин муносибати дигаронро бо худ ошкор менамояд.  Чунин шакли баён асосан барои ҷудо намудани иштироки худи муаллиф дар ин ё он ҳодиса ва ё ин ки барои исботи фикраш ба хонанда инъикос мегардад. Масалан: «Дар ин шаҳри Айзоб марде маро ҳикоят кард, ки бар қавли ӯ эътимод доштам, гуфт: «Вақте ки киштӣ аз ин шаҳр сӯйи Ҳиҷоз мерафт ва шутур мебурданд, ба сӯйи амири Макка ва ман дар он киштӣ будам, шутуре аз он бимурд, мардум онро ба дарё андохтанд, моҳӣ онро дарҳол фурӯ бурд, чунонки як пои шутур қадаре берун аз даҳонаш буд, моҳии дигар омад ва он моҳиро, ки шутур фурӯ бурда буд, фурӯ бурд, ки ҳеҷ асар аз он ба рӯ падид набуд ва гуфт он моҳиро қараш мегуфтанд». Ва ҳам бад-

ин шаҳр пӯсти моҳӣ дидам, ки ба Хуросон онро шафақ мегӯянд ва гумон мебурдем ба Хуросон, ки он навъе аз сусмор аст, то он ҷо бидидам, ки моҳӣ буд ва ҳама парҳо, ки моҳиро бошад, дошт» [14, с.730].

Ҳар як матн аз нигоҳи ровие пешкаш мешавад, ки бо баёни худ ба хулосаву бархурдҳои хонанда таъсир мерасонад. «Сафарнома» маълумоти муфассали гаронбаҳои ҷуғрофӣ, таърихӣ ва баёни урфу одатҳои мардуми сарзаминҳои гуногунро дар бар мегирад. Носири Хусрав кӯшиш кардааст, ки дар навиштани сафарномаи худ нависандаи беғараз бошад.

«Сафарнома»-и Носири Хусрав асарест, ки тамоми унсурҳои нақлиро дорад, бо ҳодисае оғоз мешавад. Сохтори ривоятии он гузариш аз ҳолати ибтидоӣ ба ҳолати ниҳоӣ мебошад. Бинобар ин, «Сафарнома»-и Носири Хусрав бартарӣ пайдо кард, чунки дар муҳтавои он бисёре аз манфиатҳо, эътиқод ва фаъолияти динии мусанниф мушоҳида намешавад. Баръакс, муаллиф дар ин номаи сафарӣ зимни баррасии мавзеъ ва ёдгориҳои таърихӣ ҳар тасвире, ки меорад, дар пояи дидаву шунидаҳояш қарор дода, бобати инъикоси ҳаводиси таърихӣ ҳатто ба худ суханпардозиҳои бемавридро муносиб намебинад. Мисоли дигар, Носири Хусрав баъзан иқрор мекунад, ки он чӣ ӯ мегӯяд, дигарон ҳикоят кардаанд: «Маро ҳикоят кардаанд, ки бад-ин шаҳр зилзила афтод» [13, с.11].

Дар «Сафарнома» персонажҳои зиёде ҳастанд, ки муаллиф ҳарчанд андешаи онҳоро оварда бошад ҳам, аммо дар онҳо мушахассоти нутқи персонажҳо ба назар нарасида, бештар нутқи муаллиф ифода мегардад.

Носири Хусрав ба тамоми ҳамсуҳбатонаш муоширати нек намуда, аз амалҳои онҳо ёд мекунад. Масалан, дар матни зерин инро дидан мумкин аст: «Ҳикоят кардаанд, ки дар роҳ басе хоҳиш бад-ин аъроб кардем, ки зарро, ки додаем шуморо бошад, моро бигузоред, ки бетоқат шудем, аз мо нашуниданд ва ҳамчунон биронданд. Филҷумла, он чаҳор тан ҳаҷ карданд ва ба роҳи Шом бозгаштанд. Ва ман чун ҳаҷ бикардам, боз ба ҷониби Миср бирафтам, ки кутуб доштам он ҷо ва нияти боз омадан надоштам ва амири Мадина он сол ба Миср омад, ки ӯро бар султон расме буд ва ҳар сол ба вай додӣ, аз он ки хешовандӣ аз

фарзандони Ҳусайн ибни Алӣ салавоту-л-лоҳи алайҳи дошт. Ман бо ӯ дар киштӣ будам то ба шаҳри Қулзум ва аз он ҷо ҳамчунон то ба Миср шудем» [13, с.66].

Яъне, нутқи муаллиф барои хонанда муайян мегардад, аммо муаллиф-шахси ровӣ маълум нест ва фақат муайян карда мешавад, ки дар роҳ мушкилоти зиёде ба чашм расидааст. Бешубҳа, гуфтан мумкин аст, ки Носири Хусрав худ як типи қаҳрамон аст, ки бевосита дидаю шунидаашроончунон тасвир менамояд, ки хонанда гумон мекунад, ки бевосита шоҳиди ҳодиса аст. Инро метавон дар мисоли зерин дид: «Чи мегӯянд, ки дар ин мавозеъ амволи Фиръавн мадфун буда аст. Ва чун он ҷо касе чизе ёбад, хуме ба султон диҳад ва боқӣ ӯро бошад. Ғараз он ки султон ин ходимро бад-он вилоят фиристод ва ӯро азим бузург гардонид. Ва ҳар асбоб, ки мулукро бошад, бидод аз даҳлез ва саропарда ва ғайруҳу. Ва чун ӯ ба Ҳалаб шуд ва ҷанг кард, он ҷо кушта шуд» [13, с.66].

Дар бораи хоббинии худаш нақл меорад ва пас аз ин оғоз менамояд сафари худро: «Пас ба Марв рафтам ва аз он шуғл, ки ба уҳдаи ман буд, муоф хостам ва гуфтам, ки «Маро азми сафари қибла аст» [13, с.8].

Дар «Сафарнома» муаллиф ҳангоми овардани мисоле барои тақвияти фикраш истилоҳи «ҳикоят» ва ифодаҳои «гӯянд», «шунидам», «ровӣ чунин гӯяд» -ро истифода менамояд. Аз ҷумла: «Гӯянд шаби меъроҷ Буроқро он ҷо овардаанд, то пайғамбар рукуб кард» [14, с. с.699-700].

Маълум аст, ки бархе аз жанрҳои эпикӣ таърихи қадима ва заминаҳои гуногун доранд. Таҳаввули онҳо дар давраҳои гуногун вобаста ба инкишофи адабиёт ба дараҷаҳои гуногун аст. Яке аз чунин жанрҳои эпикӣ, ки нисбатан қадимтар аст, ҳикоят буда, он дар таърихи адабиёти мо мавқеи муҳими ба худ хосеро дорост. Вале дар бораи ин жанр, таҳаввули он, пайдоиш ва заминаҳои асосии он, инчунин дар бораи хусусиятҳои бадеии вай то ба имрӯз кори алоҳидаи мукаммали илмӣ анҷом напазируфтааст. Дуруст аст, ки дар адабиётҳои илмӣ, таърихи адабиёт, назарияи адабиёт, нақди адабӣ, луғатҳои истилоҳоти адабиётшиносӣ, энсиклопедияи адабиёт ва санъат, мақолаҳои ҷудогонаи илмӣ

дар бораи ин жанр ва хусусиятҳои шаклии он фикру мулоҳизаҳо баён гаштаанд. Вале ба назар чунин меояд, ки ин маълумотҳо ва ин мулоҳизаҳо барои равшану дуруст дарк кардани хусусият ва характери бадеии ин жанри комил кифоягӣ намекунад. Дар бораи ҳикоят дар адабиёт ва таҳаввули он дар давраҳои адабиёт кори алоҳида набошад ҳам, мақолаҳои ҷудогонаи олимони адабиётшинос барои равшантар дарк намудани хусусиятҳои бадеии жанр ёрӣ мерасонанд. Мисоли инро дар «Истилоҳҳои луғавӣ», «Фарҳанги истилоҳи адабиётшиносӣ», «Назарияи адабиёт», «Муқаддимаи адабиётшиносӣ», маълумотҳо дар Энсиклопедияи советии тоҷик, ва Энсиклопедияи адабиёти советии тоҷик дидан мумкин аст.

Ба қавли Худоӣ Шариф, ҳамаи вижагиҳои нақлӣ дар наср бо дарназардошти ҳукумат доштани абрази муаллиф баррасӣ мешавад: «нақл ва таҳкия, яъне ҳикоят кардан асосан як навъ вазифа ва мақсади бадеӣ доранд: гӯянда аз воқеае ё рӯзгори кас (касон), моҷарои зиндагии онҳо ва авзои воқеию ҷамъиятӣ сухан мегӯяд. Аз ҷиҳати шакли баён ва имконоти ифода онҳо фарқи муайян доранд. Нақл баёни воқеа аз номи шахси якум аст. Нависанда гӯё аз саргузашт ва дидаву шунидаи худ сухан мегӯяд» [128, с. 80].

Асарҳои калонҳаҷм чунин ҳикоятҳоро дар дохил доранд ва нависанда ба ҳайси ровӣ ва ё қаҳрамони асар ва ё ин ки аз номи шахси савум худ ҳикоят меорад. Ҳамин нуктаро Атахон Сайфуллоев низ тазаккур додааст: «Яке аз муҳимтарин фазилатҳои адабиёти классикии форс-тоҷик, ки халқияти онро тақвият менамояд, дар насру назм истифода шудани ҳикоятву латифаҳои халқӣ, порчаҳои шеърӣ ва зарбулмасалу мақолҳо мебошад. Он нависандагон, ки дунё дидаанд ва таҷрибаи калони ҳаётию адабӣ андӯхтаанд, ҳикоятву латифаҳои халқӣ, порчаҳои манзумро барои равшану аниқтар ифода кардани ақидаҳои сиёсию иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва панду ҳикмати худ истифода бурдаанд» [108, с.289].

Равшан Раҳмонӣ дар мақолааш бо номи «Таърихи гуфторӣ чист?» чунин тазаккур медиҳад, ки: «дар байни мардум ба таври гуфторӣ нақл кардани воқеа ва ҳодисаҳои таърихӣ» боиси аз даҳон ба даҳон гузаштан ва таъсир гузоштан мегардид» [93, с.139].

Дар ин навъи қиссаҳо маркази тамаркузи хонанда ба нақлкунанда ва персонажҳо нигаронида нашудааст. Воқеан, гӯянда мақсади тасвири фазои достон (муқаррарот) ё ҳолати персонажҳоро дорад ва дар ин қолаби ривояти ровӣ ҳама чизро аз як ҷониб мушҳида мекунад. Дар ин навъи ривоят ҳикояткунанда ҳама чизро аз боло мебинад ва тасвирҳои марбут ба онҳоро мегирад ва аз аъмоли онҳо хабар медиҳад.

Дар «Сафарнома» нақл дар шакли замони ҳозира ва гузашта бо истифодаи вожаҳои «гӯянд» ва «гуфтанд» омадааст. Дар «Сафарнома ҳама ҳолати хронологӣ ва мавзеҳо, аз қабили: рӯзу моҳу сол, масофа ва андозаи он ҷойҳо, меъморӣ ва иморот: масҷиду мадраса, мазорот, бозор, ҳаммом, будани об, обу ҳаво, табиат, меваҷоту набопот, маъдан, мавзеи ҷуғрофӣ, урфу одат, шахсиятҳои номии илму адаб ва мисли ин бо як тартиб омадааст. Дар шарҳи гармоба пас аз баёни воқеа зикр мекунад: « Ва ин фасл бад-он овардам, то мардум бидонанд, ки ба шиддате, ки аз рӯзгор пеш ояд, набояд нолид. Ва аз фазлу раҳмати Офаридгор… ноумед набояд шуд, ки ӯ раҳим (меҳрубон) аст» [13, с. 93].

Ҳикоят ба қавли Р.. Мусулмониён ба гурӯҳи жанрҳои хурди эпикӣ дохил мешавад ва «як воқеаи нисбатан хурд»-ро дар бар мегирад. Муҳимтарин хусусияти воқеии ҳикоят ҳамин аст, ки вай аз нуктаи назари замону макон, ҳаҷму ҳудуд ва моҳияти худ яклухту мазбут мебошад. Сюжети ҳикоят равшан аст, аммо на тақрибан сода мебошад, аз чандин хат фароҳам омада наметавонад. Нависанда ҳамагӣ як хат мекашад, вале равишашро ва охири вайро барҷаста нишон медиҳад [79, с.137].

Яъне, як хатти кашида ва ё худ ҳадафи гузоштаи муаллиф барои идомаи воқеаҳо сабаб гардида, силсилаҳаводиси дохили асар метавонад идомадиҳандаи ҳадафи гузоштаи муаллиф гардад.

Дар ҳикоят зиддиятҳо амиқ ва равшан буда, персонажи асосӣ соҳиби портрет мебошад. Дар ҳикоят ду ва ё се нафар зиёд метавонад иштирок намоянд, вале баҳси асосӣ дар атрофи ду нафар рафта, нависанда тамоми амали онҳоро инъикос менамояд, ки аз ин хислати персонажҳо муайян мегарданд. Пейзаж дар

ҳикоят ҷой дорад ва нависанда барои тасвири амалиёт ҷой ва ё худ мавқеи қаҳрамонон ва ё ин ки замону маконро тасвир менамояд.

Он чизе ки ба саёҳати Носир Хусрав тарҳи ҳикоятӣ додааст, мавҷудияти сохтори ҳикоятӣ бар асоси қолаби сужаи достон ва мавҷудияти ҳолатҳои достонии он аст. Азбаски ин қолаб бар асоси ду мавқеи ибтидоӣ ва ниҳоӣ ташаккул ёфтааст ва ин ду мавқеъ ба сабаби тағйири як мавқеъ ба вуҷуд омадаанд, мо шоҳиди тағйири мавқеъи персонаж дар саёҳатномаи Носири Хусрав мебошем.

Хусусияти дигари ба ҳикоя монанди ин асар истифодаи навъҳои ривоятӣ ва дидгоҳҳо дар асоси моделҳои нави структурализм мебошад. Шеваи нақлӣ дар “Сафарнома”-и Носири Хусрав якхела ва ба матн нигаронида шудааст, зеро монанд ба модели баёнии матн нигаронидашуда, ки дар он ровӣ воқеаҳои саргузашти зиндагиашро нақл мекунад ва ҳар ҷое, ки ҳаракат кунад, хатти сужаи қисса бо ӯ ҳамоҳанг мешавад ва хонанда метавонад аз суханони худаш дар бораи рӯзгори ӯ маълумот гирад.

Агар гӯем, ки дар «Сафарнома» нақли ривоятӣ нест, иштибоҳ мекунем. Мутафаккир он чизе, ки дигарон нақл намудаанд, бозгӯ мекунад, аммо дар охири ҳикоят инро чун хулоса меорад, ки нақли шунидаро таҳқиқ кардам ва он воқеият дошт, ё худ ҳақиқатро дар нақли мазбур инкор менамояд. Метавон натиҷагирӣ кард, ки Носири Хусрав вақте аз дидани сафар хабар медиҳад, нуқтаи назар аст ва вақте ки эҳсосоти ботинии худро баён мекунад ё касе, ё чизеро ҳукм мекунад, назари ботинӣ аст.

Ҳар як достон натиҷаи омезиши вазъият аст ва чунонки дидем, «Сафарнома»-и Носири Хусрав низ ду ҳолати ибтидоӣ ва ниҳоиро дар бар мегирад.

Воқеан, руҳияи илмӣ, нигоҳи бодиққат ва таваҷҷуҳ ба тафсир дар баробари равияҳои мазҳабӣ ва иҷтимоӣ як сафарномаеро ба вуҷуд овардааст, ки дар баробари тавсифи ҷузъиёти биноҳо, вазъи ҷуғрофӣ ва иқтисодии шаҳру деҳот манзараи сиёсии шароити таърихии он замон ба хонанда матраҳ мешаванд.

Ровӣ яке аз персонажҳои сафарнома буда, аз сафари худ нақл мекунад. Дар воқеъ, Носири Хусрав, аз як тараф, ҳамчун ровӣ барои нақл кардани ҳикоя (саргузаштҳои сафарӣ) масъул бошад, аз тарафи дигар, ҳамчун наққош дар сафарнома масъул аст. Ба забони содатар метавон гуфт: Носири Хусрав, ки қаҳрамони асосии «Сафарнома» аст, дар бораи сафараш нақл мекунад. Чунонки дар доираи хусусиятҳои ҳамон жанри ҳикояи матнӣ таъкид кардем, яке аз хусусиятҳои асосии ин жанри ҳикоят дар он аст, ки саргузашти рӯзгори ровӣ аз забони худи ровӣ гуфта мешавад ва хонанда низ аз ин хислат огоҳ аст.

Нуктаи назари сифр ин аст, ки воқеа аз дидгоҳи шахсе баён мешавад, ки тамоми персонажҳои дарун ва берунро медонад ва ба ҳодисаҳои достон аз мавқеи олӣ менигарад. Дар ин ҷо Носири Хусрав аз афкори ботинии ҳамсуҳбатони худ огоҳ аст. Дар лаҳзае, ки муаллиф дар симои Носири Хусрав тавонистааст, ки нияти ботинии персонажро кашф кунад ва чунон ки гуфтем, яке аз хусусиятҳои асосии нуқтаи назар аз афкори ботинии персонажҳо огоҳ будани ровӣ мебошад. Ҳамчунин, дар ин саҳна мо гӯшаи диди ботиниро мушоҳида мекунем, ки ин огоҳии хонанда аз афкори ботинии ровӣ (Носири Хусрав) аст.

Ё худ, ҷойи дигар: «Ва ровии он қисса он киштиҳоро дид, ҳафт адад киштӣ аст, ҳар як ба дарозии саду панҷоҳ арш аст, дар арз ҳафтод арш ва ҳаштод сол буд, то он ҷо ниҳода буданд» [14, с. 711].

Дар «Сафарнома» ҷо-ҷо «раҳмату-л-лоҳи алайҳ, разия-л-лоҳу ъанҳу» барин иборахо вомехӯранд, ки ифодаи хос нисбат ба гузаштагон буда, танҳо характери услубӣ доранд ва дар шароити асри XI адиб наметавонст чунин иборахоро истифода накунад. Чунонки аз мазмун ва мундариҷаи ғоявии «Сафарнома» маълум аст, ин асарро низ ба гурӯҳи асарҳои шарҳиҳолӣ дохил кардан мумкин аст, зеро муаллиф шоҳиди бевоситаи ҳодиса ва воқеаҳои дар асар дарҷгардида мебошад.

Дар баъзе ҳикояҳо номи чандин шахсиятҳои бузурги таърихӣ ё адабӣ ва номи шаҳрҳо оварда шудааст. Ин маънои онро дорад, ки дар ин асар ҷумлаҳои чидда ба таври фаровон истифода бурда шудааст: «Баъд аз он Қайсар расул

фиристад ва хазматҳои зиёд карду сулҳ талабид ва шафоат кард. То иҷозати иморат кардаанд ва ин калимаҳои васеъ аст, чунон ҳашт ҳазор аҷамиро дар он ҷо бошад, … ва бисёр зару тилло бар он ҷо ба кор бурда ва сурати Исо чанд ҷо сохта, ки ба ҳалле нишаста ва сурати дигари анбиё чун Иброҳим ва Исмоил ва Исҳоқ ва Яқуб ва фарзанди ӯ, алайҳи-с-салом бар он ҷо карда ва ба равғани сандурус ба дуҳун кард» [13, с. 41].

Чандон дур нест, ки масъалаҳои марбут ба ҷуғрофиё ва муҳити зист, меъморӣ, санъат, иқтисод ва сиёсат бештар аз масъалаҳои динӣ, антропологӣ ва низоми иҷтимоӣ дар маркази таваҷҷуҳи муаллиф қарор гирифтаанд. Ин аст, ки «Сафарнома» манфиатҳои зиёди ҷуғрофӣ, таърихӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва адабӣ дорад. Носири Хусравро бояд як ровии ростқавл донист, ки барои сабт танҳо ба мушоҳидаҳои объективӣ ва дақиқи худ такя мекард. Он бо ҳодисаҳо сарукор дорад.

Носири Хусрав бо мушоҳидаи нозук ва заковати том тамоми шаҳру деҳоте, ки саёҳат кардааст, бо дарназардошти таъриху муносибати онҳо бо ҳамдигар мавриди баррасӣ қарор додааст. Аз ҷумла, сафарро аз Марв оғоз карда, шаҳрҳои Сарахс, Нишобур, Қазвин, Табрез ва дигарро тай менамояд, пасон ба Туркияи имрӯза ворид шуда, ба мулки аъроб раҳсипор мегардад. Носири Хусрав дар тасвири фазо ба мо аз тафовути шаҳру русто ҳарф зада, шаҳрҳои нимҷазираи Арабистонро хеле хуб муаррифӣ менамояд.

Барои Носири Хусрав ободии шаҳрҳо яке аз вижагиҳои муҳим ва шоистаест, ки ҳатто агар зикр кунад, нодида намегирад. Обу ҳавои хуб ё бад мавзуест, ки Носири Хусрав ба осонӣ аз он намегузарад ва ба он аҳаммият намедиҳад ва ҳатто дар ҷое муқоиса мекунад, ки чаро дар баъзе мавзеъҳо оби нӯшиданӣ қариб ки нест ва аз мавҷудияти он баъзе дарак надоранд.

Бешак, «Сафарнома» танҳо вижагиҳои адабию достонӣ надошта, балки гоҳе ҳовии иттилооти илмии арзишманде дар бораи ҷуғрофиё, фарҳанг, сиёсат, иқтисод ва амсолашон мебошад. Носири Хусрав на танҳо шаҳрҳои дорои масоҳати хурд, балки шаҳрҳои паҳноварро низ ба тавсифи муфассали худ

кашидааст. Масалан, ӯ Мисрро хуб фаро гирифта, бо гуногунии иқлими ҷуғрофии он минтақа ошно карда, иқлими онро барои хонанда таҳлил менамояд.

Нимҷазираи Арабистон бо биёбонҳою бодҳои хосси худ маъруф аст. Ҷоиз намебуд, агар нависанда, инчунин, вижагиҳои табиати он минтақаро инъикос намекард. Сафари Носири Хусрав чун аз биёбонҳои пур аз бодҳои мухолиф ва беобу хушкро низ ин гуна аст: «Аз он ба шаҳре расидам, ки онро Ахмим мегуфтанд. Шаҳре андӯҳ ва ободон ва мардуме ғалаба ба ҳисори ҳасин дорад ва бистонии бисёранд. Бист рӯз он ҷо мақом афтод ва чиҳати он ки ду роҳ буд, яке биёбони беоб, дигар дарё, мо мутарадид будем, то ба кадом роҳ биравем» [13, с. 48].

Ҳар достон гуфтугӯе аст байни нависанда ва мухотабаш ва бар мабнои ин асл ниёз аст, ки робитаи байни нависанда ва мухотабонаш дар табиитарин ва мувофиқтарин шакли он анҷом пазирад. Носири Хусрав чун ноқили воқеаҳо шореҳи ҳаводиси гуногуни табиӣ аз имконияти донишҳои саҳеҳи худ истифода намуда, кӯшиш бар он додааст, ки чунин як асари пурарзишеро офарад. Такмили калом ва баён чун донишҳои гуногунпаҳлуи мутафаккир насри «Сафарнома»-ро низ гуногунҷабҳа намудааст ва онро метавон насри мустанад номид. Ҳамчунин, дар асар санад, тасвири воқеияти зиндагӣ, таносуби тахайюл ва воқеият, ёддошт, муоширати ҳамзамонон дида мешавад, ки хоси публитсистика мебошад.

Дар китоби мазкур рӯйдодҳои шигифтангез ва корҳои хориқулодда низ ба сурати тавзеҳ ва шарҳу тафсир омада, дар тафаккури мутолиакунанда нақше чун таъсиргузорӣ хоҳад кард. Воқеияти дигари «Сафарнома»-и Носири Хусрав айнан навиштани таърихи рӯзи сафарҳои худи адиб ва масофаи роҳҳо мебошад, ки ин барои муайян намудани самти сафари навсисанда ва таърихи он муҳим аст. Масалан: «Бисту сеюми шаъбон ба азми Нишопур берун омадам ва аз Мавр ба Сарахс шудам, ки сӣ фарсанг бошад, аз он ҷо чиҳил фарсанг аст. Рӯзи шанбе ёздаҳуми шаввол(6 март) дар Нишопур шудам. Ҳокими замон Туғралбек Муҳаммад буд, бародари Чағрибек ва мадрасае фармуда буд, ба наздики бозори

Сарроҷон ва онро иморат мекарданд ва ӯ ба вилоятгирӣ ба Исфаҳон рафта буд бори аввал» [13, с. 8].

Ё дар ҷойи дигар  шиносоии худро бо шахсиятҳои бузурги исломӣ ва ҳамчунин, бо зиёрати қубури бузургон айнан инъикос намудааст:  «Дувуми зулқаъда аз Нишопур берун рафтам, дар суҳбати Хоҷа Муваффақ, ки хоҷаи султон буд. Ба роҳи Қубон ба Кумас расиданд ва зиёрати шайх Боязиди Бастомӣ бикардам» [13, с. 8].

«Сафарнома»-и Носири Хусрав бо далели забону сабки баёни хос наздикии бисёр зиёде ба сохтори қисса дорад. Чунки мусанниф зимни таълифи асар ба он шакли қиссаро бахшидааст.

Аз беҳтарин ва судмандтарин осоре, ки дар ҷаҳон боқӣ мемонад ва мавриди мутолиаи хонандагон қарор мегирад, саргузаштҳо ва ёддоштҳои сайёҳон ва ҷаҳонгардон аст.  Агар нависанда аҳли завқ бошад, ҷузъиёти иқлимҳову билоде, ки мебинаду хусусиёти мардумеро, ки мулоқот мекунад, ончунон баён менамояд, ки хонандаро ба ваҷд хоҳад овард.

Замон аз аносири муҳимми  нақл аст ва Носири Хусрав дар забти таърихи рӯзу моҳу сол чунон диққат ба кор мебарад, ки дар камтарин сафарномае метавон назири онро ёфт.   Аз ин асар чунин бармеояд, ки таснифкунандааш марде «дабирпеша» буд, ки дар дарбори шоҳон вазифа адо мекард, аммо шабе аз шабҳо дар хоб пиреро дид, ки аз ӯ даъват мекард, то ӯ аз хоби чиҳилсола бедор гардад. Субҳи содиқ баробар бо бедоршавӣ номбурда азми сафар карду ба Шому Осиёи Сағир ва нимҷазираи Арабистон раҳсипор шуд.

Сареҳан маълум нест, ки ҳадафи  нависанла аз ин сафари тулонӣ ҳаҷ бошад, агарчи бисёре аз муҳаққиқон зиёрати хонаи Каъбаро аз ин сафар ҳадаф пиндоштаанд ва дар асар низ манзури хешро аз саёҳати ҳафтсола мусанниф ҳаҷ ном бурдааст. Чунки ҳадаф аз иҷрои маросими ҳаҷ бедоршавӣ нест ва ба ҳеҷ далел наметавон гуфт, ки хуфтагон бинобар адои ҳаҷ бедор мешаванд.

Чунонки маълум аст, «зиёрати хонаи Худо» ва ба ибораи маъмул, ҳаҷ кардани Каъбатуллоҳ ба инсон ваколатҳои махсусро намедиҳад, аммо аксар ҳоҷӣ бо дарназардошти иҷрои зиёрат ҷои худогоҳӣ бо такаббур ороста шуда,

хешро аз соири мардум беҳтар медонанд ва ин мушоҳида чӣ дар гузашта ва чӣ дар замони муосир ҳақиқате мебошад, ки аз ошкор кардани он хиҷолат ҳувайдост. Пас чаро ҳакими бузург сафари худро чун ҳаҷнома ва зиёратнома низ муаррифӣ мекунад? Лозим ба ёдоварист, ки нависанда расму анъанаи насрнависии замонашро қабул намекард, ва бар замми он иборахое чун зиёрати хонаи Худо, раҳмату-л-лоҳи илайҳ ва амсолашон дар китобаш дарҷ намегардид, ҳеҷ муосире аз даврони ҳаким китоби ӯро мутолиа намекард ва ҳеҷ хаттоте «Сафарнома»-ро хаттотӣ намекард ва ҳеҷ ҳакиме онро шарҳу тафсир наменавишт ва оқибат ин китоб аз байн рафта, ба гӯшаи фаромӯшӣ ворид мегардид.

Сафари ҳафтсола ба минтақае буд, ки аксар бузургон дар ин сарзамин мадфун ҳастанд. Шояд аз ҳамин хотир бошад, ки дар «Сафарнома» баҳсҳои тулонӣ ва нақлҳои мудовим аз имороте аст, ки он ҷо чандин бузургони илму дин дафн шудаанд. Сароғоз мусаннифи китоб аз зиёрати қабри Боязиди Бистомӣ оғоз карда, сипас ба Иброҳиму Исҳоқу Яъқубу Юсуф ва Довуду Сулаймону Мусо ва Маряму Закариёву Исо барин ашхоси дар китобҳо дарҷ гардида мерасад ва зимни анҷом додани маросими ҳаҷ аз Муҳаммаду (с.) ёронаш ва наздиконаш нақлҳо намуда, диданию шунидаҳояшро ба тафсир инъикос менамояд.

Лекин яке аз вижагиҳои китоб ҷиҳати баррасии иморот, қалъаву кушкҳо ва биноҳои бо нақшҳо меъморишуда таҳқиқи ҳамаҷониба дар сатҳи чигунагии сохтмонҳо мебошад, гӯё муаллиф меъмор асту ба ҳар як иморат аз дидгоҳи меъморӣ менигарад. Масалан, ҳанӯз аз вилояти Дайлам хориҷ нагардида, чунин тафсирро меорад, ки хонанда фикр мекунад муаллифи китоб шояд беҳтарин меъмор бошад: «Ба канори шаҳр қалъае баланд, бунёдаш бар санги хора ниҳодааст, се девор дар гирди ӯ кашида ва коррезе ба миёни қалъа фурӯ бурида то канори рӯдхона, ки аз он ҷо об бароваранд ва ба қалъа баранд ва ҳазор мард аз меҳтарзодагони вилоят дар он қалъа ҳастанд» [13, с. 10].

Ҷойи дигар менигорад: «Ва дар миёни шаҳр масҷиде одина азим покиза ва некӯ ороста ва ҳасин ва дар зери қубба ҳавзест аз рухом ва дар миёнаш фаввораи биринҷин» [13, с. 18].

Ин иқтибос фикри моро ба замони муосир меорад, чунки корезӣ, фаввораҳои гуногун ва амсолашон моро водор хоҳад кард, ки ин падидаҳо оё дар гузашта буданд? Маълумоти Носири Хусрав шаҳодат медиҳад, ки дар гузаштаи дур низ меъморӣ рушд карда, навъҳои гуногуни корезӣ баррасӣ мешуданд.

Баъзан барои тафсили вазъият ва ҷудо намудани андешааш аз дигарон сухани шахси дуюми ҷамъро истифода менамояд ва бо ҳамин муоширати худро бо атрофиён нишон медиҳад: «…..Ва ман дар ин шаҳри Меҳрубон бимондам, ба сабаби он ки гуфтанд: «Роҳҳо ноэмин аст, аз он ки писарони Абоколинҷор-
ро бо ҳам ҷангу хусумат буд ва хар як саре мекашиданд ва мулк мушавваш гашта буд» [13, с. 98] .

Ё дар ҷойи дигар чунин шарҳ овардааст: «Кавме араб буданд, ки пирони ҳафтодсола маро ҳикоят карданд, ки дар умри хеш ба ҷуз шири шутур чизе нахурда буданд, чи дар ин бодияхо чизе нест, илло алафи шур, ки шутур мехурад» [13, с. 77].

Гузашта аз ин, Носири Хусрав аз мавқеи меъморӣ ба бостоншинос гузариш карда, дар Шом бо осори аҳди бостон рӯ ба рӯ мешавад ва ҷиҳати баррасии он осори гаронбаҳо таваққуф намуда, масъаларо чунин ифшо месозад: «Ва андар навоҳии Шом понсад ҳазор сутун ё сарсутун беш афтодааст, ки ҳеҷ офарида надонад, ки он чӣ будааст ё аз куҷо овардаанд» [13, с. 19].

Ин мавзуъро идома дода, чунин менависад: «Он ҷо устухони ҳайвоноти баҳрӣ бисёр дидем, ки дар миёни хоку гил маъҷун шуда буд» [13, с. 24].

Баъдан ба мавзуи пешин бозгардида, рухомро аз масолеҳ пиндошта, таъкид мекунад, ки дар шаҳри Қайсория аз рухом деворҳо сохтаанд: «Дар ин шаҳр рухом бисёр аст ва бештар сароҳо ва хонаҳои мардум мурахам аст, бо такаллуф ва нақш таркиб карда ва рухомро ба арра мебуранд, ки дандон надорад ва реги маккӣ дар он ҷо мекунанд ва арра мекашанд бар тули амудҳо ва

анвоъ ва албони рухомҳо он ҷо дидам аз муламмаъ ва сабзу сурху сиёҳу сафед ва ҳама лавн ва он ҷо навъе анҷир аст» [13, с. 25].

Носири Хусрав ҳар ҷое ки қарор доштааст, дар таҳқиқ пайваста кӯшидааст ва ҳар шаҳру русто ва ҳар қасру иморатро тибқи донишҳои хеш баррасӣ намуда, ба ҳар қавму миллатҳо аз нигоҳи таҳқиқ баҳогузорӣ кардааст. Масалан, зимни дар Байтулмуқаддас будан ба таҳқиқ ва пажуҳиш машғул гардида, маълум мекунад, ки он ҷо гандум каму ҷав бисёр аст ва зайтун дар ин мавзеъ бештар мушоҳида мешавад: «Равғани зайтун дар чоҳҳо ва ҳавзҳо пур кунанд ва аз он ҷо ба атрофи олам баранд» [13, с. 26]. Ҷойи дигар мефармояд: «Ва дар Миср асал бисёр хезад ва шакар ҳам» [13, с. 57].

Чашмаи муқаддаси Замзам низ аз назари Носири Хусрав дур наафтодааст ва номбурда дар васфи он чашма чунин меорад: «Баҳри Замзам аз хонаи Каъба ҳам сӯйи машриқ аст ва бар гӯшаи ҳаҷарулсвад аст  ва  мисраи баъри Замзам ва хона чиҳилу шаш арш аст ва фарохии  чоҳ се газу ним ва обаш шӯр, лекин битавон хӯрд» [13, с.81].

Дигар хусусияти минтақа, ки муаллиф ба он ҷо саёҳат намудааст, ғайр аз камобию саҳроҳои сӯзон боз кӯҳҳое низ мебошанд, ки омили асосии раҳли иқомат гузидани бошандагонаш маҳз ҳамин кӯҳистон маҳсуб мешавад. Дороии маъдани кӯҳҳои азимҷуссаро  нависанда  ба тафсил ишора менамояд: «Ба ҷое расидем дар миёни шикастагӣ, ки онро Сурбо мегуфтанд, кӯҳҳо буд  ҳар  як чун гунбаде, ки дар ҳеҷ вилояте мисли он нарасад ва чун тухми мурғу сулб, ки ҳеҷ шаққӣ ва ноҳамворӣ бар он наменамуд» [13, с. 86].

Дар тамаддуни асримиёнагӣ мақоми бозорҳо  хеле муҳим буд. Дар ҳамин наздикиҳо будани бозорро нависанда хеле аҷиб нишон медиҳад: «Ҳар куҷо замин сахттар буд, оби борон дар ӯ истода буд ва шабу рӯз мерафтанд, ки ҳеҷ ҷо асари роҳ падид набуд. Ба Ямоне ҳисоре буд бузург ва куҳна. Аз беруни ҳисор шаҳрест ба бозоре ва аз ҳар гуна санноъ дар он буданд» [13, с. 87].

Дар «Сафарнома» тасвири дарёҳо бештар ба мушоҳида мерасад. Он замон бунёди фарҳангҳою тамаддунҳо дар соҳилҳои дарёҳою уқёнусҳо ба назар мерасид ва махсусан, дар минтақаи саҳронишинони араб ниёзи мардум ба об

хеле зиёд мушоҳида мешуд. Аз ҳамин хотир аст, ки мусаннифи «Сафарнома» дарёи Нилро васф намуда, аксар рухдодҳоро дар иртибот бо Нил инъикос намудааст. Дарёи дигари тасвирнамудаи нависанда Уммон мебошад: «Дарёи Уммонро одат аст, ки дар шабонарӯз ду бор мад бароварад, чунонки миқдори даҳ газ об иртифоъ гирад. Аммо ба мавозеи дигар аз канорҳои дарё ба нисбат ба баландӣ ва ҳар ҷо баланд бошад, камтар бигирад» [13, с. 88].

Носири Хусрав дар тасвир ва инъикоси мардуми араб чун бодиянишин худдорӣ накардааст. Чунки араб дар замони Носири Хусрав чун миллате, ки Қуръон ба намояндааш ваҳй гардид, мавриди эҳтиром қарор дошт ва оммаи нохудогоҳ бартарии арабро аз дигар халқҳо иқрор менамуданд, аммо дар «Сафарнома» ҳақиқати ақвом чунонки ҳаст, инъикос мешавад. Бархе аз қабоили араб дар он овон зиндагии ваҳшиёнаро аз сар мегузарониданд. Нависанда, ки муддати ҳафт сол ба мулки онҳо сафар намудааст, ин ҳақиқатро натавонистааст пинҳон кунад ва дар ҷойи мувофиқ мефармояд: «Қавме аз араб буданд, ки пирони ҳафтодсола маро ҳикоят карданд, ки дар умри хеш ба ҷуз шири шутур чизе нахӯрда буданд, чӣ дар ин бодияҳо чизе нест, илло алафи шӯр, ки шутур мехӯрад» [13, с. 86].

Қабл аз нависанда дигарон низ дар ин маврид пажуҳиш намудаанд. Масалан, Фирдавсии Тӯсӣ низ дар «Шоҳнома» ин андешаро иқрор мекунад ва гузашта аз ин, ҷомеашиноси машҳури араб Ибни Халдун вижагиҳои рӯзгори арабҳоро дар китоби «Муқаддима» таъкид намудааст, аммо тавсифи Носири Хусрави Қубодиёнӣ муҳтавои камназир маҳсуб мешавад. Масалан, мавзеъҳое, ки дур аз шаҳрҳо буданд, чун Фалаҷ мавзеи иқомати аъроби саҳронишин гашта, он ҷо сафар намудан бебокӣ мехоҳад, вале мусаннифи «Сафарнома» он мавзеъҳоро дида, аҳвол ва авзои аъробро чунин тасвир мекунад: «Ва ҳар марде худро рӯзе ба даҳсер ғалла учрӣ карда бошад, ки он миқдор ба нон пазанд ва аз ин намози шом то дигар намози шом ҳамчу рамазон чизи каме хӯранд. Аммо ба рӯз хурмо хӯранд ва он ҷо бас хурмои неку дидам, беҳ аз он ки дар Басра ва ғайраҳу. Ва ин мардум азим дарвеш ва бадбахтанд, бо ҳама дарвешӣ ҳамарӯза ҷанг, адоват ва хун кунанд» [13, с. 87].

Дар чунин мавзеъҳои зишту нообод Носири Хусрав бо бародараш бо ранҷурӣ рӯзро шом менамуданд ва барои хориҷ шудан аз ин гуна мавзеъҳо маблағ надоштанд. Аммо будубоши онҳо дар минтақа хатарзо буд ва гузашта аз ин, онҳо дар дасти бодиянишинон асир буданд. Фақат падидоии гурӯҳи савдогарон ва корвонсаройҳои нав имкон дод, ки онҳо бо насия худро аз ин мавзеъ хориҷ кунанд.

Дигар ин, ки дар наздики ин шаҳр мавҷудияти дигар шаҳрро таъкид менамояд: «Ва шаҳри Уббула, ки дар канори шаҳр аст ва наҳр бад – он мавсум аст. Шаҳре ободон дидам ба қасрҳо ва бозорҳо ва масоҷид ва арбата, ки онро ҳадду васоф натавон кард ва аҳли шаҳр бар ҷониби ҷануб низ маҳаллаҳо ва масоҷид ва албатта ба бозорҳо буд ва биноҳои азим буд» [13, с. 90].

Бисёре аз вижагиҳои сохтории наср, аз ҷумла авзоъ, тазод, авзои мутавассит ва авзои ниҳоӣ ба ин сафарнома сохти дигар додаанд. Илова бар ин, навъҳои махсуси нақли ин асар мутолиакунандаро ба осонӣ ба он ҷалб кардаанд.

## 3.2. Истифодаи санъатҳои бадеӣ

Дар сарчашмаҳои асримиёнагӣ роҷеъ ба санъатҳои бадеӣ ва сохти каломи манзуму мансур сухан меравад, ки аз ҷумлаи онҳо «Тарҷумон-ул-балоға»-и Родуёнӣ (асри XI), «Ҳадоиқ-ус-сеҳр фи дақоиқ-уш-шеър»-и Рашиди Ватвот (асри XII), «Чаҳор мақола»-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ (асри XII), «Меъёр-ул-ашъор»-и Хоҷа Насириддини Тусӣ (асри XIII), «Меъёри Ҷамолӣ ва мифтоҳи Абӯисҳоқ»-и Шамси Фахрии Исфаҳонӣ (асри XIV) ва амсолашон маълумоти дақиқ пешниҳод гардида, роҳҳои истифода аз онҳоро мутазаккир шудаанд.

Ҳамзамон, муҳаққиқони баъдина паҳлуҳои мухталифи осори бадеиро мавриди пажуҳиш қарор додаанд. Муаллифи «Сабкшиносии наср» Муҳаммадтақии Баҳор дар мавриди сабки «Сафарнома» тазаккур мекунад, ки: «Ва агар чизе аз гӯшаву канор ба вуҷуд омад, ба ҳамон сабку шеваи дерина навишта мешуд; монанди кутуби Носири Хусрави Алавӣ, ки дар нимаи дувуми қарни панҷум \X1м.\ таълиф ёфта аст ва бо шеваи насри Сомониён баробар аст ва ғолиби алфозу таркибот ва истилоҳоти қадимро дар ин рисолот ба қарори асл мебинем» [71, с. 298] ва ба қавли ин донишманд: «Дар давраи Сосмонӣ, насри форсӣ сода ва мӯҷаз ва бесанъат ва мурсал буда ва луғоти форсӣ бар луғати арабӣ мечарбидааст [бартарӣ, афзалият дошта]» ва ҳамзамон дар давраи «Ғазнавӣ ва Салҷуқии аввал, насри арабӣ дар насри форсӣ асар карда, ҷумлаҳо тӯлонӣ шуд ва луғати арабӣ рӯ ба зиёдӣ гузошт» [71, с. 298]. Ҳамзамон, таъкид мекунад, ки «Мо сабки Носири Хусравро дар зимни гуфтори аввал пайрави сабки давраи Сомонӣ қарор додем ва шарҳу басти онро ба фасли баъд муҳаввал [вогузор] доштем ва сабаб ин буд, ки «Сафарнома» - и Носири Хусрав, ки латифтарин осори насрии ӯст, ба шеваи Сомониён шабеҳ нест ва дуруст мутобиқи сабку шеваи давраи аввали Ғазнавӣ аст» [71, с. 345]

Яъне Носири Хусрав бо ҳамон услуби пешиниён «Сафарнома»-и худро иншо намуд ва аз ҳаргуна ороишиҳои бадеӣ дур рафта, ҳамзамон калимаҳои мураккаби арабиро қариб ки истифода накардааст. Бешубҳа, бузургтарин дастоварди андешамандони форсу тоҷик дар тули таърих таҳия ва татбиқи

назарияи волоияти хирад бар соири ашё мебошад. Носири Хусрав дар нигориши «Сафарнома» дар такмили ҷаҳонбинии дунявӣ, ки асли худро аз «Авесто» ба армуғон гирифтааст, нақши бориз гузошта ва то кунун қариб пас аз 1000 сол ин навишта аҳаммияти маънавии хешро гум накарда ва ҳатто андаке тағйир надодааст.

Услуби «Сафарнома»-и Носири Хусрав бар хилофи соири осор, бавижа осори фалсафияш, сода буда, муаллиф дар ин асар дидаю шунидаҳои худро ба мутолиакунанда чунонки ҳаст, ҳамон гуна мерасонад.

Ҳангоми таҳқиқ маълум гардид, ки сабки «Сафарнома» дорои санъатҳои хосси бадеӣ буда, дар он бо далелу санади муайян ҷонибҳои гуногуни ҳаёти мардум баён гардидааст.

Ҳангоми таҳлил чанд навъи санъатҳои бадеӣ ба назар мерасад, ки онро дар алоҳидагӣ ба баррасӣ мегирем:

1. Ташбеҳ. Ташбеҳ яке аз санъатҳои серистеъмоли илми балоғату баён маҳсуб мешавад ва дар “Сафарнома” дар тавсифи мавзеҳо бештар ба чашм мерасад: «Кӯҳҳо буд ҳар як чун гунбаде, ки ман дар ҳеч вилояте мисли он надидам баландӣ, чандоне ки тир ба он ҷо нарасад ва чун тухми мурғ амлос ва сулб, ки ҳеҷ шаққӣ ва ноҳамворӣ бар он наменамуд. Он чи дар он вақт, ки мо он ҷо расидем ободон буд, миқдори ним фарсанг дар як мил арз буд. Ва дар ин миқдор чаҳордаҳ ҳисор буд» [13, с.47].

2. Санъати ташхис. Ба ҳайвонҳо, парандагон, наботот, ҷамодот, ҷирмҳои осмонӣ ва ғайра эҳсосоту хислатҳои инсонӣ нисбат дода, онҳоро дар миёни худ ва ё бо инсон гап задан ташхису интоқ, ё ин ки ба шакли муъҷаз ташхис номида мешавад. Ташхис яке аз санъатҳои маънавист. Мисол: «Шутури наҷиб ҳеҷ ҷой чунон набошад, ки дар он биёбон ва аз он ҷо ба Миср ва Ҳиҷоз баранд» [13, с. 56].

3. Санъати талмеҳ. Талмеҳ дар луғат ба маънои нигоҳи сабук кардан ба сӯйи чизест. Аммо дар адабиёти бадеӣ ишорат кардан ба воқеаю ҳодисаҳои таърихӣ, асотирӣ, қиссаву афсонаҳо мебошад.

Дар бораи талмеҳ ва таърифи он илова бар он чи зикр кардем, дар як қатор фарҳангу луғатномаҳо, аз ҷумла дар «Шамс-ул-луғот»-и Иброҳим, «Ғиёс-ул-луғот»-и Муҳаммад Ғиёсуддини Ромпурӣ, «Фарҳанги Амид»-и Ҳасан Амид, «Фарҳанги Нафисӣ»-и Алиакбари Нафисӣ, «Фарҳанги адабиёти форсӣ»-и Захрои Хонкорӣ, «Фарҳанги адабиёт»-и Абдуманнон Нуриддинов ва «Фарҳанги забони тоҷикӣ» маълумот дода шудааст, ки миёни онҳо тафовуте нест. Масалан, номҳои ибрии дар Қуръон шакл ивазнамуда, чун Иброҳим, Исмоил, Исҳоқ, Яъқуб, Юсуф, Сулаймон, Довуд, Мусо, Исо, Марям, Закариё ва маъруфтарин ашхоси садри ислом чун Муҳаммад, Умар, Усмон, Алӣ, Ҳамза, Билоли ҳабашӣ ва ҳатто Абдуллоҳ ибни Аббос дар китоби мазкур дарҷ гардидаанд: «Дар дасти рости қибла аз берун қабри Солеҳ-пайғамбар алайҳиссалом. Ва соҳати масҷид баъзе фарши санги андохтаанд ва баъзе дигар сабзӣ кишта ва гӯянд, ки Одам, алайҳиссалом он ҷо зироат карда буд» [14, с. 895]. «Ва гӯянд, он гармобаро Сулаймон ибни Довуд, алайҳиссалом сохтааст» [14, с. 687].

4. Санъати ирсоли масал. Муҳаққиқони санъатҳои бадеӣ ирсоли масалро ба қалам овардаанд, аммо шарҳи дақиқро дар рисолаи Т. Зеҳнӣ бо унвони «Санъати сухан» дарёфтем: «Шоир барои тақвияи даъвои худ баъзан аз зиндагии иҷтимоӣ, аз таҷриба ва амалияи ҳаёти шахсӣ мисоле мегирад. Ҳамин мисол овардани шоирон ирсоли масал ё тамсил номида мешавад. Вале гоҳе далелҳои хаёлию фарзӣ ҳам меоранд. Ин гуна тамсилҳо аксаран ғайритабиӣ ва ғайриҳаётӣ воқеъ шудаанд» [61, с. 132].

Дар «Сафарнома» чунин масалҳо ба чашм мерасанд:

1. «Ман хилоф гуфтам ва маломат мебинам ва ҳар кӣ дурӯғ гӯяд, сазои ӯ маломат бошад!» [14, с. 720].

2. «Шутури наҷиб ҳеҷ ҷой чунон набошад, ки дар он биёбон ва аз он ҷо ба Миср ва Ҳиҷоз баранд» [14, с. 770].

Нависанда дар байни ҳикояташ аз афкор тариқи масал андешаеро баён мекунад: «Ва даре дигар аст ҳамчунин дар замин бурда, ки онро Бобулҳитта гӯянд ва чунин гӯянд, ки ин дар он аст, ки Худой, азза ва ҷалла, банӣ Исроилро бад-ин дар фармуд дар рафтан ба масҷид. Қавлуҳу таоло» [14, с. 679].

5. Санъати суолу ҷавоб. Қариб тамоми ин наср аз суолу ҷавоб иборат аст, ки нависанда бадеҳатан суол медиҳад ва бо ҷавобаш мазмуни кинояро ҷой медиҳад:

«Пурсидам, ки «Аз ин чӣ мекунед?» Гуфтанд: «Ин чӯбро як сар дар оташ мекунем ва аз дигар сари он қатрон берун меояд, ҳама дар чоҳ ҷамъ мекунем ва аз он чоҳ дар зуруф мекунем ва ба атроф мебарем» [14,с.678].

6. Тазодду муқобила. Яке аз пуртаъсиртарин воситаҳои тасвири бадеӣ ҳамоно муқобил гузоштани ду фикр ба ҳамдигар аст ва ё ба таъбири дигар, сифату хислатҳои ду кас ва ё ду чизро ба churchвари муқоиса ба ҳам муқобил гузоштан аст, ки санъати тазодд ва муқобила ном дорад: «Аз он ҷо бирафтем ба шаҳре расидем, ки Курул номи он буд, ҷавонмарде моро ба хонаи худ меҳмон кард. Чун дар хонаи вай даромадем, арабе бадавӣ даромад, ба наздики ман омад, шастсола буда бошад ва гуфт: «Қуръон ба ман омӯз», «Қул аъузу бираббинос» ӯро талқин мекардам ва ӯ бо ман мехонд, чун ман гуфтам «миналҷиннати ваннос», гуфт: «араайтаннос» низ бигӯям? Ман гуфтам, ки: «Он сура беш аз ин нест». Пас гуфт: «он сураи «нақолат-ал-ҳатаб» кадом аст?» ва намедонист, ки андар сураи «Таббат», «ҳаммолат-ал-ҳатаб», гуфтааст, на «нақкола-ал-ҳатаб» ва он шаб чандон, ки бо вай боз гуфтам, сураи «Қул-аъузу бираб» бигӯ, ёд натавонист гирифтан марде араби шастсола» [14, с. 691].

7. Санъати бадеии киноя . Киноя маънои зид ва мухолифро қасд карда гап задан ва ба ибораи дигар, акси гапи гӯянда мурод аст.

Мисол: «Ғами даҳр хӯрдан кори оқил нест ва андуҳи дунё беҳосил, чӣ ҳарзадавиҳои кӯчаи авҳом широк аз наълайни яқин гусастан аст ва ҳалқафишориҳои тамаи хом дари роҳат ба рӯйи хеш бастан» [14, с. 542].

Мисоли дигар: «Ва ровии он қисса он киштиҳоро дид, ҳафт адад киштӣ аст, ҳар як ба дарозии саду панҷоҳ арш аст, дар арз ҳафтод арш ва ҳаштод сол буд, то он ҷо ниҳода буданд» [14, с. 711].

Ва: «Аз ҳарам то ба кӯшк ва девори кӯшк аз санг тарошида сохтаанд, ки гӯё аз як пора санг тарошидаанд ва манзарҳо ва айвонҳои олӣ бароварда ва аз андаруни даҳлези дӯконҳо баста» [14, с. 712].

Ва ё: «Аҳли бозори Миср ҳар чӣ фурӯшанд, рост гӯянд ва агар касе ба муштарӣ дурӯғ гӯяд, ӯро бар шутуре нишонда занге ба дасти ӯ диҳанд, то дар шаҳр мегардад ва занг меҷунбонад ва мунодӣ мекунад...!» [14, с. 712].

8. Санъати муболиға. Носири Хусрав дар «Сафарнома» аз санъатҳои фаровони лафзӣ истифода намуда, андешаҳои пурпечутоби фалсафиро нигоштааст ва дар «Сафарнома» санъатҳои зиёде ба назар мерасад. Тасвирҳои бадеии «Сафарнома» дар бисёр маврид нотакрор ва аҷиб мебошанд. Бахусус, санъати муболиға дар ҳикояҳо барҷаста ифода гардидааст: «Аз он ҷо бирафтам, нӯҳуми муҳаррам(16 июл) ба Қазвин расидам, боғистони бисёр дошт ба девору хор ва ҳеҷ чиз, ки монеъ шавад дар рафтани роҳ набуд. Ва Қазвинро шаҳре неку дидам, ба рӯйи ҳасин ва кунгура бар он ниҳода ва бозорҳо хуб, илло он ки об дар вай андак буд, дар корез ба зери замин. Ва раиси он шаҳр марде алавӣ буд ва аз ҳама санноъҳо, ки дар он шаҳр буд, кафшгар бештар буд» [13, с. 36].

9. Қиёс. Қиёс, ба қавли Муҳаммад Ғиёсуддин, «андоза гирифтан миёни ду чиз ва баробар гардонидан дар фиқҳ якеро бо дигаре дар ҳукме; ва ба истилоҳи мантиқиён қавлест мураккаб аз ду ҷумла, ки лозим ояд аз вай натиҷа ва инро ба истилоҳи мантиқ шакл гӯянд» [141, с.149].

Мисол, «Ва гӯянд, ба ҳаволии шаҳри Миср дар роҳ тилисме кардаанд, ки мардумро заҳмат нарасонанд ва сутунро ва ба ҳеҷ ҷойи дигар касеро заҳра набошад дар об шудан ба як тирпартоб дур аз шаҳр» [14, с. 710].

Дар «Сафарнома» истилоҳоти хосси меъморӣ вомехӯранд, ки то имрӯз мавриди истифода қарор доранд ва ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ин асари Носири Хусрав пурра бо забони адабии тоҷикӣ иншо гардидааст. Аз ҷумла, «тахта», «гил», «гаҷ», «оҳан», мех», «рухоми сафед», «мармари сафед", “сангҳои рухом”, «сангҳои мармарӣ».

Муаллиф дар ин асар он чиро, ки дидаю шунидааст, ҳамон тавре тасвир кардааст, ки айнан аст ва ба ҳеҷ ваҷҳ кӯшиши оро додан намекунад. «Сафарнома»-и Носири Хусрав, ки аз нозуктарин осори насрии ӯ ба шумор меравад, ба услуби насри Сомониён шабоҳат надорад ва маҳз хосси Носири Хусрав асту бас.

Аз дидгоҳи адабӣ ин китоб яке аз намунаҳои зебо ва пурарзиши насри асри XI мебошад. Илова бар вижагиҳои адабӣ, «Сафарнома»-и Носири Хусрав аз назари ҷуғрофӣ, таърихӣ, фарҳангӣ ва дониши умумӣ арзишҳои зиёде низ дорад. Носири Хусрав дар сафарномаи худ ҳар деҳаву шаҳреро, ки тасвир мекунад, чун як пажуҳишгар муфассал хусусияти зоҳирии минтақа, урфу одат, касбу кори мардуми ин минтақа, вазъи идораи шаҳру дарбор, меъмории биноҳо, масҷидҳо, қасрҳо намудор мегардад.

Инчунин, дар бораи эътиқод, хурофот ва аҷоиботи роиҷ дар байни мардум баҳс намуда, дар  он чизҳоеро, ки дар бораи сарзаминҳои гуногун дидаву шунидааст, барои хонандагони китобаш тасвир  менамояд.

Ба замми ин, дар «Сафарнома» истилоҳоти мансуб ба иқтисодиёт ва иҷтимоиёт ба назар мерасанд. Инро дар мисоли вожаҳои «динор», «ратл», «султон», «амир» дидан мумкин аст. Захираи луғавии «Сафарнома» хеле бой ва гуногун буда, қисматҳои зиёди луғавии дар сабки адабӣ истифодашуда баёнгари гуфтори он давра мебошанд. Забони «Сафарнома» аз ҷиҳати таркиби луғавӣ бо забони адабии асри XI ва ёдгориҳои адабии он замон умумияти зиёд дорад.

Дар «Сафарнома» ибораву таркиботи арабӣ, чун оятҳои шарифа ва ҳадисҳои набавӣ айнан оварда шудаанд:

1. «Ва султони вилоятро хутба чунин кунанд: «Ал-амирул-аъзам, иззул-ислом Саъдуддин, насруддавлат ва шарафулмиллат Абунаср Аҳмад, марде садсола ва гуфтанд, ки ҳаст» [14, с. 679].

2. «Ба канораи он дашт мақбараест бузург ва бисёр мавозеи бузургвор, ки мардум он ҷо намоз кунанд ва даст ба ҳоҷот бардоранд ва Эзид, субҳонаҳу ва таъоло ҳоҷати эшон раво гардонад [14, с. 691].

3. «Қуббае бузурги неку ва бар қубба навиштааст, ки «Ҳозо меҳроба Закариё, аннабӣ алайҳиссалом» ва гӯянд: Ӯ ин ҷо намоз кардӣ пайваста» [14, с. 693].

«Сафарнома»-и Носири Хусрав барои омӯзиши ҳаёти иҷтимоии мардуми машриқзамин дар асри XI аҳаммияти бузург дорад. Дар ин асар бештар аснод истифода шудааст.

## 3.3. Тасвири чеҳраҳои фарҳангӣ

Асоситарин рукни офариниши асар, ки навъе аз авомили заъф ё қувати он маҳсуб мешавад ва аз дер боз мавриди таваҷҷуҳ будааст, чеҳраофаринӣ мебошад. Бояд иқрор кард, ки чеҳранигорӣ чандин шаклро дорост, аммо дар «Сафарнома» мо навъе аз ин ашколро мушоҳида мекунем, ки баробари шиносшавӣ бо чеҳраҳо дар зеҳни шумо хоҳиши таҳқиқ намудани шахсият пайдо мешавад.

Нависанда ҳангоми тасвири образи бадеӣ нуктасанҷона қабл аз ҳама ботин ва ҷаҳонбинии қаҳрамонро тасвир мекунад ва дар заминаи ин образҳо ягон масъалаи муҳимми ҷомеаро матраҳ менамояд. Баъзан хислати на ҳамаи персонажҳо ба пуррагӣ ошкор мегардад. Бо вуҷуди ин гуфтан ҷоиз аст, ки дар адабиёти классикии форсу тоҷик образҳо мукаммал ва муҳим тасвир гардида, онҳо аз ҷумлаи ашхоси таърихӣ ва фарҳангӣ ҳастанд.

Нахустин нафаре, ки номаш дар «Сафарнома» меравад, худи муаллиф аст. Нависанда бе ягон монеае ба эҷоди сафарнома ва ё рӯзнома даст мезанад. Ӯ ба хонанда шахсияташро муайян намуда, баъдан омили сафарашро инъикос менамояд. Оғози «Сафарнома» низ бо зикри номи муаллиф ибтидо меёбад, ки ин хосси насри классикист: «Чунин гӯяд Абумуиниддин Носири Хисрав ал-Қубодиёнӣ, ал-Марвазӣ, ки ман марде дабирпеша будам, ва аз ҷумлаи мутасаррифон дар амвол ба аъмоли султонӣ. Ва ба корҳои девонӣ машғул будам, муддате дар он шуғл мубошарат намуда, дар миёни акрон шуҳрате ёфта будам» [13 , с.7].

Шахси дуюме, ки дар «Сафарнома» ёд мегардад, ин амири Хуросон Абӯсулаймон мебошад, ки нависанда дар назди ӯ дабирӣ мекард: «..дар рабеъулохири санаи 437 , ки амири Хуросон Абӯсулаймон Ҷағрибек Довуд бинни Микоил бинни Салҷуқбуд, аз Марв бирафтам» [13, с. 7]

Дигар шахсон «ёрон ва асҳоб» ҳастанд ва баъдан зикри «яке аз эшон» ки шеъри порсӣ мехонд, омадааст. Номи ҳокими Нишопур – Туғралбек Муҳаммад бародари Ҷағрибек низ тазаккур мегардад. Аз бузургон, ки дар аввали китоб

ёд мегардад, ин Хоҷа Муваффақ, Боязиди Бастомӣ, ки нависанда ба зиёраташ рафта буд ва дигар  Нисоӣ аст  [13, с. 8] .

Ҳаким Носири Хусрав  аз бародараш дар фароварди китоб низ ёд мекунад ва дар вақти бозгашт аз ҳиссиёти ӯ зикр менамояд: «Ва ҳафт сол буд, ки ман аз Хуросон рафта будам.Чун ба Дастгард расидем, нақл ва буна дидам, ки сӯйи Шибурғон мерафт. Бародарам , ки бо ман буд,  пурсид, ки «Ин аз кист?» Гуфтанд: «Азони вазир». Гуфт: «Шумо Абулфатҳ, Абдулҷалилро шиносед?». Гуфтанд. «Каси ӯ бо мост» [13, с. 104].

Дар ҳамин ҷо бори дигар бародари худро ҳамчун як шахси наздику ҳамкеш ёд менамояд: «Бародарам гуфт: «Мо номаи Носир овардаем, чун хоҷаи ту бирасад бад-ӯ бидиҳам». Чун лаҳзае баромад, корвон ба роҳ истод ва мо ҳам ба роҳ истодем ва он кеҳтар гуфт: «Акнун хоҷаи ман бирасад ва агар шуморо наёбад дилтанг шавад. Агар он нома маро диҳед, то бад-ӯ диҳам, дилхуш шавад». Бародарам гуфт: «Ту номаи Носир мехохӣ ё худи Носирро мехоҳӣ? Инак Носир» [13, с. 104].

Носири Хусрав бародари дигараш Хоҷа Абулфатҳро дар фаровади «Сафарнома»  бо як муҳаббати хосса  ёд меорад ва мегӯяд:  «Ва бародарам Хоча Абулфатҳ ба рохи Дашт ба Дастгард омад ва дар хидмати вазир ба сӯи амири Хуросон мерафт. Чун ахволи мо бишунид, аз Дастгард бозгашт ва бар сари пули Чамуғиён биншаст, то он ки мо бирасидем» [13, с. 104].

Дар рафтори Носири Хусрав нисбати бардаронаш як муҳаббати хосса ва садоқат ба ҳамдигар пас аз сафари тӯлонӣ инъикос гардидааст: «...  ва бад аз он ки ҳеҷ, умед надоштем ва ба дафавот дар вақоети мухлиқа афтода будем ва аз ҷон ноумед гашта, ба ҳамдигар расидем ва ба дидори якдигар шод шудем ва худои субҳонаҳу ва таолоро бад-он шукрҳо гузоридем ва бад-ин таррих ба шахри Балх расидем» [13, с. 104].

Дар «Сафарнома» аз музафаррияти ашхоси таърихӣ зикр меравад ва яке аз инҳо Яқуби Лайс мебошад, ки чунин маълумот овардааст: « Ва дар масҷиди одинаи он ҷо бар минбар номи Яқуби Лайс дидам навишта. Пурсидам аз яке, ки ҳол чи гуна будааст? Гуфт, ки Яқуби Лайс то ин шахр гирифта буд, валекин

дигар ҳеҷ амири Хуросонро он кувват набудааст. Ва дар ин таърих, ки ман он ҷо расидам, ин шахр ба дасти писарони Абоколинқор буд, ки малики Порс буд». Шахсияти дигар, ки дар асар аз ӯ сухан меравад, ин ҳазрати Алӣ мебошад, ки нависанда ӯро чунин ёд менамояд: «Ва ин он дар аст, ки амиралмуъ-минини Али алайхиссалом дар масчид рафти ба намоз ва ин дар ба се ток аст. Ва чун аз ин дар бигузарӣ, бар гушан масчид манoран дигар аст» [13, с. 77].

Баъзе шахсиятҳои фарҳангӣ дар давоми «Сафарнома» чанд маротиба зикрашон меравад. Аз ҷумлаи инҳо, Абуабдуллох Мухаммад бинни Филиҷ мебошад, ки дар борааш Носири Хусрав меорад: «Дар вакте ки ман ба шахри Ассувон будам, дусте доштам ки номи ӯ зикр кардаам дар муқаддима. Ӯро Абуабдуллоҳ Мухаммад бинни Филиҷ мегуфтанд, чун аз он ҷо ба Айзоб меомадам, нома навишта буд ба дӯсте бо вакиле, ки ӯро ба шахри Айзоб буд, ки он чи Носир хоҳад, ба вай диҳад ва хатте биситонад то вайро максуб бошад» [13, с. 71].

Дар ин қисмат Носири Хусрав саховатпешагӣ ва вафодории дӯсташро тасвир намуда мегӯяд: «Ва ин фасл бад-он навиштам то хонандагон бидонанд, ки мардумро бар мардум эътимод аст ва карам хар ҷой бошад ва ҷавонмардон ҳамеша будаанд ва бошанд» [13, с. 71].

Аз рафти тавзеҳи воқеаҳо диди Носири Хусрав ба шоҳони ҳамзамонаш гуногун аст ва баъзан маълум кардан мукин аст, ки баъзе аз амирони давр дар маври салоҳи мардум андеша менамоянд. Баъзан Носири Хусрав ҳамсуҳбатони худро боэҳтиром ёд меорад: «Дар Шамирон марде нек дидам, аз Дарбанд буд, номаш Абудфазл халифа бинии Алӣ ал-файласуф, марде аҳл буд на бо мо кароматҳо кард ва карамҳо намуд» [13, с. 11].

Тули сафар ба нимҷазираи Арабистон мусаннифи «Сафарнома» бо аҳли адабу илми замон вохӯрда, ҷиҳати дастрас намудани ҳақиқати аҳвол кӯшиш мекунад ва дар рисолаи мутазаккир нахустин фарди соҳибандеша шоири тоҷик бо исми Қатрони Табрезист, ки муаллиф вохӯрии хешро бо ӯ чунин тасвир мекунад: «Ва дар Табрез Қатрон ном шоиреро дидам, шеъре нек мегуфт, аммо забони форсӣ неку намедонист, пеши ман омад. Девони Мунҷиқ ва девони

Дақиқӣ биовард ва пеши ман бихонд ва ҳар маънӣ, ки ӯро мушкил буд, аз ман пурсид, бо ӯ бигуфтам ва шарҳи он бинавишт ва ашъори худ бар ман хонд» [13, с.11].

Бобати ошносозии Қатрон ба ҳайси шоир Забеҳулло Сафо пажуҳиши илмӣ анҷом дода, зимнан таъкид мекунад: «Аз муосирони Қатрон-Носир ибни Хусрави Қубодиёнӣ аст, ки дар сафари тӯлонии худ, ҳангоми убур аз Табрез ӯро мулоқот карда ва вайро дар ҷавонӣ ва ҳангоми мутолиаи осори шоирони Машриқ дида буд, ки ишколе дар мавориде аз луғати дарӣ/порсӣ, порсии дарӣ/ дошт ва барои рафъи онҳо ба Носири Хисрав муроҷиат кард. Носири Хусрав дар ин бора дар «Сафарнома»-и худ гуфтааст: «Иллати адами иттилои Қатрон аз забони порсӣ/дарӣ он буд, ки худ ба лаҳҷаи эронии «озорӣ» хӯ гирифта ва табъан, порае луғоту истилоҳоти аҳли Машриқро, ки аз забони маҳаллии онон буд, намешинохтааст» [59, с.108].

Ба Қатрон ғайр аз девони ӯ осоре нисбат додаанд. Аз он ҷумла китобест дар луғат, ки Ҳоҷӣ Халифа, соҳиби «Кашф-уз-зунун» онро «Тафосир фӣ луғат-ул-фурс» номидааст. Дар ҷузви нусахи хаттии китобхонаи Алиакбари Деҳхудо чанд сол пеш нусхае аз як китоби кучак ва ҳолӣ аз шавоҳиди шеърӣ дар луғати порсӣ дида будам, ки ба Қатрон мансуб аст [59, с.108].

Дар ин маврид Муҳаммадтақии Баҳор дар китоби «Сабкшиносии наср ёд меорад ва аз ҷумлаи авомили мурoҷиати Қатронро дао ин медонад: «...мутафовит будани забони модарӣ ва ё муҳовара бо лафзи қалам дар булдоне, ки забони дарӣ бо забони маҳаллӣ тафовути фоҳише дошта аст (чун булдони паҳла ва ҷиболи Табаристон ва Гелону Озарбойҷон ва Хузистон ва шояд қисмате аз Форс, ки дар аҳди қадим хар як ба забоне сухан меронданд, ҳанӯз лаҳҷаҳои паҳлавии шимолию ҷанубӣ: озарию розӣ ва шерозию хузӣ ва гелонию табарӣ ва ғайра зиндаву маъмул буда аст) забони дариро боистӣ ба дарс бихонанд ва аз устод фаро бигиранд; монанди Қатрон шоири Армуӣ, ки дар Табрез луғоти мушкили девони Дақиқӣ ва Мунҷикро аз Носири Хусрав мепурсид» [71, с.633].

Бешубҳа, қиёфаи қаҳрамон: тарҳи рӯй, қадду баст, либос ва дигар нишонаҳои зоҳирӣ дар асари ҳақиқии бадеӣ барои кушодани вижагиҳои марбут ба персонаж нақши ниҳоят калон мебозанд. Асари бадеие, ки дар он қиёфаи персонажҳо аз якдигарашон равшан фарқ кунонда нашудааст, он асар ба ҳиссу фикри хонанда таъсири амиқ намебахшад, барои хубро аз бад ҷудо кардан кам ёрӣ мерасонад. Аломатҳои зоҳирии ин ё он одамро ҳар як кас ном бурда метавонад ва ин чандон душвор нест. Аммо ба тарзи бадеӣ тасвир намудани онҳо, ки маҳз он аломатҳо хосси ҳамин одам буда, ӯ бо онҳо аз дигарон фарқ мекунад, кори мураккаб аст. Ин масъала аз ҳар як адиб санъаткории баландро талаб менамояд .

Агарчи бархе аз ҳамзамонони мутафаккир мутаассиб буданду ҳар кӣ мазҳаби онҳоро алорағми дигар мазоҳиб иблоғ менамуд, ӯро озор медоданд, аммо дар «Сафарнома» зимни баррасии мазоҳибу адён таассуб ва эҳсоси бадбинӣ мушоҳида намешавад. Ҳатто тасвирҳо нишон медиҳанд, ки намояндагони динҳои мухталиф дар як минтақа дар ҳамоҳангӣ ва дӯстию рафоқат зист мекунанд. Аксаран ҳамсуҳбатони нависанда маълум нестанд ва ба вақти шарҳи ҳоле тариқи номуайян баррасӣ шуда, оид ба онҳо маълумот пешниҳод мешавад.

Ин образҳо лаҳзавиянд. Дар аввали сафараш дар роҳи Нишопур-Домғон адиб аз зиёрати марқади адиби мутасаввиф шайх Боязиди Бастомӣ ёдовар мешавад [13, с. 8].

Лозим ба ёдоварист, ки зимни муаррифии ашхос муаллиф яке аз чеҳраҳои машҳури тасаввуфи исломӣ шайх Боязиди Бистомиро ёдоварӣ карда, исбот менамояд, ки бо равишҳои мухталифи ҷаҳонбинии гуногун ошност [13, с. 8].

Ин ҳикоят воқиф будани муаллифро аз аксар улуми замонаш гувоҳӣ медиҳад. Ҳамчунин, ҳикояти мазкур моро ба хулосае меорад, ки донишандӯзӣ аз роҳҳои мавқеъ ёфтани инсон дар ҷомеа аст ва майл кардани донову нодон ба ҳикмати Сино новобаста аз сатҳи ҷаҳонбинӣ гувоҳӣ хоҳад дод, ки дар замони Носири Хусрав низ суиистифода шудани илм ва ашхоси оламшумул расм будааст.

Дар «Сафарнома» дар қатори уламову удабои номбаршуда аз аввал то охир симои худи Носири Хусрав чун хатти сурх бармало мегардад. Ӯ мушкилтарин лаҳзаҳои зиндагиро дар мисоли бархурди ҳастию нестӣ бо шарофати забондониаш, соҳиби илму маърифати амиқу ҳамаҷониба буданаш ва хунармандиаш паси сар менамояд.

Муаллиф зимни васфи шаҳрҳою давлатҳо бештар ба маводи таърихӣ такя намуда, тасвирҳои худро бо далоили таърихии ин ё он мавзеъ собит месозад. Бинобар ин, ақидае пайдо мешавад, ки тибқи он ё донишҳои таърихию ҷуғрофии муаллиф бағоят тасхиркунандаанд, ё нақли дигарон, ки васфи шаҳрҳоро анҷом додаанд, дуруст мебошад. Аммо ҳеҷ кас мутмаин нест, нақли ривоятӣ аз таҳриру таҳрифи инсонҳо барканор монда, то замони нависанда дар шакли дуруст омада расидааст. Ҷаҳонгардии Носири Хусрав иборат аз он аст, ки нақлу ҳикоятҳои шунидааш бештар вижагиҳои ҳақиқӣ доранд ва аз эҳтимол дур нест, ки сароғози ҳикоятҳо ва нақлҳо бо ривояти одамон офаридаи муаллиф бошанд.

Аз «Сафарнома» ҳувайдост, ки Носири Хусрав тарафдори ҳамзистии осоиштаи ҳамаи миллатҳо ва кулли намояндагони динҳо ва нумуи мусовии ҳамаи забонҳост. Зимни баррасии аҳволи масеҳиён мегӯяд: «Тарсоёнро ба Байтулмуқаддас калисоест, ки онро Байтатулқумомо гӯянд ва онро азим бузург доранд ва ҳар сол аз Рум халоиқ бисёр он ҷо оянд ба зиёрат» [13, с. 41].

Дар «Сафарнома» мавзеъ ишора мегардад, ки воқеияти қиссаи машҳури «Лайлӣ ва Маҷнун»-ро собит месозад: «Аз Тоиф бирафтем ва кӯҳу шикастагӣ буд, ки мерафтем ва ҳар ҷо ҳисоракҳо ва деҳакҳо буд ва дар шикастаҳо ҳисораке хароб ба ман намуданд. Аъроб гуфтанд, ки хонаи Лайлӣ будааст ва қиссаи эшон аҷиб аст» [13, с. 85].

Ӯ мушкилтарин лаҳзаҳои зиндагиро, ки гоҳо ҳаёташ чун ашки сари мижгон зери хатар буд, бо шарофати забондониаш, соҳиби илму маърифати амиқу ҳамаҷониба буданаш ва ҳунармандиаш паси сар менамояд. Тавре ки адиб ёдовар мешавад: «Ва ман бад-ин фалаҷ чаҳор моҳ бимондам, ба ҳолате ки аз он

саъбтар набошад ва ҳеҷ чиз аз дунёвӣ бо ман набуд, илло ду саллаи китоб» [13, с. 87].

Ба ин монанд ҳикояҳои судманд дар «Сафарнома» бисёр вомехуранд ва дар оғози китоб мусанниф зимни хориҷ шудан аз шаҳри Нишопур ва қарор доштан дар шаҳри Симнон талабгори аҳли илм буданашро ба қалам оварда, бо ҳидояти сокинон бо Алии Нисоӣ ҳамсуҳбат мешавад. Нависанда ин лаҳзаро бо сабку шеваи олӣ инъикос мекунад ва он тасвирро меорем, ки бо маҳорати баланду забони сода баён ёфтааст: «Марде ҷавон буд, сухан ба забони порсӣ ҳамегуфт, ба забони аҳли Дайлам ва мӯйкушода, ҷамъе пеши вай ҳозир, гурӯҳе Уқлидус мехонданд ва гурӯҳе тиб ва гурӯҳе ҳисоб. Дар аснои сухан мегуфт, ки бар устод Абуалӣ Сино раҳмату-л-лоҳи алайҳ чунин хондам ва чунин шунидам. Ҳамоно ғарази вай он буд, то ман бидонам, ки ӯ шогирди Абуалӣ Синост. Чун бо эшон дар баҳс шудам, ӯ гуфт: «Ман чизе сипоҳона донам ва ҳавас дорам, ки чизе аз ҳисоб бихонам». Аҷаб доштам ва берун омадам, гуфтам: «Чун чизе намедонад, чӣ ба дигаре омӯзад» [13, с. 9].

Аз ин суҳбат маълум мешавад, ки донотарошӣ ва суиистифода аз бузургони илму дониш дар замони Носири Хусрав низ маъмул будааст.

Ба ҳамин монанд андешаронихо дар замони муосир рушд мекунад ва ҳамаи ин баҳсҳои беҳуда ноогоҳист ва нишона аз заъфи маънавӣ маҳсуб мешавад. Масалан, байни оммаи васеъ ин ақида маъмул гардидааст, ки бузургони таърих дар куҷо ва дар кадом мавзеъ мадфунанд. Бархе Алиро ба Балх овардаанд, бархе Увайси Қараниро дар Ховалинг оромгоҳ сохтаанд ва ба ҳамин монанд баҳсҳои ривоятӣ бисёранд.

Шоҳ Носири Хусрав, ки ба нимҷазираи Арабистон сафари тулонӣ дошт, дар «Сафарнома» ҷиҳати зиёрат ва муайян намудани мавзеи мадфун будани бузургони таърихро инъикос менамояд, аммо аҷиб ин аст, ки он замон ҳам чунин хаёлпардозӣ ва бовар кардани шунидаҳо ба мардумон хос будааст: «Ба ҷое расидем, ки он ҷо масҷиде буд, мегуфтанд, ки Увайси Қаранӣ сохтааст» [13, с.12].

Дар «Сафарнома»-и Носири Хусрав номҳои аксар инсонҳои бузарг дарҷ гардидаанд ва мусаннифи китоб дар куҷо мадфун будани онҳоро қайд мекунад. Носири Хусрав зимни хориҷ шудан аз шаҳри Ҳалаб ба мавзеъе раҳсипор мешавад, ки сокинонаш кишоварзанд ва он ҷо «дарахтони анҷир ва зайтун ва пиставу бодом ва ангур фаровон аст» [13, с.16].

Аммо донишмандро дар ин мавзеъ фарде бар худ мутаваҷҷеҳ месозад, ки номаш Абулаъло  ал-Мааррӣ аст ва номбурда, ба қавли мусаннифи китоб, нобиное будааст, ки неъматҳову бандагони бисёреро дар ихтиёр дошта, пешаи тақво гузидааст. Далелхое, ки Носри Хусрав  роҷеъ ба  адиби нобинои араб Абулаъло ал Маарӣ дар вақти сафари Миср   зикр кардааст, арзиши баланди илмӣ дорад.

Сараввал, ӯ оид ба саховатпешагию раиятпарварӣ ва хоксории Абулаъло ал-Мааррӣ ҳикоят мекунад. Сипас, фазилати ӯро сифат карда,  аз «Ал-фусул в-ал-ғоёт» ном асари адиб ва аз мавҷудияти зиёда аз сад ҳазор байти ашъораш хабар медиҳад. Носири Хусрав ӯро васф намуда, ҷиҳати ғайбати мардум дар нисбаташ чунин мегӯяд: «Афозили Шому Мағриб ва Ироқ муқирранд, ки дар ин аср касе ба пояи ӯ набудааст ва нест. Ва китобе сохта онро «Ал-фусул в-ал-ғоёт» ном ниҳода ва суханҳо овардааст, links мармуз ва масалҳо ба алфози фасеҳ ва аҷиб, ки мардум бар он воқиф намешаванд, магар бар баъзе андак ва он касе низ ки бар вай хонад, чунонки ӯро туҳмат кардаанд, ки ту ин китобро ба муоризаи Қуръон кардаӣ. Ва пайваста зиёдат аз дувист кас аз атроф омада бошанд ва пеши ӯ адаб ва шеър хонанд ва шунидам, ки ӯро зиёдат аз сад ҳазор байт шеър бошад» [13, с.16].

Таваҷҷуҳи нигорандаи «Сафарнома» ба аҳли илму фарҳанг ва тамаддун бештар мушоҳида шуда, муаллиф зимни ҳикоят аз онҳо эҳтироми хешро ба аҳли қалам ошкор месозад. Масалан, муколамае дар рисола анҷом медиҳад, ки мутолиакунандаро зуд мутаваҷҷеҳ месозад. Ин муколама дар пояи илми нуҷум анҷом ёфтааст ва имрӯз низ аз эътимод холӣ нест. Инак он муколамаро меорем: «Ба Қоин марде дидам, ки ӯро Абумансур Муҳаммад ибни Дӯст мегуфтанд, аз ҳар илме бохабар буд: аз тиб ва нуҷум ва мантиқ. Чизе аз ман пурсид, ки чӣ гӯӣ

беруни ин афлок ва анҷум чист? Гуфтам: «Номи чиз бар он афтад, ки дохили ин афлок аст ва бар дигар на». Гуфт: «Чӣ гӯӣ берун аз ин гунбадҳо маънӣ аст ё на?». Гуфтам: «Чора нест, ки олам маҳдуд аст ва ҳадди ӯ фалак-ул-афлок ва ҳад онро гӯянд, ки аз ҷуз ӯ ҷудо бошад ва чун ин ҳол дониста шуд воҷиб кунад, ки беруни афлок на чун андарун бошад». Гуфт: «Пас он маъниро, ки ақл исбот мекунад, ниҳоят ҳаст аз он ҷониб? Агар ниҳоят ҳаст, то куҷост? Ва агар ниҳоят нест, номутаноҳӣ чигуна фано пазирад?». Ва аз ин шева сухане чанд мерафт ва гуфт: «Бисёр таҳайюр дар ин хӯрдаам». Гуфтам: «Кӣ нахӯрдааст?» [13, с.103].

Ин муколама аз он гувоҳӣ медиҳад, ки мусаннифи «Сафарнома» аз суҳбати хос бо уламо ва удабои ин сарзамин хушнуд аст ва мехоҳад одамони гӯшаву канори сайёра аз илм бохабар шуда, дар таъини сарнавишт ихтиёр дошта бошанд. Гузашта аз ин, таваҷҷуҳ доштани мавсуф ба баҳсҳои маънавӣ ӯро илҳом бахшида, ҷиҳати нигориши «Сафарнома» кӯмак мекардааст. Гузашта аз ин, Носири Хусрав андар «Сафарнома» аз ҳоли афроде низ нақл намудааст, ки бинобар дӯстӣ ва рафоқат байни якдигар дар лаҳзаҳои нохуше зимни сафари ҳафтсола ӯро кӯмак ва дастгирӣ намудаанд.

Ба қавли мусанниф, ҳангоми дар шаҳри Меҳрубон қарор доштанаш бинобар ноамнии муҳит ба нафаре бо номи шайх Садид Муҳаммад ибни Абдулмалик мурочиат карда, аз ӯ кӯмак хостааст ва ин нидои ӯ дарҳол шунида шуда, ӯро бо дастури шайх аз он мавзеъ ихроҷ менамоянд. Дар ин маврид менависад: «Азбаски аз мақом дар он шаҳр малул шуда будам, руқъае навиштам бад-ӯ ва аҳволи худ эълон намудам ва илтимос кардам, ки маро аз ин шаҳр ба мавзеъе расонад, ки эмин бошад. Чун руқъа бифиристодам, рӯзи сеюм сӣ марди пиёда дидам ҳама бо силоҳ, ба наздики ман омаданд ва гуфтанд: «Моро шайх фиристодааст, то дар хидмати ту ба Арғон равем» ва моро ба дилдорӣ ба Арғон бурданд» [13, с. 98].

Зимни тасвири зиндагии мусаннифи китоб, дар Арғон яке аз вижагиҳои асосии шаҳр баррасӣ мешавад ва ба қавли Носири Хусрав, ин хусусияти хосси Арғон ҳузури мазоҳиби гуногун аст. Ҳатто мубоҳисаи худро бо яке аз уламои муътазила тасвир намуда, зимни баёни фикр чунин мегӯяд: «Ва дар он ҷо аз

ағлаб мазоҳиб мардум буданд ва муътазиларо имоме буд, ки ӯро Абусаиди Басрӣ мегуфтанд, марде фасеҳ буд ва андар ҳандаса ва ҳисоб даъвӣ кардем ва маро бо ӯ баҳс афтод ва аз якдигар суолҳо кардем ва ҷавобҳо кардем, гуфтем ва шунидем дар калом ва ҳисоб ва ғайраҳу» [13, с. 99].

Чунин тарзи фикрронӣ ва муносибат бо инсонҳои бархурдор аз илму ҳунар новобаста аз намояндагии онҳо ба қишр, дин, мазҳаб ва миллат гувоҳӣ медиҳанд, ки дар асар дидгоҳҳои мазҳабӣ ва миллӣ набуда, таассуб ва эҳсоси бадбинӣ мушоҳида намешаванд. Фақат интиқод ва васфҳое, ки дар «Сафарнома» ба назар мерасанд, аз ғараз ва ҳасосият маҳрум буда, дар заминаи воқеият ба қалам омадаанд.

Дар «Сафарнома» ҳикояти мунозираи мусанниф бо афроди донишманд аз аввал то анҷоми китоб мушоҳида мешавад. Шояд яке аз омилҳои беш аз пеш баён ёфтани чунин муколамаҳо сатҳи ҷаҳонбиниест, ки муаллиф дорад ва он замон бегуфтугӯ Носири Хусрави Қубодиёнӣ соҳибшуҳрат гардида буд. Дар оғози рисола ин тасвирро мехонем, ки илтифоти мусаннифро ба илм ва илмдорон меафзояд: «Дар Шамирон марде нек дидам, аз Дарбанд буд, номаш Абулфазл Халифа ибни Алӣ ал-файласуф, марде аҳл буд ва бо мо кароматҳо кард ва карамҳо намуд ва бо ҳам баҳсҳо кардем ва дӯстӣ афтод миёни мо» [13, с.10].

Диданиҳою шуниданиҳои мусанниф ба инсонҳои касбу кори гуногун ин нигоҳро боз ҳам мусаллам месозад, ки неруи инсонӣ дар ҳар мавзеъ ва дар ниҳоди ҳар миллате вуҷуд дорад ва ҳамчунин, зулму ҷабр низ макони хос надошта, дар тамоми ҷаҳон парокандаанд. Бинобар ин, донишманди тоҷик дар «Сафарнома» ҳар лаҳза ин ақидаро изҳор намуда, мутмаин аст, ки дар миёни афрод бартарӣ танҳо дар ақл мебошад ва фарде, ки боақл аст, ҳамаҷониба рушд мекунад. Носири Хусравро  дар сафари бародараш ҳамраҳӣ мекард.

Дар «Сафарнома» яке аз афроди зикргардида бародараш маҳсуб мешавад. Масалан, ҳангоми тангдастӣ ва нотавонӣ мусанниф бародар ва ғуломи ҳиндуро ёдоварӣ кардааст: «Ман бо бародарам ва ғуломаке ҳинду, ки бо мо буд, зоде андак доштем» [13, с. 9].

Боз дар анҷоми рисола мусанниф аз бародари дигари хеш нақл мекунад, ки Абулфатҳ Абдулҷалил ном дошта, нукарони хешро дастур додааст, то онҳо аз шахсони ҳаҷрафта аз бародаронам суол кунед. Шояд онҳо аз аҳволи онҳо бохабар бошанд, лекин чун аз Носир ӯро мепурсанд, оқибат иқрор мекунад: «Мо номаи Носир овардаем, чун хоҷаи ту бирасад бад-ӯ бидиҳем» [13, с.104].

Носири Хусрав ҳамчун фарзанди замони худ, ки аз маҳдудиятҳои фикрӣ ва таърихи холӣ набуд, вале бо вуҷуди он тавонистааст, ки аз ашхоси зиёде ва аз тарзи фикрронию зиндагии хосси онҳо ба ояндагон хабар диҳад. Тарзи офаридани персонажҳо ва санъати нақшофаринӣ дар «Сафарнома» аз он далолат мекунад, ки нависанда дидгоҳи бағоят муносибро нисбат ба ҷомеа ва фарҳанги сукунати аҳолӣ соҳиб аст.

Бинобар ин, персонажҳои Носири Хусрав дар «Сафарнома» ашхоси гуногун ҳастанд, ки мансубияти қавмию нажодии онҳо бо дарназардошти вазъи иҷтимоӣ мухталиф буда, тарзи тафаккур ва сатҳи ҷаҳонбиниашон низ аз якдигар мутафовит аст. Масалан, нависанда аз пири куҳансоли араб ҳарф мезанад, ки ба ӯ мурочиат карда, хостааст, ки ӯро Қуръон омӯзад. Дигар шоире, ки нависанда бо ӯ дар Табрез вомехӯрад ва аз ин дидор бо таассуроти басе қонеъкунанда ҳикоят кардааст.

Дигар навбат гурӯҳи ғоратгарону дуздоне ҳастанд, ки зоиронро дунболгирӣ кардаанд ва нависанда дар мавриди онҳо бо ҳасосият нақл кардааст. Аз ин хотир, дар ҳар як ҷомеае, ки нависанда он ҷо будааст, маҳзунию хушҳолӣ ва манфию мусбат мушоҳида шуда, анъанаҳои фарҳангии ҳаммонанд аз ҷониби нависанда мавриди пажуҳиш қарор гирифтааст.

Ин далелҳо ва маълумотномаи Носири Хусрав гувоҳӣ медиҳад, ки ҳар ҷомеа бо дарназардошти вижагиҳои хос пазируфта хоҳад шуд, чунки дар онҳо фарҳанги муайяне тасаллут дошта, тарзи зисту зиндагии гуногунро нишон медиҳад. Масалан, саҳронишинии ақвом, ки дар нимҷазираи Арабистон ва кишварҳои қитъаи Африқо иқомат карда, тарзи ҳаёти бадавиро аз муқимнишинӣ авлотар дидаанд. Ё худ, талоши одамон дар дилхоҳ ҷомеа ҷиҳати беҳтар сохтани шароити зисту зиндагонии инфиродӣ.

Воқеан ҳам нависанда дар «Сафарнома» аз қавме ҳикоят менамояд, ки ҷиҳати беҳтар зистан иқдоме содир накарда, фақат ба нӯшидани шир қонеъ мешаванд. Чунин инсонҳо дар замони мо низ вомехуранд ва метавон дар ин замина хулоса кард, ки аҳли дилхоҳ ҷомеа ба гурӯҳи сахткӯшон ва танбалон ҷудо мегарданд.

Носири Хусрав бо дарназардошти таълифи рисолае ҷиҳати тасвири сафари худ роҳҳои рафъи мушкилиро пешниҳод менамояд. Ӯ аз тамаддунҳои муосир ба хеш ва гузашта воқиф аст, ҳамчунин, камобии минтақаро асли мушкилиҳои нимҷазира маҳсуб медонад. Гузашта аз ин, мавсуф бо инъикос намудани интиқоли об аз як мавзеъ ба мавзеи дигар исбот менамояд, ки рафъи камобӣ бо истифода аз илмҳои дақиқ имконпазир аст. Нависанда бартарафсозии мушкилоти гуногунро дар илму фан дида, олимонро эҳтиром менамояд ва як омили мунозираҳояш бо уламову удабои ин минтақа нақши ақлу тафаккур дар рушди ҳамаҷонибаи ҷомеаи инсонӣ мебошад.

Шояд ҷаҳонбинии нависанда басе болотар аз муосирони ӯ қарор доштву мавсуф ҷомеаро ба таври дигар мехост бубинад, аммо арзи мусаннифи китоб ҷиҳати дигаргун сохтани мафкураи инсон бештар ба ихтиёр майл мекунад. Омили аслии рӯ ниҳодани нависанда ба сафари тулонӣ ҳамин норозигии ӯст, аммо ақли салим ҳеҷ гоҳ даъват нахоҳад кард, ки инсон ҳаёти хешро аз гувороии он ба сарсонӣ иваз намояд. Лекин нависанда, ки ҳувияти миллии басе тақвиятёфта дошт, дигар нахост дар дарбори аҷнабӣ фаъолият кунад.

Мо дар осору зиндагиномаи Носири Хусрав сатҳи тақвиятёфтаи ҳувияти фарҳангиро мушоҳида карда, хоҳ-нохоҳ ба суолҳои пайҳам рӯ меорем: Чаро Носири Хусрав «Сафарнома»-ро бо наср навишт? Ё худ, чӣ омил буд, ки мусанниф ин асарро бо забони адабии тоҷикӣ навишт? Гузашта аз ин, дар «Сафарнома» бештар мардуми араб инъикос шуда, фарҳанги онҳо баррасӣ мешавад ва муаллиф бинобар мавқеи ин минтақа имкони фаровон дошт, ки асарро бо забони арабӣ нависад. Агар саҳеҳтар мулоҳиза намоем, пас муайян мегардад, ки ҳадафи мусаннифи китоб бо фарҳанги аҷнабӣ воқиф намудани мардуми Хуросону Вароруд мебошад ва баъзе мулоҳизаҳои бузургтарин

ҷомеашиноси араб Ибни Халдунро Носири Хусрави Қубодиёнӣ қаблан дар «Сафарнома» матраҳ намудааст.

Тибқи андешаи мутафаккири араб Ибни Халдун, саҳронишинӣ ва ҳаёти бадавӣ аз шаҳрнишинӣ ва тамаддун муқаддам аст, вале бодиянишин агар орзу дорад, ки шаҳрнишин гашта, аз тамаддун воқиф шавад, аммо алорағми ӯ шаҳрнишин дар ҳеҷ сурат намехоҳад ба бодиянишинӣ баргардад, чунки марҳилаи иқомат ва фаъолияти иҷтимоии ӯ чандин маротиб дар рушду тараққӣ аз низоми бодиянишинӣ мутафовит буда, аз авомили пайдоиши вижагиҳои махсуси фарҳангӣ маҳсуб мешавад.

Илова бар ин, Ибни Халдун муътақид аст, ки майл ба дунявият низ маҳсули тамаддун ва шаҳрнишинист, аммо ҳаёти бадавӣ инзиворо эҷод мекунад. Ибни Халдун ҷиҳати тафовут байни ду тарзи зиндагӣ ба таҳқиқ пардохта, оқибат ба хулосае меояд, ки башар аз табиати худ канор рафта, тобеъ аз одоту маънавиёти хеш қарор мегирад: «Инсон сохта ва фарзанди одоту маънавиёти худ мебошад, на фарзанди табиату мизоҷи хеш» [57, с. 307].

Ба пиндори номбурда, афроди соҳибтамаддун мисли чаҳорпоёни ромгардида ҳастанд ва чун бадавии ваҳшӣ ба шаҳрнишинӣ хӯ гирад, монанд ба ҳамон сутуроне хоҳад шуд, ки башар онҳоро хонагӣ кардааст. Тозагии дигар, ки дар андешаҳои Ибни Халдун мушоҳида мешаванд, аз лаёқати ирсии миллатҳо дар умури идораи давлат мебошад ва муаллифи «Муқаддима» муътақид аст, ки барои тозиён кишвардорӣ фақат ба шеваи динӣ аз қабили паёмбарӣ ҳосил мешавад, аммо тоҷикон агар кишвардориро бо усули дину вижагиҳои мазҳабӣ роҳандозӣ кунанд, ба нокомиҳо мубтало хоҳанд шуд ва ин омилро мо дар гузашта ва имрӯзи тоҷикон мушоҳида мекунем, чунки онҳо аз аҳди бостон ба авомили дунявӣ мусоидат доштанд ва агар дар кишвардории онҳо андаке гироиш ба аҳкоми динӣ содир гардад, бегуфтугӯ қудратро бо ду дасти адаб ба ғайри худ вомегузоранд ва он одат ҳанӯз аз замони Исмоили Сомонӣ побарҷост.

Носири Хусрав дар «Сафарнома» бо баён намудани ҳақиқати авзои аҳволи араб ва соири мардумони нимҷазираи Арабистон фарҳанги ба араб хосси

бадавиро инъикос намуда, аз он норохат намешавад, ки табиати ин минтақа чунин фарҳанги бадавиро тавлид карда, бо он созгор мебошад.

Сотим Улугзода дар баррасии ин масъала зикр менамояд: «Вай ҳамчун «сайёҳ ва донишманди аҷамӣ» бо намояндагони калони тоифаи фотимиён шинос мешавад ва ба воситаи онҳо ба дарбори султон ҳам наздикӣ пайдо мекунад»[139, с. 89-93].

Сотим Улуғзода зикр мекунад, ки «Халифаи фотимӣ Ал-Мустансир ба Носири Хисрав мартабаи баланд медиҳад ва ӯро ба сифати доӣ (номи ташвиқотчиёни Фотимин) ба Хуросон мефиристад» [139, с. 89-93].

Бояд мутазаккир шуд, ки ошноии Носири Хусрав бо намоди зиндагӣ ва сатҳи кайфияти фарҳангии одамон дар минтақаҳои сафаркардааш фақат ягона омили нависандагии «Сафарнома» нест, балки муаллифи асар ҳар куҷо, ки сафар мекард, дар дафтарчае чигунагии авзоъ ва аҳволи он минтақаро менавишт ва аз мавҷудияти он дафтар худи муаллиф низ ёдоварӣ кардааст. бинобар ин, ҳунари нависандагии Носири Хусрав қабл аз мусофирати ӯ аён буд ва номбурда дар дарбори Салҷуқиён яке аз вазифаҳои асосиро адо мекард.

Боиси зикр аст, ки проблемаи шахсият бо проблемаи муносибати муаллиф ва персонажхои асари бадеӣ алокаманд аст. Тамоми хислатхои шахсии персонажҳо инъикоси шахсияти муаллифи онҳо даниста мешавад. Дар “Сафарнома” дар тамоми маврид амалишавии образи муаллиф ягона аст ва онро афкори ботинии навсанда мунаввар месозад, ки ин дар навбати худ натиҷаи таљрибаи зиндагии Носири Хусрав ба шумор меравад. Ин аст, ки аксари муҳаққиқон ҳангоми таҳқиқи аҳволи Носир Хусрав ба “Сафарнома” таваҷҷуҳ менамоянд ва қаҳрамонони ӯ аксаран ҳамзамоно ва ё ҳамсуҳбатони нависанда ҳастанд. Тафаккури фалсафие, ки Носири Хусрав дар бораи шахсияти кахрамонхо асоснок кардааст, ба хонандаи нуктасанҷ хеле наздик аст.

Аз баррасиҳои масъалаҳои **дар боби сеюм** суратгирифта метавон ба чунин **хулосаҳо** расид:

1. «Сафарнома» асари бадеӣ-публисистӣ буда, насри онро хосси насри мустанад ҳисобида бошанд ҳам, аммо як насри соддаи бадеӣ низ дониста мешавад. Чеҳраҳои фарҳангӣ дар «Сафарнома» ашхоси воқеӣ ҳастанд.

2. «Сафарнома» бо хусусияти хосси тасвирофарӣ ва таъсирпазирӣ аҳаммияти илмӣ ва адабӣ дошта, воқеияти зиндагӣ дар он ба риштаи қалам кашида шудааст.

3. «Сафарнома» аҳаммияти ҷуғрофӣ ва таърихӣ дорад, ки дар он маълумоти басе камназири ҷуғрофӣ оварда шудааст ва олимони гуногунсоҳа метавонанд аз ин сарчашмаи нодир васеъ истифода кунанд.

# ХУЛОСА

«Сафарнома» бо вуҷуди бо забони сода иншо гардидан паҳлуҳои зиёди ниёздошта ба пажуҳиши илмиро дар бар мегирад. Ин асар  хусусияти бадеиро фаро гирифтааст ва баҳсу мулоҳизаҳо атрофи нусхаи аслии он ҳанӯз ҳам мубрам аст. Омӯзиш ва таҳлилу таҳқиқи «Сафарнома»-и Носири Хусрави Қубодиёнӣ ба ҳайси осори бадеӣ-публисистии асри XI дар адабиёти форсу тоҷик моро ба чунин хулосаҳо овард:

1. Қадимтарин нусхаҳои маъруфи «Сафарнома»-и Носири Хусрав танҳо ду нусхаест, ки дар Китобхонаи миллии шаҳри Париж нигоҳ дошта мешаванд. Нусха ба хатти настаълиқ, ки аз 197 саҳифа  иборат мебошад, дар соли 1294 ҳиҷрии қамарӣ (1877 м.) навишта шудааст. Ҳама сафарномаҳои мавҷуда ва тарҷумаҳои онҳо камбудиҳое доранд, ки аз набуди нусхаи дақиқ ё куҳна ва ё истифода набурдани усули якхела маълум мегардад [3-М; 7-М].

2. Таҳиягарони «Сафарнома» бештар дар чунин мавридҳо ба ғалатхонии матн роҳ додаанд: иштибоҳ дар номи ашхос, ноогоҳӣ  аз шеваи имло ва сарфу наҳви забони тоҷикӣ, бемасъулиятӣ ҳангоми таҳия ва дигар мушкилҳо дар вақти  баргардонии асар аз расмулхати ниёгон ба алифбои кириллӣ [7-М].

3. Асарҳои воқеӣ, ки шумораашон дар адабиёти форсу тоҷик  кам нестанд, пеш аз ҳама, баёнгари аҳволи мардум мебошанд. Аксари онҳо  барои хонандаи имрӯз метавонад ҳамчун  воситаи қиёси ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ ва пайдо намудани як  фазои муайяни асрҳои қаблӣ бо дарназардошти проблемаҳои муҳимтарини ақвоми Шарқ хидмат расонанд. Дар ин гуна асарҳо тасвири мавзеҳои гуногун, аҳволи табақоти иҷтимоӣ, вазъи сиёсӣ ва дигар масъалаҳои  умдатарини ҷомеа  муфассал  ифода ёфтааст [2-М].

4. «Сафарнома»-и Носири Хусрави Қубодиёнӣ гузориши як сафари ҳафтсола аст. Ин сафар аз Марв оғоз шуда, бо бозгашт ба Балх анҷом ёфтааст. Аммо бардошти ҳар як хонанда ҷаҳони маъниро фарогир буда, яке аз роҳҳои ошноӣ бо фарҳанг ва тамаддуни он қавмҳое мебошад, ки расму оини онҳоро Носири Хусрав зимни сафари ҳафтсолааш мавриди баррасӣ қарор додааст. Аз

ин дидгоҳ маълум мешавад, ки дар «Сафарнома» якчанд тамаддунҳои таърихӣ бо ҷузъу томи хеш инъикос шудаанд: 1. Тамаддуни Миср, ки аксар фарҳангшиносон онро аз зумраи 5 тамаддуни аслӣ медонанд; 2. Тамаддуни Байнаннаҳрайн, ки ғолибан, бо эҷоди се дини тавҳидӣ хос буда, низоми фарҳангии яҳудиёнро баррасӣ мекунад; 3. Тамаддуни араб, ки бештар бо паҳлуҳои исломӣ муаррифӣ мешавад [1-М; 2-М; 6-М].

5. Санаду далелҳои воқеӣ «Сафарнома»-ро ба насри мустанад шомил намудааст. «Сафарнома» аз беҳтарин ва пурарзиштарин асарҳои адабии мутафаккири тоҷик Носири Хусрави Қубодиёнӣ мебошад, ки онро яке аз сарчашмаҳои нодиртарини наср номида, сабки онро «латифтарин» ва «равонтарину саҳлтарин» гуфтаанд. Гузашта аз ин, асари бадеӣ аз публитсистӣ аз лиҳози сифат тафовут дорад, зеро дар публитсистика муъҷазбаёнӣ ва якрангии забон, санад, таҳқиқоти ҳаводиси ҷомеа, таҳлили сиёсати дунё, андешаҳои сиёсӣ тавассути сухани бадеъ ва тасвирсозӣ ба назар мерасад. Муҳтавои «Сафарнома» дар асоси хронологияи саёҳати нависанда мураттаб гардидааст [3-М; 4-М].

6. «Сафарнома» бо хусусияти хосси тасвирофарӣ ва таъсирпазирӣ аҳаммияти илмӣ ва адабӣ дошта, дар он воқеияти зиндагии мардуми гуногункеш инъикос шудааст. Дар он муаллиф мушоҳидаҳояшро бо тафсил, бо ҳолати руҳӣ, нафрату ҳаяҷон ба хонанда мерасонад ва ӯ дар шахси аввал ифода ёфтааст. Образи муаллиф аз ҷониби худи ӯ хеле барҷаста тасври ёфтааст. Баъзан Носири Хусрав аз номи дигарон ҳикояти ҷолиберо меорад ва бо ҳамин муносибати дигаронро бо худ ошкор менамояд. Чунин шакли баён асосан барои ҷудо намудани иштироки худи муаллиф дар ин ё он ҳодиса ва ё ин ки барои исботи фикраш ба хонанда инъикос мегардад [1-М; 4-М; 6-М].

7. «Сафарнома»-и Носири Хусрав бо вижагиҳои услубӣ аз дигар осори насрии нависанда фарқ мекунад, ки бар хилофи он бо услуби хоси даврони Ғазнавӣ ва Салҷуқӣ навишта шудааст. Асар дар даврае таълиф шудааст, ки давлати Сомониён дигар вуҷуд надошт ва ҳукмронӣ дар қаламрави ин давлат ба дасти қабилаҳои гуногуни турк гузашт. Персонажҳои «Сафарнома» ашхоси

воқеӣ ва муосирони нависанда мебошанд. Носири Хусрав дар «Сафарнома» нахуст омили мусофираташро баён намуда, сипас ба шарҳи сафарҳояш оғоз менамояд [6-М].

8. «Сафарнома» сюжаи ягона надорад ва маълумоту хотироти сафар дар асар мувофиқи тартиби санаҳои ба шаҳру вилояте расидани муаллиф пайиҳам ҷойгир карда шудаанд. Ҳар як фасле дар «Сафарнома» бо ишораи мақсаде оғоз ёфта, ҷамъбасти он бо хулосаи муҳимме ба поён мерасад [2-М; 3-М].

9. Дар «Сафарнома»-и Носири Хусрав ҳар як ҳикоя ровие дорад, ки воқеаҳоро нақл мекунад. Яъне, ҳар як воқеа аз дидгоҳи ровӣ (шахси якум ё дуюм) гуфта мешавад. Дар нақли олами достонҳои параллелӣ як қаҳрамони бадеӣ ду нақшро ба дӯш мегирад: аз як тараф, ҳамчун ровӣ (шахсияти ртвояткунанда) вазифаи нақл кардани воқеаро ба зимма дорад ва аз тарафи дигар, чун ҳунарманд барои иҷрои нақш дар қисса ҷавобгар аст. Дар «Сафарнома»-и Носири Хусрав баёни андеша ва воқеаҳо аз ҷониби муаллиф бо як тартиби муайяни мантиқӣ ва ҳифзи хронологияи таърихӣ ба анҷом расидаст. «Сафарнома»-и Носири Хусрав дар тули ҳафт соли сафар ва боздид аз 134 шаҳру русто навишта шуда, то кунун арзиши бадеӣ-публисистии хешро доро мебошад. Носири Хусрав дар сартосари «Сафарнома» аз фарҳангу тамаддуни кишварҳои мухталиф ёдоварӣ менамояд ва дар китоб ҷуз зикри ҳақиқати қавмҳову қабилаҳои мухталиф ва расму оини онҳо қаноат намуда, кӯшидааст ҳарфе аз худ бинобар ғаразу манфиат нагӯяд. Аз ҳамин хотир, «Сафарнома»-и Носири Хусрав китоби нодир ва воқеӣ дониста шудааст [2-М; 4-М; 5-М].

10. Дар «Сафарнома» муаллиф мушоҳидаҳояшро бо тафсил, бо ҳолати руҳӣ, нафрату ҳаяҷон ба хонанда мерасонад ва ӯ дар шахси аввал ифода ёфтааст. Образи муаллиф аз ҷониби худи ӯ хеле барҷаста тасвир ёфтааст. Баъзан Носири Хусрав аз номи дигарон ҳикояти ҷолиберо меорад ва бо ҳамин муносибати дигаронро бо худ ошкор менамояд. Чунин шакли баён асосан барои ҷудо намудани иштироки худи муаллиф дар ин ё он ҳодиса ва ё ин ки барои исботи фикраш ба хонанда инъикос мегардад. [5-М].

11. Ҳангоми мушаххас намудани мавқеи санъатҳои бадеӣ ва хусусиятҳои бадеию услубии «Сафарнома» нуктапазирии нависанда дар иншои як асари муъҷази воқеӣ муайян карда шуд [5-М].

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ

1. Матолиби диссертатсия дар оянда барои таҳқиқи густардаи масоили алоқаманд ба хусусиятҳои ғоявию бадеӣ дар насри сафарноманависӣ имкон фароҳам оварда метавонад.

2. Нуктаҳои назариеро, ки хулосаҳои пажуҳиш дар асоси он ҳосил шудаанд, метавон дар таҳқиқи масъалаҳои нусхашиносии «Сафарнома»-и Носири Хусрав мавриди истифода қарор дод.

3. Тавассути омӯзиши  хусусиятҳои ғоявию бадеии «Сафарнома» имкон дорад, ки ба  сабки умумӣ ва фардӣ дар насри адабиёти асри XI шиносоӣ пайдо намуд.

4. Маводи таҳқиқи мазкур дар пажуҳиши масъалаҳои дастурӣ, барои тайёр намудани монографияҳои соҳавӣ, таҳияи матни асарҳои мансури дар жанри «Сафарнома» навишташуда ва таълифи мақолаҳои илмӣ муфид ба ҳисоб мераванд.

5. Натиҷаҳои бадастомада дар таҳияи дастури назарӣ барои таҳқиқи насри классикии асри XI ва мантншиносии он метавонанд ба кор оянд.

## РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

### I. Сарчашмаҳо:


1. Рӯдакӣ, Абуабдуллоҳ. Султони шоирон [Матн] / Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. – Душанбе: 2007. – 220 с.
2. Хусрав, Носир. Сафарнамэ: Книга путешествия. Пер. и вступ. статья Е.Э. Бертельса [Текст] / Носир Хусрав. – М. – Л.: Academia, 1953. – 210 с.
3. Хусрав, Носир. Мунозира бо Худо [Матн] / Носири Хусрав. – Душанбе: Ирфон, 1969. – 12 с.
4. Хусрав, Носир. Лаъли Бадахшон [Матн] / Носири Хусрав. – Душанбе: Нодир, 2003. – 328 с.
5. Хусрав, Носир. Куллиёт: Осори фалсафӣ ва динӣ [Матн] / Носири Хусрав. – Душанбе: Ирфон, 2003. – 948 с.
6. Хосров, Насир. Лирика / Сост. и вступ. статья И. Брагинского [Текст] / Насир Хосрав. – М.: Художественная литература, 1979. – 176 с.
7. Хусрав, Носир. Гулчине аз девони ашъор [Матн] / Носири Хусрав – Сталинабад: Гостаджиздат., 1957. – 179 с.
8. Хусрав, Носир. Рушноинома [Матн] / Носири Хусрав. – Хоруғ: Помир, 1992. – 34 с.
9. Хусрав, Носир. Ҷомеъ-ул-ҳикматайн [Матн] / Носири Хусрав. – Теҳрон,1953. – 362 с.
10. Хусрав, Носир. Сафарнома [Матн] / Носири Хусрав. − Теҳрон: 1375. – 400 с.
11. Хусрав, Носир. Стрела времени [Текст] / Носир Хусрав. – Душанбе, 1991. – 46 с.
12. Хусрав, Носир. Избранное [Текст] / Носир Хусрав. − Сталинабад: Нашрдавтоҷ., 1954. − 200 с.
13. Хусрав, Носир. Сафарнома [Матн] / Носири Хусрав. – Душанбе: Ирфон, 1970. – 118 с.
14 Хусрав, Носир. Куллиёт. Ҷ. 1 [Матн] / Носири Хусрав. – Душанбе: Ирфон, 1991. – 638 с.

15. Хусрав, Носир. Девони ашъор. Ҷ. 1 ва 2 / Носири Хусрав. – Душанбе, 2009. − 639 с.
16. Хусрав, Носир. Сафарнома, бо ҳавошӣ ва таълиқоти Муҳаммад Дабири Сиёқӣ [Матн] / Носири Хусрав. – Теҳрон, 1354. − 464 с.
17. Хусрав, Носир. Сафарнома [Матн] / Носири Хусрав. – Хуҷанд, 2003. – 227 с.
18. Хусрав, Носир. Сафарнома. Мураттиб ва муқаддима аз Суннатулло Ҷонбобоев [Матн] / Носири Хусрав. –Душанбе: Бухоро, 2014. – 284 с.
19. Хусрав, Носир. Куллиёт. Осори фалсафӣ ва динӣ. Зод-ул-мусофирин [Матн] / Носири Хусрав. – Душанбе: 2003. – 400 с.
20. Хусрав, Носир. Девон. Чопи дувум. Ба тасҳеҳи Муҷтабо Минуӣ ва Маҳдии Муҳаққиқ [Матн] / Носири Хусрав. – Теҳрон: 1407. – 551 с.
21. Хусрав, Носир. Сафарнома [Матн] / Носири Хусрав // Шарқи сурх. – 1940. – №1. – С. 115-128.
22. Хусрав, Носир. Сафарнома [Матн] / Носири Хусрав // Газетаи муаллимон. – 1939. – 1 сентябр.
23. Хусрав, Носир. Куллиёт. Ҷ. 1. Таҳия ва тадоруки А. Девонақулов ва дигарон [Матн] / Носири Хусрав. – Душанбе, 1991. – 636 с.
24. Хусрав, Носир. Девони ашъор / Носири Хусрав. – Душанбе: Адиб, 2010. – 480 с.
25. Сафӣ, Фахриддин Алӣ. Латоиф-ут-тавоиф [Матн] / Фахриддин Алии Сафӣ. – Душанбе: Адиб, 2011. – 334 с.
26. Ҷомӣ, Абдураҳмон. Баҳористон [Матн]/ Абдураҳмони Ҷомӣ. – Душанбе, 1987. – 160 с.
27. Шерозӣ, Ҳофиз. Куллиёт [Матн] / Ҳофизи Шерозӣ. – Душанбе: Ирфон, 1983. – 549 с.

## II. Адабиёти илмӣ:

28. Айнӣ, С. Намунаи адабиёти тоҷик [Матн] / С. Айнӣ. – Душанбе: Адиб, 2010. – 448 с.

29. Айнӣ, К. Айнӣ, С.  Аз мураттибон [Матн] / К. Айнӣ, С. Айнӣ // Хусрав, Носир. Сафарнома / Носири Хусрав. – Душанбе: Ирфон, 1970. – С. 5-6.
30. Алимардонов, А. Махзани пурқимати мероси маънавӣ [Матн] / А. Алимардонов // Фаслномаи илмӣ-фарҳангии «Ому», соли дувум, шумораҳои 2, 3, 4, 1380. – С. 239-241.
31. Алимардонов, А. Дахолати пайравони мазоҳиб дар «Сафарнома»-и Носири Хусрав [Матн] / А. Алимардонов // Номаи Пажуҳишгоҳ. – 2006. – № 4. –С. 111-124.
32. Алимардонов, А. Амиршоҳӣ, Н. Носири Хусрав – абармарди илму адаб, ихлосу амал ва ҷӯяндаи ҳақиқату хирад [Матн] / А. Алимардонов, Н. Амиршоҳӣ // Хусрав, Носир. Девони ашъор / Носири Хусрав. – Душанбе: Адиб, 2010. – С. 5-20.
33. Амонова, М. Н. Стилистические особенности лексики и морфологии «Сафарнаме» Носира Хусрава. Автореф. дисс. канд. филол. наук  [Текст] / М. Амонова. – Душанбе, 2016. – 26 с.
34. Арабзода, Н., Носири Хусрав [Матн] / Н. Арабзода. – Душанбе:  Маориф. 1994. – 176 с.
35. Арабзода, Н. Ҷаҳони андешаҳои Носири Хусрав [Матн] / Н. Арабзода. – Душанбе: Нодир, 2003. – 257 с.
36. Ашуров, Г. Философские взгляды Носира Хусрава [Текст] / Г. Ашуров – Душанбе, 1965. – 113 с.
37. Бахтин, М.М. Вопросы литературы и эстетике [Текст] / М.М. Бахтин. – М.: Художественная литература, 1975. – 500 с.
38.  Бахтин, М.М. К методологии гуманитарных наук [Текст] // Эстетика словесного творчества. Изд. 2-е / М.М. Бахтин. – М., 1986. – С. 381-393; С. 429-432.
39. Бертельс, Е.Э. Носир Хусрав и исмаилизм [Текст] / Е.Э. Бертельс. – М.: Изд. Вост. лит. 1959. – 289 с.
40. Бертельс, Е. Э. История персидско–таджикской литературы [Текст] / Е.Э. Бертельс. – М.: Изд. Вост. лит. 1960. – 556 с.

41. Бертельс, Е. Э. Вступление [Текст] / Е. Э. Бертельс // Насир-и Хусрау. Сафарнаме. Книга путешествия. – М.: Academia, 1933 [цитир. по: Восточная литература – Средневековые исторические источники Востока и Запада // Сетевая версия. – Thietmar, 2004].
42. Бертельс, Е.Э. Алфавитный каталог рукописей обнаруженных в Горно–Бадахшанской Автономной области экспедицией 1959-1963 гг. [Текст] / Е.Э. Бертельс. – М.: Наука, 1967.
43. Бозоров, Н. Сафарнома ҳамчун жанри публитсистика [Матн] / Н. Бозоров. – Душанбе: Пойтахт, 2014. – 184 с.
44. Богоутдинов, А.М. Очерки по истории таджикской философии [Текст] / А.М. Богоутдинов. – Сталинабад: Таджикгосиздат., 1961. – 332 с.
45. Брагинский, И.С. Иранское литературное наследие [Текст] / И.С. Брагинский. – М.: Изд. Восточной литературы, 1959. – 290 с.
46. Браун, Эдвард. Таърихи адабиёт дар Эрон. Аз Фирдавсӣ то Саъдӣ. Тарҷумаи Фатҳуллоҳ Муҷтабоӣ [Матн] / Э. Браун. – Теҳрон, 1373. – 464 с.; 2. – 326 с.
47. Бузургзода, Л. Искатель правды и справедливости Носира Хусрава [Текст] / Л. Бузургзода // Избранное. – Сталинабад, 1949. – С. 5-14.
48. Венгеров, М.П., Тимофеев, Л.И. Краткий словарь литературоведческих терминов [Текст] / М.П. Венгеров, Л.И. Тимофеев. – М., 1963.
49. Давлатшоҳи Самарқандӣ. Тазкират-уш-шуаро. Таҳияи Мухлиса Нуруллоева [Матн] / Самарқандӣ Давлатшоҳ. – Хуҷанд: Ношир, 2015.
50. Гарбунов, А.П. Поэтика публицистического текста [Текст] / А.П. Гарбунов. – М.: МГУ, 1978. –104 с.
51. Гуминский, В.М. Открытие мира, или путешествия и странники [Текст] / В.М. Гуминский. – М., 1987.
52. Ғафуров, Б. Таърихи мухтасари халқи тоҷик [Матн] / Б. Ғафуров. – Сталинобод, 1947.
53. Дафтарӣ, Фарҳод. Таърих ва ақоиди исмоилия. Тарҷумаи доктор Фаридуни Бадрай [Матн] / Ф. Дафтарӣ. – Теҳрон, 1375. – 947 с.

54. Дафтари, Фархад. Краткая история исмаилизма. Традиции мусульманской общины / Науч. ред. и предисл. О. Ф. Акимушкина; пер. с англ. Л. Р. Додыхудоевой, Л. Н. Додхудоевой [Текст] / Ф. Дафтари. – М.: Ладомир; 2003. – 274 с.
55. Девонақулов, А. Носири Хусрави Қубодиёнӣ [Матн] / А. Девонақулов // Хусрав, Носир. Мунтахаби осор. Ҷ. 1 / Носири Хусрав. – Душанбе: Ирфон, 1991. – С. 5- 22.
56. Додыхудоева, Л.Р. Рейснер, М.Л. Поэтический язык как средство проповеди: концепция Благого Слова в творчестве Насира Хусрава [Текст] / Л.Р. Додыхудоева, М.Л. Рейснер. – М.: Наталис, 2007.
57. Ибни Халдун. Муқаддима. Иборат аз ду ҷилд. Ҷилди 1 [Матн] / Ибни Халдун. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии тоҷик, - Душанбе, 2019. – 688 с.
58. Имомов, М. Сужет ва тасвир дар насри Садриддин Айнӣ [Матн] / М. Имомов. – Душанбе, 2007. – 370 с.
59. Забеҳуллоҳ, Сафо. Таърихи адабиёти Эрон [Матн] / Забеҳуллоҳи Сафо. – Душанбе, 2003. – С. 120-121.
60. Зарринкуб, А. Носири Хусрав – овораи Юмгон [Матн] / А. Зарринкуб // Адаб. – 2003. – № 7-8. – С. 20-28.
61. Зеҳнӣ, Т. Санъати сухан [Матн] / Т. Зеҳнӣ. – Душанбе: Маориф, 1992. – 184 с.
62. Каландаров, Х. С. Исмаилизм и таджикско-персидская литература X-XII вв.: диссертация доктора филологических наук: 10.01.03 [Текст] / Каландаров Хоким Сафарбекович. – Душанбе, 2014. – 324 с.
63. Корнеева, Т.Г. Насир Хурав и его философские взгляды [Текст] / Т.Г. Корнеева. – М.: ООО «Садра», 2021. – 224 с.
64. Конрад, Н.И. Избранные труды. Литература и театр [Текст]. – М.: Наука, 1978. – 462 с.

65. Корженевский, Н. Л. Путешествие Н. Л. Корженевского по Памирам, Шугнану и Вахану [Текст] / Н. Л. Корженевский // Ежегодн. Русск. Горн, о-ва. Т. 3. – СПб., 1903. – С. 136-138.
66. Корбен, А. История исламской философии [Текст] / А. Корбен. – М.: Прогресс–Традиция. – 360 с.
67. Кӯчаров, А. Масъалаҳои матншиносии адабиёти тоҷик [Матн] / А. Кӯчаров. – Душанбе: Маориф, 1994. – 142 с.
68. Кӯчаров, А. Матншиносӣ [Матн] / А. Кӯчаров. – Душанбе: ТоРус, 2017. – 224 с.
69. Лихачев, Д. С. Поэтика древнерусской литературы [Текст] / Д. С. Лихачев. – Л.: Худ. литература, 1987. – 656 с.
70. Мақсудов, Б. Нусхашиносӣ ва таърихчаи он [Матн] / Б. Мақсудов // Садои Шарқ. – 2023. – №5. – С. 124-139.
71. Маликушшуаро, Баҳор. Сабкшиносӣ [Матн] / Маликушшуарои Баҳор. – Теҳрон: Муассисаи интишороти Амири Кабир, 1380.
72. Маслова, Н.М. Путевой очерк: проблемы жанра [Текст] / Н.М. Маслова. – М., 1980.
73. Мардони, Т. Носир Хусрав и арабоязычная культура [Текст]. – Душанбе, 2005. – 143 с.
74. Мирзозода, Х. Хрестоматикаи Адабиёти Ватан [Матн] / Х. Мирзозода. – Сталинобод, 1956.
75. Мирзозода, Х. Таърихи адабиёти тоҷик. Китоби 1 [Матн] / Х. Мирзозода. – Душанбе: Маориф, 1989. – 422 с.
76. Михайлов, В.А. Эволюция жанра литературного путешествия в произведениях русских писателей XVIII XIX вв. [Текст] / В.А. Михайлов. – Волгоград, 1999.
77. Муродова, Т. Джомеъ-ул-хикматайн Носира Хусрава как философский труд. Автореф, дис. канд. филос. наук [Текст] / Т. Муродова. – Алма-Ата, 1985. – 18 с.

78. Мусулмонқулов, Р. «Сафарнома» асари адабӣ нест? [Матн] / Р. Мусулмонкулов // Комсомоли Тоҷикистон. – 1966. – 13 январ.
79. Мусулмониён, Р. Назарияи адабиёт [Матн] / Р. Мусулмониён. – Душанбе: Маориф, 1990. – 334 с.
80. Мусулмониён, Р. Назарияи ҷинсҳо ва жанрҳои адабӣ [Матн] / Р. Мусулмониён. – Душанбе: Маориф, 1987. – 88 с.
81. Мусулмониён, Р. Пораи Самарқанд. Бозшинохти Ҳаким Носири Хусрави Қубодиёнӣ ба роҳнамоии осораш [Матн] / Р. Мусулмониён. – Теҳрон, 2000. – 189 с.
82.Муҳаққиқ, Маҳдӣ. Шарҳи сӣ қасида аз Ҳаким Носири Хусрави Кубодиёнӣ [Матн] / Маҳдии Муҳаққиқ. – Теҳрон, 1380. – 278 с.
83. Назариев, Р. Социальная философия «Ихван ас-сафа» и Насира Хусрава (сравнительный анализ) [Текст] / Р. Назариев. – Душанбе, 2011. – 350 с.
84. Назариев, Р., Назарамонов, Ш. Фарҳанги забони Носири Хусрав [Матн] / Р. Назариев, Ш. Назарамонов. – Душанбе, 2017. – 780 с.
85. Набиев, А. Адабиёт ва нақди адабӣ [Матн] / А. Набиев. – Душанбе: Адиб, 1993. – 260 с.
86. Набиев, А. Эҷоди бадеӣ, инсон ва замон [Матн] / А. Набиев. – Душанбе: Ирфон, 1983. –144 с.
87. Набавӣ, А. Ҷусторҳо ва ибтикорот дар наср [Матн] / А. Набавӣ. – Душанбе: Адиб, 2009. – 322 с.
88. Набиева, Р. Культура таджикского народа во второй половине XIX в. [Текст] / Р. Набиева // История Таджикской ССР. – Душанбе: Маориф, 1983.
89. Насриддинов, А. Маърифат ва шарҳи адабиёт [Матн] / А. Насриддинов. – Душанбе: Ирфон, 1991. – 192 с.
90. Никитина, В.Б. Некоторые особенности лирики Носира Хусрава. Дисс. канд. филол. наук, в 2-х томах [Текст] / В.Б. Никитина. – М.: 1955. – 644 с.
91. Никитина, В.Б. Оид ба масъалаи маҳорати бадеии Носири Хусрав [Матн] / В.Б. Никитина // Шарқи сурх. – 1957. –№8. – С. 11-22.

92. Новиков, Л.А. Художественный текст и его апали [Текст] / Л.А. Новиков. – М., 1988.
93. Раҳмонӣ, Р. Таърихи гуфторӣ чист? [Матн] // Садои Шарқ. – 2013. – №2. – С. 133-141.
94. Рипка, Ян. История персидской и таджикской литературы [Текст] / Ян Рипка. – М.: Прогресс, 1970. – 450 с.
95. Рипка, Я., Клима, О., Бечка, И. История персидской и таджикской литературы [Текст] / Я. Рипка, О. Клима, И. Бечка. – М.: Прогресс, 1970. – 440 с.
96. Раҳмонов, А. Маърифати замон [Матн] / А. Раҳмонов. – Душанбе: Адиб, 1995. – 112 с.
97. Руднев, В.П. Словарь культуры XX века [Текст] / В.П. Руднев. – М.: Аграф, 1997. – 381 с.
98. Салимов, Ю. Насри ривоятии форсу тоҷик [Матн] / Ю. Салимов. – Душанбе: Дониш, 1971. – 156 с.
99. Салимов, Н. Маърифати бадеии таърих [Матн] / Н. Салимов. – Хуҷанд: Нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил, 1997. – 174 с.
100. Семенов, А.А. Носири Хусрав о мире духовном и материальном [Текст] / А.А. Семенов // Сборник Туркистанского восточного института в честь проф. А.Э. Шмидта. – Ташкент, 1923. – С. 124-133.
101. Семенов А.А. К биографии Носира Хусрава [Текст] / А.А. Семенов // Бюл. 1-го САГУ. –1924. –№3. – С. 64-66.
102. Семенов, А.А. Взгляд на Коран в восточном исмаилизме. Иран. Т. l [Текст] / А.А. Семенов. – Л., 1927. – С. 59-72.
103. Семенов, А.А. К догматике памирского исмаилизма [Текст] / А.А. Семенов. – Ташкент, 1926. – 52 с.
104. Семенов, А.А. Противоречия в учении о переселении душ у памирских исмаилитов и у Носира Хусрава [Текст] / А.А. Семенов // Бюл. САГУ. – 1925. – Вып. 9. – С. 103-117.

105. Семенов, А.А. Исмаилитская ода, посвященная воплощениям Алия – бога. Иран. Т. 2 [Текст] / А.А. Семенов. – Л., 1928. – С. 1-24.
106. Саидов, Ҷ. Мо ва Носири Хусрав [Матн] / Ҷ. Саидов. – Душанбе, 2004. – 52 с.
107. Сироджев, Ф. Проблема извечности мира в философии Ибн Сина [Текст] / Ф. Сироджев // Ибн Сина и средневековая философия. – Душанбе, 1981. – С. 104-119.
108. Сайфуллоев, А. Анъана ва навоварӣ дар насри солҳои 20-ум [Матн] / А. Сайфуллоев // Масъалаҳои адабиёти муосири тоҷик. – Душанбе: Ирфон, 1970. – 416 с.
109. Сайфуллоев, А. Мактаби Айнӣ [Матн] / А. Сайфуллоев. – Душанбе: Ирфон, 1978. – 352 с.
110. Самарканд и Ташкент. Живописи и рисунки А. Нюрнберга [Текст] В. Мидлер. – М.: 1992. Шуъбаи шарқшиносии АФ Ленинград, 1992. – №598
111. Самандаров, Г., Беҳбудӣ, М. Хрестоматияи адабиёти асри XIX [Матн] / Г. Самандаров, М. Беҳбудӣ. – Сталинобод, 1939 – 171 с.
112. Сатторзода, А. Куҳна ва нав. Форсизабонони бегона ва нав [Матн] / А. Сатторзода. – Душанбе: Адиб, 2004. – 253 с.
113. Сатторзода, А. Аристотель и таджикско-персидская литературная мысль (IX-XV вв.) [Текст] / А. Сатторзода. – Душанбе: Адиб, 2002. – 264 с.
114. Сатторов, А. Нуқтаи пайванд. Маҷмуаи мақолаҳо [Матн] / А. Сатторов. – Душанбе: Ирфон, 1982, – 240 с.
115. Сафо, З. Таърихи адабиёти Эрон [Матн] / Забеҳуллоҳи Сафо. – Душанбе: Интишори байналмиллалии Алҳудо, 2001. – 160 с.
116. Сафо, З. Таърихи адабиёт дар Эрон ва дар қаламрави забони порсӣ [Матн] / Забеҳуллоҳи Сафо. – Теҳрон, 1371 ҳ.
